Тақийюддин Набҳоний

# НИЗОМИ ИСЛОМ

Нашри
Ҳизби Таҳрир

Китоб бори аввал соли 1372 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 1953 милодӣ ба забони арабӣ чоп шудааст.

Чопи шашуми китоб ба забони арабӣ соли 1422 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2001 милодӣ ба вуқӯъ пайваст, ки он чопи мӯътамад ба ҳисоб меравад.

Тарҷумаи китоб ба забони тоҷикӣ соли 1431 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2010 милодӣ дар асоси чопи мӯътамад аз нав таҳия гардид.

# *МУНДАРИҶА*

Роҳи имон....4
Қазову қадар....16
Қиёдати фикрӣ дар Ислом....25
Кайфияти ҳамли даъвати исломӣ....62
Ҳазорати исломӣ....68
Низоми Ислом....73
Ҳукми шаръӣ....79
Навъҳои аҳкоми шаръӣ....81
Суннат....82
Пайравӣ аз корҳои Расул (с)....83
Табаннӣ кардани аҳкоми шаръӣ....84
Дустур ва қонун....86
Лоиҳаи дустури Давлати Хилофат....92
Аҳкоми умумӣ....92
Низоми ҳокимият....95
Халифа....96
Муовини тафвиз....101
Муовини танфиз....102
Волиён....103
Амири ҷиҳод: Идораи ҳарбӣ — артиш....105
Амнияти дохилӣ....106
Корҳои хориҷӣ....107
Идораи саноат....107
Қазо....107
Ҷиҳози идорӣ....110
Байтулмол....111
Иттилоот....112
Маҷлиси уммат....112
Низоми иҷтимоӣ....114
Низоми иқтисодӣ....116
Сиёсати таълим....124
Сиёсати хориҷӣ....126
Ахлоқ дар Ислом....129

بسم الله الرحمن الرحيم

## *РОҲИ ИМОН*

Инсон бо ёрии фикри худ дар бораи ҳаёт, коинот ва инсон, дар бораи вобастагии онҳо бо Вуҷуди пеш аз ҳаёти дунё ва Ҳаёти пас аз ҳаёти дунё бедор мешавад. Бинобар ин барои бедор шудани инсони имрӯза бояд фикри ӯро пурра, аз сар тағйир диҳем ва ба ҷои он фикри дигарро пайдо кунем. Зеро фикр дар хусуси чизҳо пиндорҳоро пайдо карда, ин пиндорҳоро ба як нуқта ҷамъ мекунад. Инсон мувофиқи пиндорҳои худ дар хусуси ҳаёт тарзи зиндагияшро ташкил медиҳад. Масалан, инсон бо шахси дӯстдоштааш мувофиқи пиндорҳои худ рафтор мекунад. Пиндорҳои инсон дар бораи шахсе, ки бад мебинад, тарзи муомилаи ӯро нисбат ба ин шахс муайян мекунад. Инчунин дар муомилаи инсон бо шахси ношинос, ки дар борааш пиндоре надорад, пиндорҳои ӯ ҷои асосиро ишғол мекунанд. Аз ин мебарояд, ки тарзи зиндагии инсон ба пиндорҳои ӯ вобаста аст. Агар мо тарзи зиндагии ақибмондаи инсонро тағйир дода, ба тарзи зиндагии пешқадам табдил доданӣ бошем, пеш аз ҳама бояд пиндори ӯро тағйир диҳем:

إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

**"Аллоҳ чизеро, ки аз они мардумест, дигаргун накунад, то он мардум худ дигаргун шаванд"** (13:11).

Роҳи ягонаи тағйир додани пиндорҳо эҷоди фикр дар хусуси ҳаёти дунё мебошад, то ки бо воситаи он пиндорҳои дурусттарин дар хусуси ҳаёти дунё ба вуҷуд оянд. Агар дар бораи коинот, инсон ва ҳаёт, дар бораи Вуҷуди пеш аз ҳаёти ин дунё ва Ҳаёти пас аз ҳаёти ин дунё, инчунин дар бораи вобастагии коинот, инсон, ҳаёт ба Вуҷуд ва Ҳаёти мазкур фикр

пайдо шавад, танҳо ҳамин вақт фикр дар хусуси ҳаёти ин дунё дар шакли самаранок ба як нуқта ҷамъ шуда, мутамарказ мегардад. Ин кор бо додани фикри куллӣ (умумӣ) дар хусуси чизҳое, ки берун аз коинот, инсон ва ҳаёт мебошанд ва ба доираи инҳо шомил нестанд, ба амал меояд. Чунки ин фикри куллӣ таҳкурсии фикрӣ буда, ба он ҳамаи фикрҳо дар бораи ҳаёт бунёд мегарданд. Додани фикри куллӣ дар хусуси ин чизҳо ҳалли муаммои бузурги инсон мебошад. Вақте ки ин муаммо ҳал карда мешавад, муаммоҳои дигар худ аз худ ҳал мегарданд, чунки муаммоҳои дигар нисбат ба муаммои бузург ҷузъиянд ё ки шохаҳои онанд. Вале, агар ин ҳал ҳалли дуруст буда, ба фитрати инсон мувофиқ ояд, ақлро қонеъ гардонад ва дилро аз осоиш пур созад, танҳо он гоҳ ба бедоршавии дуруст мебарад.

Ба вуҷуд овардани ин ҳалли дуруст фақат бо ёрии фикри равшан дар бораи коинот, инсон ва ҳаёт имконпазир аст. Бинобар ин хоҳишмандони бедорӣ ва орзумандони роҳи тараққиёт бояд дар навбати аввал ин муамморо бо ёрии фикри равшан дуруст ҳал кунанд. Ин ҳал ақида мебошад. Он таҳкурсии фикрист, ки ба он ҳамаи фикрҳои фаръӣ (дуюминдараҷа) дар хусуси тарзи зиндагӣ ва қонунҳои зиндагӣ бунёд мегарданд.

Ислом ба ин муаммои бузург диққату эътибори худро нигаронида, онро чунон ҳал кард, ки ба фитрати инсон мувофиқ меояд, ақлро аз қаноат ва дилро аз осоиш пур месозад. Ба Ислом даромаданро ба иқроршавии ин ҳал вобаста кард, ки ин иқрор аз ақл содир шавад. Аз ин ҷиҳат, Ислом ба асоси ягона, яъне ақида бунёд шудааст. Мазмуни ақида ин аст, ки берун аз коинот, инсон ва ҳаёт Холиқ (Офаранда)-е вуҷуд дорад, ки ҳамаи онҳоро офаридааст. Ӯ Аллоҳ Таолост. Ин Холиқ чизҳоро аз нестӣ ба вуҷуд овардааст. Ӯ зоти воҷибулвуҷуд (яъне ҳастияш зарурӣ) аст. Дар мавҷуд будан ба ҳеҷ касу чиз мӯҳтоҷ нест. Ӯ махлуқ нест, яъне аз тарафи дигар офарида нашудааст. Агар аз тарафи дигар офарида мешуд, Холиқ шуда наметавонист. Сифати холиқиаш тақозо мекунад, ки Ӯ аз тарафи дигаре офарида нашудааст ва воҷибулвуҷуд мебошад. Чунки ҳама чиз дар мавҷуд будан ба Ӯ такя мекунанду ба Ӯ

мӯҳтоҷанд. Аммо Ӯ ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нест ва дар мавҷуд будан ба ягон чиз такя намекунад.

Бояд ҳама чизҳо Холиқе дошта бошанд, ки онҳоро офаридааст. Инро чунин маънидод кардан мумкин аст. Чизҳое, ки ақл идрок мекунад, аз инсон, ҳаёт ва коинот иборатанд. Ин чизҳо маҳдуданд. Бинобар ин ҳар яки онҳо оҷиз, ноқис ва ба дигаре мӯҳтоҷ аст: Инсон маҳдуд аст, чунки ӯ дар ҳар соҳа то як ҳадде афзун мегардад, ки аз он ҳад гузашта наметавонад. Бинобар ин ӯ маҳдуд аст. Ҳаёт маҳдуд аст, чунки он фақат дар мавҷудоти ҷудогона (алоҳида) намоён мешавад. Дар мушоҳидаи ҳиссӣ маълум мешавад, ки ҳаёт дар вуҷуди ҷудогона, яъне дар як фард тамом мешавад. Аз ин мебарояд, ки ҳаёт низ маҳдуд аст. Коинот маҳдуд аст, чунки он маҷмӯи ҷисмҳост. Ҳар як ҷисми коинот маҳдуд аст. Худ аз худ маълум аст, ки маҷмӯи маҳдудот сареҳан маҳдуд мебошад. Аз ин мебарояд, ки коинот низ маҳдуд аст. Бинобар ин инсон, ҳаёт ва коинот маҳдуданд.

Вақте ки мо ба маҳдуд назар меафканем, мебинем, ки он азалӣ нест, яъне нуқтаи ибтидо (саршавӣ) дорад. Дар акси ҳол он маҳдуд намешуд. Барои ҳамин маҳдуд бояд аз тарафи дигаре офарида шавад. Ин Вуҷуди ғайри маҳдуд Офарандаи инсон, ҳаёт ва коинот мебошад. Ӯ ё аз тарафи дигаре офарида шудааст, ё худро офаридааст ва ё воҷибулвуҷуди азалист. Аз тарафи дигаре офарида шудани Офаранда нодуруст аст, чунки дар ин ҳол Ӯ маҳдуд мешавад. Инчунин худро офариданаш ботил аст, чунки Ӯ дар як вақт ҳам Офаранда ва ҳам махлуқ (аз тарафи дигаре офаридашуда) мешавад. Ин мутлақо ғайриимкон аст. Аз ин мебарояд, ки Холиқ бояд азалӣ ва воҷибулвуҷуд бошад ва Ӯ Аллоҳ Таолост. Ғайр аз ин, ҳар як соҳиби ақл танҳо аз ҳастии чизҳое, ки ҳисси ӯ меафтад, мавҷуд будани Офарандаеро идрок мекунад, ки онҳоро офаридааст. Чунки сифатҳои ноқисӣ, оҷизӣ ва мӯҳтоҷӣ ба дигаре дар ҳамаи ин чизҳо ба чашм намоён аст. Бинобар ин онҳо бешубҳа аз тарафи Офаранда офарида шудаанд. Аз ин рӯ, барои донистани мавҷуд будани Офарандаи мудаббир танҳо назарандозӣ ба ҳар як чизи коинот, ҳаёт ва инсон кифоя аст. Масалан, ба яке аз ситораҳои коинот назар андохтан, дар хусуси яке аз манзараҳои ҳаёт тааммул (андеша) кардан ва яке аз ҷиҳатҳои

инсонро идрок кардан ба мавҷудият, яъне ба ҳастии Аллоҳ Таоло қатъӣ далолат мекунад. Бо ин мақсад Қуръони Карим ба чизҳои гуногун диққату эътибори худро нигаронидааст. Қуръон инсонро даъват мекунад, ки ба ин чизҳо ва чизҳои атрофи онҳо ва алоқадори онҳо назар андозад ва бо ин ҳастии Аллоҳ Таолоро донад. Вақте ки инсон ба ин чизҳо назар меандозад, ба дигаре мўҳтоҷ будани онҳоро мебинад ва аз ин ҳастии Офарандаи мудаббир, яъне мавҷуд будани Аллоҳро қатъӣ идрок мекунад. Дар ин маъно садҳо оят мавҷуданд. Аллоҳ Таоло дар сураи "Оли Имрон" гуфтааст:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ لَآيَاتٍ لِأُولِي الْأَلْبَابِ

**"Албатта дар офариниши осмонҳову замин ва омадушуди шабу рўз хирадмандонро ибратҳост"** (3:190).
Аллоҳ Таоло дар сураи "Рум" гуфтааст:

فَلْيَنظُرِ الْإِنسَانُ مِمَّ خُلِقَخُلِقَ مِن مَّاء دَافِقٍيَخْرُجُ مِن بَيْنِ الصُّلْبِ وَالتَّرَائِبِ

**"Ва аз нишонаҳои қудрати Ўст офариниши осмонҳову замин ва гуногунии забонҳову рангҳоятон"** (30:22).
Аллоҳ Таоло дар сураи "Ғошия" гуфтааст:

أَفَلَا يَنظُرُونَ إِلَى الْإِبِلِ كَيْفَ خُلِقَتْ وَإِلَى السَّمَاء كَيْفَ رُفِعَتْ وَإِلَى الْجِبَالِ كَيْفَ نُصِبَتْ وَإِلَى الْأَرْضِ كَيْفَ سُطِحَتْ

**"Оё ба шутур наменигаранд, ки чӣ гуна офарида шуда? Ва ба осмон, ки чӣ гуна бардошта шуда? Ва ба кўҳҳо, ки чӣ гуна баланд кашида шуда? Ва ба замин, ки чӣ сон густурда шуда?"** (88:17-20).
Аллоҳ Таоло дар сураи "Ториқ" гуфтааст:

فَلْيَنْظُرِ الْإِنْسَانُ مِمَّ خُلِقَ خُلِقَ مِنْ مَاءٍ دَافِقٍ يَخْرُجُ مِنْ بَيْنِ الصُّلْبِ وَالتَّرَائِبِ

**"Пас одамӣ бингарад, ки аз чӣ чиз офарида шудааст. Аз обе ҷаҳанда офарида шудааст, ки аз миёни пушту сина берун меояд"** (86:5-7).

Аллоҳ Таоло дар сураи "Бақара" гуфтааст:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ وَالْفُلْكِ الَّتِي تَجْرِي فِي الْبَحْرِ بِمَا يَنْفَعُ النَّاسَ وَمَا أَنْزَلَ اللَّهُ مِنَ السَّمَاءِ مِنْ مَاءٍ فَأَحْيَا بِهِ الْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا وَبَثَّ فِيهَا مِنْ كُلِّ دَابَّةٍ وَتَصْرِيفِ الرِّيَاحِ وَالسَّحَابِ الْمُسَخَّرِ بَيْنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ لَآيَاتٍ لِقَوْمٍ يَعْقِلُونَ

**"Дар офариниши осмонҳову замин ва дар омадушуди шабу рӯз ва дар киштиҳое, ки дар дарё мераванд ва сабаби нафъи мардуманд ва дар бороне, ки Аллоҳ аз осмон фурӯ мефиристад то замини мурдаро ба он зинда созад ва ҷунбандагонро дар он пароканда кунад ва дар ҳаракати бодҳо ва абрҳои ромшуда миёни замину осмон, барои хирадмандоне, ки дармеёбанд, нишонаҳост!"** (2:164). Ин ва оятҳои дигар инсонро даъват мекунанд, ки ба ашё, чизҳои атрофи онҳо ва алоқадори онҳо амиқ назар андозад ва бо ин ҳастии Холиқи мудаббирро донад. Ҳатто имони ӯ ба Аллоҳ то андозаи имони пухта бирасад, ки аз ақлу далел ба вуҷуд омадааст.

Оре, имон ба Холиқи мудаббир (идоракунандаи тамоми олам) дар ҳар як инсон табиӣ (фитрӣ) мебошад. Ин имони табиӣ бо роҳи виҷдон пайдо мешавад. Роҳи виҷдон роҳест, ки ба оқибати он боварӣ нест. Агар ба ҳоли худ вогузошта шавад, ба як нуқта мутамарказ шуда наметавонад. Виҷдон одатан ба Офарандаи имоновардаи худ чизҳоеро изофа мекунад, ки воқеан вуҷуд надоранд. Лекин виҷдон хаёл мекунад, ки ин чизҳо сифатҳои ҷудонопазири Офаранда мебошанд. Дар натиҷа ба куфр ё залолат (гумроҳӣ) гирифтор мешавад. Парастиши бутҳо, боварӣ ба хурофоту афсонаҳои сохтаю беасос ҷуз натиҷаи хатои виҷдон чизи дигар нест. Барои ҳамин Ислом танҳо худи виҷдонро ҳамчун роҳи имон эътироф накард, то ки он ба Аллоҳ Таоло сифатҳоеро набофад, ки зидди улуҳияти Ӯ мебошанд, ё гумон накунад, ки дар чизҳои моддӣ муҷассам шудани Ӯ мумкин аст, ё тасаввур накунад, ки тавассути парастиши чизҳои моддӣ ба Ӯ қаробат (наздикӣ) ҳосил кардан мумкин аст. Чунки ин ё ба куфр, ё ба ширк, ё ба ривояти беасос ва ё ба хурофот мебарад, ки инҳоро имони ҳақиқӣ рад

мекунад. Бо туфайли ин Ислом даъват мекунад, ки бо баробари виҷдон ақл истифода шавад. Ислом ба муслим шарт кард, ки ҳангоми имон овардан ба Аллоҳ Таоло ақли худро истифода барад. Ислом муслимро дар боби ақида аз тақлиди дигарон боздошт ва ҳангоми имон овардан ба Аллоҳ Таоло ақлро ҳукмфармо кард. Аллоҳ Таоло гуфтааст:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ لَآيَاتٍ لِأُولِي الْأَلْبَابِ

"**Албатта дар офариниши осмонҳову замин ва омадушуди шабу рӯз хирадмандонро ибратҳост**" (3:190).

Барои ҳамин ҳар як муслим бояд имони худро ба андозае расонад, ки аз фикррони, баҳсу ҷустуҷӯ ва назари ибрат ба вуҷуд меояд. Инчунин ӯ бояд дар боби имон ба Аллоҳ Таоло ақлу идрокро ҳаками мутлақ қарор диҳад. Қуръони Карим дар сураҳои гуногуни худ инсонро даъват мекунад, ки ба коинот назар андозад, қонуниятҳои онро омӯзад ва бо ин барои имон ба
Офарандае, ки ӯро аз нести ба вуҷуд овардааст, роҳ ёбад. Қуръони Карим ин даъватро садҳо маротиба такрор мекунад. Ҳамаи ин даъватҳо ба тавоноии ақли инсон нигаронида шуда, ӯро ба фикру андеша мехонанд, то имони ӯ дар асоси ақлу далел пайдо шавад. Ин даъватҳо инсонро огоҳ мекунанд, ки ақидаҳои ниёгонро бе фикррони дар бораи онҳо, бе тафтишу омӯзиш ва бе ҳосил кардани бовари ба ҳақиқат будани онҳо кӯр-кӯрона қабул накунад. Ин имонест, ки Ислом талаб мекунад. Ин имоне нест, ки онро имони оҷизон меноманд. Балки ин имони соҳиби фикри дурахшон ва далели аниқ мебошад, ки ба ҳар чиз гаштаю баргашта назар андохта, пайваста фикр рондааст, пасон бо ёрии назарандози ва фикррони ба ҳастии Аллоҳи тавоною бузург аниқ бовар кардааст.

Гарчи дар роҳи имон овардан ба Аллоҳ Таоло ақлро истифода бурдани инсон зарур бошад ҳам, чизҳои берун аз доираи имконияти узвҳои ҳис ва ақли худро идрок кардани ӯ ғайриимкон аст. Бояд инро чунин идрок кард: Ақли инсон маҳдуд аст. Инчунин тавоноии ақли ӯ маҳдуд аст, ҳарчанд то ҳудуди гузаштанашаванда боло равад ва тараққи кунад ҳам.

Бинобар ин қобилияти идроки инсон маҳдуд аст. Аз ин ҷо муқаррар аст, ки ақл аз идроки зоти Аллоҳ ва аз ҳақиқати Ӯ оҷиз мебошад. Чунки Аллоҳ берун аз коинот, инсон ва ҳаёт аст. Ақли инсон моҳият (ҳақиқат)и чизҳои берун аз инсон, ҳаёт ва коинотро идрок карда наметавонад. Бинобар ин ақли инсон аз идроки зоти Аллоҳ оҷиз аст. Дар ин ҷо "Чӣ тавр инсон бо ёрии ақл ба Аллоҳ бовар мекунад, ҳол он ки ақли ӯ аз идроки зоти Аллоҳ оҷиз бошад" гуфтан нодуруст аст. Чунки имон ба ҳастии Аллоҳ бовар кардан мебошад. Ҳастии Аллоҳ аз ҳастии махлуқоти офаридаи Ӯ идрок карда мешавад. Махлуқоти Ӯ инсон, ҳаёт ва коинот мебошанд. Инҳо ба доираи чизҳои ақлидроккунанда дохил мешаванд. Бинобар ин, вақте ки aқл онҳоро идрок мекунад, ҳастии Холиқеро идрок мекунад, ки онҳоро офаридааст. Ӯ Аллоҳ Таолост. Аз ин рӯ, боварӣ ба ҳастии Аллоҳ вазифаи ақл ва дар доираи ақл аст. Аммо идроки зоти Аллоҳ амри маҳол (ғайриимкон) аст. Чунки зоти Ӯ берун аз коинот, инсон ва ҳаёт аст. Аз ин мебарояд, ки Ӯ берун аз доираи ақл аст. Ақл чизҳои берун аз доираи худро идрок карда наметавонад, бинобар ин моҳият ва ҳақиқати онҳоро идрок карда наметавонад. Ин нуқсон
(норасогӣ)-и ақл бояд аз омилҳои пурзӯркунандаи имон бошад, на аз омилҳои шакку шубҳа пайдокунанда. Зеро, вақте ки имони мо ба Аллоҳ бо ёрии ақл ҳосил мешавад, идроки мо ба ҳастии Ӯ мукаммал мегардад. Вақте ки ҳастии Аллоҳ Таолоро ҳис кардани мо ба ақл пайваст мешавад, ҳастии Ӯро ҳис кардани мо ба дараҷаи ҳискунии аниқ мерасад. Ин ҳама дар мо нисбат ба тамоми сифатҳои улуҳият (худоӣ) идроки мукаммал ва ҳисси аниқро пайдо мекунад. Ин идроки мукаммал ва ҳисси аниқ бояд моро қонеъ гардонад, ки мо ҳақиқати Аллоҳро ҳаргиз идрок карда наметавонем, ҳарчанд бовари мо ба Ӯ пурзӯр бошад ҳам. Дар мавзӯъҳое, ки ақл аз идроки онҳо оҷиз аст, мо бояд ба маълумотҳои аз тарафи Аллоҳ фиристодашуда таслим шавем. Инчунин ҳосил кардани қаноат ба зарурати ин вазифаи идрок ва ҳисси мазкур аст. Сабаб ин аст, ки ақли инсон бо ченаку андозаҳои нисбӣ ва маҳдуди худ аз идроки чизҳои берун аз доираи худ табиатан оҷиз аст. Чунки идроки мазкур ба ченаку андозаҳои ғайринисбӣ ва номаҳдуд мӯҳтоҷ

аст. Ҳол он ки инсон дорои чунин андозаҳо нест, инчунин онҳоро ба даст даровarда наметавонад.

Аммо исботи ҳоҷат ба пайғамбарон чунин аст. Аниқ аст, ки инсон офаридаи Аллоҳ Таолост ва диндорӣ дар инсон табиист. Чунки диндорӣ яке аз ғариза (инстинкт)-ҳои инсон аст. Бинобар ин инсон табиатан Холиқи худро муқаддас мешуморад. Ин муқаддасшуморӣ ибодат, яъне парастиш аст. Ибодат алоқаи байни инсону Холиқ мебошад. Агар ин алоқа бе ягон низом вогузошта шавад, боиси вайроншавию беқароршавии ибодат ё парастиши ғайри Холиқ мегардад. Барои ҳамин ин алоқаро дар асоси як қонуну қоидаи дуруст ба тартиб даровардан зарур аст. Ин низом (қонуну қоида) набояд аз тарафи инсон тартиб дода шавад, чунки ӯ ҳақиқати Холиқро идрок карда наметавонад. Бинобар ин ӯ қонунеро тартиб дода наметавонад, ки алоқаи байни Холиқ ва инсонро ба тартиб медарорад. Аз ин мебарояд, ки низом бояд аз тарафи Холиқ бошад. Дар баробари ин, Холиқ бояд ин қонунро ба инсон расонад. Барои ин пайғамбарон заруранд, ки ба инсоният дини Аллоҳ Таолоро мерасонанд.

Далели дигар ба мӯҳтоҷии инсоният ба пайғамбарон ин аст, ки ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвии худро қонеъкунии инсон кори ҳатмӣ (маҷбурӣ) мебошад. Агар ин қонеъкунӣ бе ягон низом иҷро шавад, ба қонеъкунии хато ё нодуруст мебарад. Дар натиҷа сабабгори бадбахтии инсон мегардад. Бинобар ин низоме зарур аст, ки ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвии инсонро ба тартиб медарорад. Инсон ин қонуну қоидаро тартиб дода наметавонад. Чунки фаҳмишоти ӯ дар бораи танзими ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвии инсон ба тафовут, ихтилоф, зиддият ва таъсиргирӣ аз муҳити зисти худ гирифтор мешавад. Агар тартиб додани ин гуна низом ба инсон вогузошта шавад, низом ба тафовут, ихтилоф ва зиддиятҳо гирифтор шуда, боиси бадбахтии инсон мегардад. Бинобар ин низоме, ки ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвии инсонро ба танзим медарорад, бояд фақат аз тарафи Аллоҳ Таоло тартиб дода шавад.

Аммо исботи аз ҳузури Аллоҳ Таоло будани Қуръон чунин аст. Дар ҳақиқат Қуръон китоби арабист. Онро Муҳаммад (с) овардаанд. Қуръон ё аз тарафи арабҳо, ё аз тарафи Муҳаммад (с) эҷод шудааст, ё ки аз тарафи Аллоҳ Таоло нозил шудааст.

Ғайр аз ин се, аз тарафи дигар будани Қуръон мумкин нест. Чунки он ба забони арабӣ ва дар услуби арабӣ нозил шудааст.

Аммо "Қуръон аз тарафи арабҳо эҷод шудааст" гуфтан нодуруст аст. Чунки Қуръон онҳоро ба баҳс хонда, дар эҷоди сурае, монанди ҷумла ва ибораҳои Қуръон, ба қувваозмоӣ даъват кард:

**قُلْ فَأْتُوا بِعَشْرِ سُوَرٍ مِثْلِهِ**

**"Бигӯ: Даҳ сура мисли он биёред"** (11:13),

**قُلْ فَأْتُوا بِسُورَةٍ مِثْلِهِ**

**"Бигӯ: Сурае мисли он биёред"** (10:38).

Арабҳо дар ин соҳа кӯшиш карданд. Вале аз ӯҳдаи иҷрои ин таклиф баромада натавонистанд. Аз ин мебарояд, ки Қуръон сухани онҳо нест. Зеро арабҳо, новобаста аз он ки Қуръон онҳоро ба баҳс хонд ва онҳо дар ин баҳс ба қувваозмоӣ ҳаракат карданд, монанди он сурае эҷод карда натавонистанд. Инчунин аз тарафи Муҳаммад (с) эҷод шудани Қуръон нодуруст аст. Чунки Муҳаммад (с) як вакили халқи араб мебошанд. Ҳарчанд истеъдоди як даҳо боло равад ҳам, ӯ ҳамчун инсон ва фарзанди ҷомеаю халқи худ боқӣ мемонад. Модом ки арабҳо монанди Қуръон асари мукаммал эҷод карда натавонистаанд, пас ин сухан бо маънои том ба Муҳаммад (с), ки фарзанди араб мебошанд, тааллуқ дорад. Аз ин мебарояд, ки Қуръон аз тарафи Муҳаммад (с) эҷод нашудааст. Ғайр аз ин, бисёр ҳадисҳои саҳеҳи Муҳаммад (с) мавҷуданд. Инчунин аз он кас ҳадисҳои мутавотире ривоят шудаанд, ки мутлақо рост мебошанд. Агар ҳадисе бо ояте муқоиса карда шавад, аз ҷиҳати услуб дар байни онҳо ҳеҷ монандӣ ёфт намешавад. Ҳол он ки он кас дар як вақт ояти нозилшударо хонда, пасон ҳадисро гӯянд, дар байни онҳо аз ҷиҳати услуб фарқи аниқ ҳис карда мешуд. Ҳарчанд инсон зӯр занад, ки фикри худро бо роҳҳои гуногун ифода кунад, монандии онҳо аз ҷиҳати услуб ҳис карда мешавад. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки Қуръон асло гуфтори Муҳаммад (с) нест. Зеро дар байни ҳадису оят аз ҷиҳати услуб монандӣ вуҷуд надорад ва дар байни Қуръон ва суханҳои Муҳаммад (с) фарқи кушоду равшан мавҷуд аст. Ғайр аз ин, ягона даъвои арабҳо ин буд, ки мегуфтанд: "Муҳаммад Қуръонро аз як бачаи

насронӣ, ки номаш Ҷабр аст, меомӯзад". Барои ҳамин Аллоҳ Таоло даъвои онҳоро рад карда, чунин гуфтааст:

وَلَقَدْ نَعْلَمُ أَنَّهُمْ يَقُولُونَ إِنَّمَا يُعَلِّمُهُ بَشَرٌ لِسَانُ الَّذِي يُلْحِدُونَ إِلَيْهِ أَعْجَمِيٌّ وَهَٰذَا لِسَانٌ عَرَبِيٌّ مُبِينٌ

**"Медонем, ки мегӯянд: "Ин Қуръонро башаре ба ӯ меомӯзад". Забони касе, ки ба ӯ нисбат медиҳанд, аҷамист, ҳол он ки ин забони арабии равшанест"** (16:103).

Аз мулоҳизоти боло бармеояд, ки Қуръон на сухани арабҳо ва на гуфтори Муҳаммад (с) аст. Бинобар ин қатъӣ хулоса кардан мумкин аст, ки Қуръон каломи Аллоҳ буда, барои шахси онро оварда мӯъҷиза мебошад.

Қуръонро Муҳаммад (с) овардаанд. Қуръон калом ва шариати Аллоҳ аст. Шариати Аллоҳро фақат набиён ва расулони Ӯ меоранд. Аз ин далели ақлӣ қатъӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки Муҳаммад (с) набӣ ва расул мебошанд.

Ин ҳама ба ҳастии Аллоҳ, пайғамбарии Муҳаммад (с) ва каломи Аллоҳ Таоло будани Қуръон далелҳои ақлиянд.

Бинобар ин имон ба Аллоҳ бо ёрии ақл ҳосил карда шуд. Чунки имон бояд фақат бо воситаи ақл ҳосил карда шавад. Бо ин имони мазкур барои боварӣ ба мавҷудоти нонамоён (муғайябот) ва ҳар як чизи ба мо хабардодаи Аллоҳ Таоло пойдевор мешавад. Модом ки мо ба Аллоҳ Таоло имон овардаем ва Ӯ бо сифатҳои улуҳият мавсуф аст, ба мо ҳатман воҷиб мешавад, ки ба ҳама чизҳои хабардодаи Аллоҳ бовар кунем, хоҳ ақл онҳоро идрок кунад, хоҳ онҳо аз ақл берун бошанд. Зеро Аллоҳ Таоло дар бораи онҳо ба мо хабар додааст. Аз ин ҷо зарур аст, ки ба азнавзиндашавӣ, ба як майдон ҷамъ шудан, ҷаннат, дӯзах, муҳосаба, азоб, фариштаҳо, ҷинҳо, шайтонҳо ва дигар чизҳо имон биёрем. Зеро инҳо дар Қуръони Карим ва ҳадисҳои қатъӣ (мутавотир) омадаанд. Гарчи ин имони дар натиҷаи чизҳои нақлшуда ва аз шахсони боваринок шунидашуда ҳосил шуда бошад ҳам, он дар асл имони ақлист. Чунки аслу асоси он бо ёрии ақл исбот шудааст. Бинобар ин ақидаи ҳар як муслим бояд танҳо ба ақл ё ки ҳуҷҷате асос ёбад, ки аслу асосаш бо ёрии ақл исбот шудааст. Аз ин мебарояд, ки муслим бояд танҳо ба маълумотҳои бо ёрии ақл исботшуда ё бо

роҳи шунидани қатъию аниқ дастрасшуда эътиқод кунад. Яъне ӯ бояд ба маълумотҳои бо ёрии Қуръони Карим ва ҳадиси қатъӣ (мутоватир) исботшуда эътиқод кунад. Эътиқод ба ҳар гуна маълумоте, ки бо воситаи ин ду роҳ, яъне ақл ва китоб (Қуръон)-у суннати қатъӣ исбот нашудааст, барои муслим ҳаром аст. Чунки ақидаҳо фақат аз далели аниқ ва боваринок гирифта мешаванд.

Бинобар ин имон овардан ба Вуҷуди пеш аз ҳаёти ин дунё, яъне Аллоҳ Таоло ва он чи пас аз ҳаёти ин дунё, яъне рӯзи Қиёмат воҷиб аст. Фармонҳои Аллоҳ ва ҳодисаи офариниш вобастагии ҳаёт ба Вуҷуди пеш аз ҳаёт аст. Муҳосабаи корҳои дар ҳаёт анҷомдодаи инсон ва азнавзиндашавию ба як ҷо ҷамъшавӣ вобастагии ҳаёт ба Ҳаёти пас аз ҳаёт (яъне охират) аст. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки бешубҳа ин ҳаёт ба моқабли худ ва мобаъди худ бояд вобастагӣ дошта бошад. Инчунин тамоми ҳолатҳои инсон дар ҳаёти ин дунё аз ин алоқа вобаста бошад. Бинобар ин инсон бояд дар ҳаёт мувофиқи қонунҳои Аллоҳ Таоло зиндагӣ кунад ва эътиқод кунад, ки Аллоҳ ӯро рӯзи Қиёмат дар бораи корҳои дар дунё анҷомдодааш муҳосаба мекунад.

Бо ин дар бораи чизҳои берун аз коинот, ҳаёт ва инсон фикри равшан ба вуҷуд омад. Инчунин дар бораи вуҷудҳои пеш аз ҳаёт ва пас аз он, дар бораи вобастагии ҳаёт ба вуҷудҳои пеш аз ҳаёт ва пас аз он фикри равшан ҳосил шуд. Дар натиҷа муаммои бузург батамом бо ёрии Ақидаи Исломӣ ҳал карда шуд.

Вақте ки инсон ба ин ҳал мерасад, барои эҷоди фикр дар бораи ҳаёти дунё ва пиндорҳои самараноку дурусттарин дар бораи он имкон меёбад. Айнан ҳамин ҳал асос ва пойдевори мабдаъест, ки барои бедоршавӣ интихоб шудааст. Инчунин он пойдевори ҷаҳонбинии ин мабдаъ ва низом аст, ки аз мабдаъ сарчашма мегиранд. Боз он пойдевори давлате мебошад, ки дар асоси ин мабдаъ бунёд мешавад. Аз ин мебарояд, ки ин ҳал асос аст, ки Ислом аз ҷиҳати фикрат ва тариқат бунёд шудааст, яъне Ақидаи Исломӣ мебошад.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا آمِنُوا بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ وَالْكِتَابِ الَّذِي نَزَّلَ عَلَىٰ رَسُولِهِ وَالْكِتَابِ الَّذِي أَنْزَلَ مِنْ قَبْلُ ۚ وَمَنْ يَكْفُرْ بِاللَّهِ وَمَلَائِكَتِهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَالًا بَعِيدًا

**"Эй касоне, ки имон овардаед, ба Аллоҳу пайғамбараш ва ин китоб, ки бар пайғамбараш нозил карда ва он китоб, ки пеш аз он нозил карда, ба ҳақиқат имон биёваред. Ва ҳар кӣ ба Аллоҳу фариштагонаш ва китобҳояш ва пайғамбаронаш ва ба рӯзи қиёмат кофир шавад, сахт дар гумроҳӣ афтодааст"** (4:136).

Чун фикрҳои мазкур, ки бешубҳа бовар кардан лозим аст, қарор меёбанд, барои ҳар як муслим ба ҳамаи шариати Ислом бовар кардан лозим мегардад. Чунки шариати Ислом дар Қуръони Карим омадааст ва Расулуллоҳ (с) онро овардаанд. Баръакс ӯ кофир мешавад. Барои ҳамин инкори аҳкоми шаръӣ бо пуррагӣ ё инкори қонунҳои муфассали қатъӣ исботшудаи он куфр аст. Ин қонунҳо хоҳ ба ибодатҳо, хоҳ ба муомалот, хоҳ ба уқубот (чораҳои ҷазо) ва хоҳ ба матъумот (хӯрокворӣ) тааллуқ дошта бошанд. Бинобар ин, инкори ҳар яки оятҳои зерин куфр аст:

وَأَقِيمُوا الصَّلَاةَ وَآتُوا الزَّكَاةَ وَارْكَعُوا مَعَ الرَّاكِعِينَ

**"Намозро барпо кунед"** (2:43),

وَأَحَلَّ اللَّهُ الْبَيْعَ وَحَرَّمَ الرِّبَا

**"Дар ҳоле, ки Аллоҳ харидуфурӯшро ҳалол ва рибоoро ҳаром кардааст"** (2:275),

وَالسَّارِقُ وَالسَّارِقَةُ فَاقْطَعُوا أَيْدِيَهُمَا

**"Дасти марди дузд ва зани дуздро бибуред"** (5:38),

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمُ الْمَيْتَةُ وَالدَّمُ وَلَحْمُ الْخِنْزِيرِ وَمَا أُهِلَّ لِغَيْرِ اللَّهِ بِهِ

**"Ҳаром шуд бар шумо мурда ва хун ва гӯшти хук ва ҳар ҳайвоне, ки ба ҳангоми куштанаш номи дигаре ҷуз Аллоҳро бар ӯ бигӯянд"** (5:3). Ба Шариат имон овардан ба ақл вобаста нест. Балки ба ҳамаи қонунҳои Шариат, ки аз тарафи Аллоҳ Таоло омадаанд, мутлақ таслим шудан зарур аст:

فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لَا يَجِدُوا فِي أَنْفُسِهِمْ حَرَجًا مِمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيمًا

**"На, савганд ба Парвардигорат, ки имон наёваранд, магар он, ки дар низоъе, ки миёни онҳост, туро довар қарор диҳанд ва аз ҳукме, ки ту медиҳӣ, ҳеҷ нохушнуд нашаванд ва саросар таслими он гарданд"** (4:65).

Аллоҳ Таоло дар сураи "Оли Имрон" гуфтааст:

وَمَا كَانَ لِنَفْسٍ أَنْ تَمُوتَ إِلَّا بِإِذْنِ اللَّهِ كِتَابًا مُؤَجَّلًا وَمَنْ يُرِدْ ثَوَابَ الدُّنْيَا نُؤْتِهِ مِنْهَا وَمَنْ يُرِدْ ثَوَابَ الْآخِرَةِ نُؤْتِهِ مِنْهَا وَسَنَجْزِي الشَّاكِرِينَ

**"Ҳеч кас бе фармони Аллоҳ намемирад. Муддат навишта шудааст"** (3:145). Дар сураи "Аъроф" гуфтааст:

وَلِكُلِّ أُمَّةٍ أَجَلٌ فَإِذَا جَاءَ أَجَلُهُمْ لَا يَسْتَأْخِرُونَ سَاعَةً وَلَا يَسْتَقْدِمُونَ

**"Ҳар умматеро муддати умрест. Чун аҷалашон фаро расад, як соат пешу пас нашаванд"** (7:34). Дар сураи "Ҳадид" гуфтааст:

مَا أَصَابَ مِنْ مُصِيبَةٍ فِي الْأَرْضِ وَلَا فِي أَنْفُسِكُمْ إِلَّا فِي كِتَابٍ مِنْ قَبْلِ أَنْ نَبْرَأَهَا ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى اللَّهِ يَسِيرٌ

**"Ҳар мусибате ба мол ё ба ҷонатон расад, албатта пеш аз он ки биёфаринемаш, дар китобе навишта шудааст ва ин бар Аллоҳ осон аст!"** (57:22). Дар сураи "Тавба" гуфтааст:

قُلْ لَنْ يُصِيبَنَا إِلَّا مَا كَتَبَ اللَّهُ لَنَا هُوَ مَوْلَانَا وَعَلَى اللَّهِ فَلْيَتَوَكَّلِ الْمُؤْمِنُونَ

**"Бигӯ: "Мусибате ҷуз он чӣ Аллоҳ барои мо муқаррар кардааст, ба мо нахоҳад расид. Ӯ мавлои мост ва мӯъминон бар Аллоҳ таваккал кунанд""** (9:51).

Дар сураи "Сабо" гуфтааст:

لَا يَعْزُبُ عَنْهُ مِثْقَالُ ذَرَّةٍ فِي السَّمَاوَاتِ وَلَا فِي الْأَرْضِ وَلَا أَصْغَرُ مِن ذَٰلِكَ وَلَا أَكْبَرُ إِلَّا فِي كِتَابٍ مُّبِينٍ

**"Ба қадри заррае ё кучактар аз он ва ё бузургтар аз он дар осмонҳову замин аз Аллоҳ пинҳон нест ва ҳама дар китоби мубин омадааст"** (34:3).

Дар сураи "Анъом" гуфтааст:

وَهُوَ الَّذِي يَتَوَفَّاكُمْ بِاللَّيْلِ وَيَعْلَمُ مَا جَرَحْتُمْ بِالنَّهَارِ ثُمَّ يَبْعَثُكُمْ فِيهِ لِيُقْضَىٰ أَجَلٌ مُسَمًّى ثُمَّ إِلَيْهِ مَرْجِعُكُمْ ثُمَّ يُنَبِّئُكُمْ بِمَا كُنْتُمْ تَعْمَلُونَ

**"Ва Ӯст, ки шуморо шабҳангом мемиронад ва ҳар чӣ дар рӯз кардаед, медонад, он гоҳ бомдодон шуморо зинда месозад, то он ҳангом, ки муддати муайяни умратон ба поён расад. Сипас бозгаштатон ба назди Ӯст ва шуморо аз он чӣ кардаед, огоҳ мекунад"** (6:60).

Дар сураи "Нисо" гуфтааст:

أَيْنَمَا تَكُونُوا يُدْرِكْكُمُ الْمَوْتُ وَلَوْ كُنْتُمْ فِي بُرُوجٍ مُشَيَّدَةٍ وَإِنْ تُصِبْهُمْ حَسَنَةٌ يَقُولُوا هَٰذِهِ مِنْ عِنْدِ اللَّهِ وَإِنْ تُصِبْهُمْ سَيِّئَةٌ يَقُولُوا هَٰذِهِ مِنْ عِنْدِكَ قُلْ كُلٌّ مِنْ عِنْدِ اللَّهِ فَمَالِ هَٰؤُلَاءِ الْقَوْمِ لَا يَكَادُونَ يَفْقَهُونَ حَدِيثًا

**"Ҳар ҷо, ки бошед, агарчи дар ҳисорҳои сахт устувор бошед, марг шуморо дармеёбад. Ва агар хайре ба онҳо расад, мегӯянд, ки аз ҷониби Аллоҳ буд ва агар шарре ба онҳо расад, мегӯянд, ки аз ҷониби ту буд. Бигӯ: "Ҳама аз ҷониби Аллоҳ аст". Чӣ бар сари ин қавм омадааст, ки ҳеҷ суханеро намефаҳманд?"** (4:78).

Аксари одамон ин ва оятҳои монанди инро ба масъалаи "қазову қадар" ҳамчун далел меоранд. Чунон далел меоранд, ки аз ин далел фаҳмида мешавад, гӯё инсон дар корҳои анҷомдодаистодааш маҷбур карда мешавад, корҳоро дар зери маҷбурияти ирода ва хоҳиши Аллоҳ иҷро мекунад ва гӯё Аллоҳ инсонро ва амали ӯро (бе ихтиёри ӯ) офаридааст, яъне кори ӯро низ Аллоҳ иҷро мекунад. Онҳо гуфтор ва даъвои худро бо сухани зерини Аллоҳ Таоло таъкид карданӣ мешаванд:

وَاللَّهُ خَلَقَكُمْ وَمَا تَعْمَلُونَ

**"Аллоҳи яктост, ки шумо ва ҳар чӣ месозед, офаридааст"** (37:96). Инчунин онҳо фикри худро бо ҳадисҳо устувор карданӣ мешаванд.

Ҳадиси зерини Муҳаммад (с)-ро ҳамчун далел меоранд:

فَثُ رُوحُ القُدُسِ فِ رَوْعِي، لَنْ تَ َوت نَ ْفس َحتَّى تَ ْستَ ْوفِ رِزْقَهَا وأَجلَهَا وَما قُدِّرَ لَهَا

**"Руҳулқудс ба дилам ин суханҳоро ҷо ба ҷо кард: "Ҳеҷ як ҷон ҳаргиз намемирад, то ки ризқи худро нахӯрад, аҷал, яъне умри ба ӯ таъиншударо паси сар накунад ва чизҳои барои ӯ тақдир кардашударо пурра дар амал набинад".**

Маълум аст, ки масъалаи "қазову қадар" дар мазҳабҳои Ислом ҷои басо муҳимро ишғол мекунад. Хулосаи фикри Аҳли сунна дар ин бора чунин аст: "Инсон дар анҷом додан ё надодани амалҳо (яъне касб кардани корҳо) ихтиёр дорад. Ӯ аз рӯи ихтиёри кардан ё накардан пурсида мешавад". Аммо фикри Мӯътазила чунин аст: "Инсон амалҳояшро худаш меофарад. Барои ин амалҳояш пурсида мешавад, чунки ин корҳоро худаш ба вуҷуд овардааст". Вакилони мазҳаби Ҷабрия чунин фикр доранд: "Аллоҳ бандаро ва корҳои ӯро меофарад. Барои ҳамин банда дар корҳои анҷомдиҳандаи худ маҷбур карда шудааст ва ихтиёр надорад. Ӯ монанди парест, ки шамол онро ба тарафи дилхоста ҳаракат мекунонад".

Шахсе, ки масъалаи "қазову қадар"-ро бо диққат меомӯзад, боварӣ ҳосил мекунад, ки дар ин соҳа баҳс кардан нозук буда, аниқ кардани асоси баҳс лозим аст. Корҳои инсон бо маънои "Аз тарафи ӯ ё аз тарафи Аллоҳ офарида шудааст?" ё ки илми Аллоҳ Таоло бо маънои "Аллоҳ Таоло мукаммал медонад, ки инсон кадом корро мекунад" ба баҳс асос карда намешаванд. Инчунин хоҳишу иродаи Аллоҳ бо маънои "Хоҳиши Аллоҳ Таоло ба кори инсон бевосита алоқадор аст, бо туфайли ин хоҳишу ирода кори инсон ба вуҷуд меояд" ё ки фикри "Корҳои инсон дар Лавҳулмаҳфуз навишта шудааст, барои ҳамин инсон чӣ навишта шуда бошад, ҳаминро анҷом медиҳад" асоси баҳс нестанд.

Оре, чизҳои дар боло зикршуда ба баҳси масъалаи қазову қадар асос шуда наметавонанд. Чунки ин чизҳо аз ҷиҳати савобу ҷазо ба мавзӯи қазову қадар алоқа надоранд. Балки онҳо аз ҷиҳати ба вуҷуд овардан, дониши ҳама чизро

иҳотакунанда, иродаи тааллуқдори ҳама мумкинот ва ҳама чизро дар бар гирифтани Лавҳулмаҳфуз ба мавзӯи қазову қадар алоқа доранд. Ин алоқа мавзӯи ҷудогона буда, аз мавзӯи савобгирӣ ё ҷазогирии инсон дар иҷрои корҳо дигар аст. Аммо асоси баҳс ин аст:

"Инсон дар иҷрои корҳои нек ё бад маҷбур аст ё боихтиёр? Инсон дар барпо ва тарки коре ихтиёр дорад ё на?"

Агар корҳои аз тарафи инсон баамалоянда амиқ тадқиқ карда шаванд, маълум мешавад, ки инсон дар ду доира зиндагӣ мекунад. Дар яке аз ин ду доира инсон ҳукм меронад ва ин доира дар зери тасарруфи инсон мебошад. Дар даруни ин доира инсон тамоми кору амалҳои худро бо ихтиёри пурраи худ барпо мекунад. Аммо доираи дуюм аз болои инсон ҳукм меронад. Ин майдонест, ки инсон дар даруни он бе ихтиёри худ зиндагӣ мекунад. Дар ин доира корҳое содир мешаванд, ки ба ихтиёри инсон алоқае надоранд, хоҳ аз тарафи ӯ воқеъ шаванд, хоҳ аз тарафи дигаре нисбат ба ӯ.

Инсон ба корҳое, ки дар доираи ба инсон ҳукмронанда рӯй медиҳанд, дахл надорад ва дар содир шудани онҳо аз ягон ҷиҳат иштирок намекунад. Ин корҳо ба ду қисм тақсим мешаванд: Якум: Корҳое, ки қонунҳои вуҷуд (табиат, ҳастӣ) тақозо мекунанд. Дуюм: Корҳое, ки ба ихтиёри инсон итоат намекунанд ва инсон худро аз онҳо мудофиа карда наметавонад, инчунин қонунҳои табиат тақозо намекунанд. Корҳое, ки қонунҳои ҳастӣ (табиат) тақозо мекунанд, инсонро ба итоати ин қонунҳо маҷбур месозанд. Инсон маҷбур аст, ки бо ин воқеа ва ҳодисаҳо созгор бошад. Чунки ӯ ҳамроҳи коинот ва ҳаёт дар асоси қонуни махсус ҳаракат мекунад, як қадам ҳам ақиб намемонад. Аз ин сабаб, амалу ҳодисаҳо дар ин майдон бе хоҳиши ӯ рӯй медиҳанд. Инсон дар ин майдон ба итоат кардан маҷбур буда, дорои ихтиёри худ нест. Масалан, инсон ба ин дунё бе ихтиёри худ омад ва бе хоҳишу иродаи худ аз он меравад. Ӯ бевосита бо ҷисми худ ба ҳаво парвоз карда наметавонад, бо вазни табиии худ дар сатҳи об гашта наметавонад. Инсон шаклу қиёфа ва қадду қоматашро дар сурати дилхостаи худ офарида наметавонад. Ҳамаи ин корҳоро Аллоҳ Таоло ба вуҷуд меорад. Инсоне, ки аз тарафи Аллоҳ Таоло офарида шудааст, ба ин корҳо ҳеҷ гуна таъсир ва

алоқа надорад. Чунки Аллоҳ қонунҳои тамоми ҳастиро офарида, табиатро ба ин қонунҳо сархам кунондааст. Ҳастӣ дар асоси ин қонунҳо ҳаракат мекунад ва имкони аз онҳо ақиб монданро надорад. Аммо корҳое, ки дар тавоноии инсон нестанду ӯ худро ҳимоя карда наметавонад, инчунин қонунҳои ҳастӣ (табиат) тақозо намекунанд, маҷбуран рӯй дода, инсон онҳоро аз худ мутлақо дафъ карда наметавонад. Масалан, шахсе аз болои девор ба болои каси дигар меафтаду ӯро ҳалок мекунад. Ё ки касе ба паррандае тир меандозаду дар ҳоли надонистан инсони дигарро мекушад. Ё худ дар натиҷаи шикасти ногаҳонӣ, ки имкони бартараф кардан нест, қатора (поезд), ё автомашина, ё ҳавопаймо ба ҳалокат дучор шуда, дар натиҷаи ин саворaҳо ҳалок мегарданд. Ё ки дигар мисолҳои монанди ин. Ин корҳое, ки аз тарафи инсон ё бар зидди ӯ содир мешаванд, бе хоҳишу иродаи инсон аз тарафи ӯ ё бар зидди ӯ рӯй медиҳанд, гарчи қонунҳои ҳастӣ (табиат) онҳоро тақозо намекунанд. Ҳамаи корҳои дар боло зикршуда корҳои доирае мебошанд, ки инсон беихтиёр ва беимкон аст. Ҳамаи ин корҳое, ки дар доираи мазкури ба инсон ҳукмронанда рӯй медиҳанд, қазо номида мешаванд. Чунки танҳо Аллоҳ Таоло ба содир шудани ин кору ҳодисаҳо ҳукм кардааст, яъне қазо кардааст. Аз ин сабаб, инсон дар ин корҳо пурсида намешавад, хоҳ дар ин барои ӯ нафъ бошад, хоҳ зарар, хоҳ инсон онҳоро писандад, хоҳ бад бинад. Яъне, гарчи некӣ ва бадии ин корҳоро ягона Аллоҳ Таоло донад ҳам ва инсон некӣ ва бадии ин корҳоро мувофиқи тафаккури худ маънидод кунад ҳам, барои онҳо пурсида намешавад. Чунки ӯ ба ин корҳо таъсир карда наметавонад, дар хусуси онҳо ва чӣ гуна ба вуҷуд омадани онҳо чизе намедонад, онҳоро аз худ дафъ карда ё ба худ ҷалб карда наметавонад. Инсон бояд имон биёрад, ки ин қазо буда, аз тарафи Аллоҳ иҷро шудааст.

Аммо қадар чунин аст: Бешубҳа, корҳо аз ҷониби ягон чизи коинот, инсон ва ҳаёт ё дар болои ин чиз рӯй медиҳад, чи дар доираи аз болои инсон ҳукмронанда, чи дар доираи инсон ҳукмронанда. Аллоҳ Таоло барои ин чизҳо хосса (хусусият)-ҳои муайянро офарид. Масалан, Аллоҳ Таоло дар оташ хосияти сӯзонданро, дар ҳезум хосияти сӯхтанро, дар корд хосияти буриданро офарид ва ин хосиятҳоро дар асоси

қонунҳои ҳастӣ (табиат) тағйирнаёбанда ва доимӣ кард. Агар ин хоссаҳо бар хилофи қонунҳои табиат тағйир ёбанд, пас Аллоҳ Таоло аз чизҳои мазкур хоссаҳои барои онҳо муайяншударо гирифтааст ва ин ҳодисаи ғайритабиӣ мебошад. Ин танҳо барои пайғамбарон рӯй дода, мӯъҷизаи онҳо ба ҳисоб меравад. Чунон ки Аллоҳ Таоло дар чизҳо хосиятҳоро офаридааст, дар инсон ғариза (инстинкт, хислати модарзод) ва ҳоҷоти узвиро офарид ва дар онҳо монанди хоссаҳои чизҳо хосиятҳои муайянро ба вуҷуд овард. Масалан, дар ғаризаи навъ хосияти майли ҷинсиро, дар ҳоҷоти узвӣ гуруснагӣ, ташнагӣ ва дигар хосиятҳоро офарид. Онҳоро дар асоси қонуни табиат ба хусусияти ҷудонопазири ғариза ва ҳоҷоти узвии мазкур табдил дод. Ин хосиятҳои муайян, ки Аллоҳ Таоло дар чизҳо ва ғаризаю ҳоҷоти узвии инсон офаридааст, қадар номида мешаванд. Чунки Аллоҳ Таоло ин чизҳо ва ғаризаю ҳоҷоти узвиро офарид ва дар онҳо хоссаҳои муайянро ба вуҷуд овард. Ин хосиятҳо бевосита аз худи чизҳо ва ғаризаю ҳоҷоти узвии инсон ба вуҷуд наомадаанд. Инсон дар пайдо кардани ғариза ва ҳоҷоти узвии худ алоқа ё таъсире надорад. Инсон бояд имон биёрад, ки Аллоҳи Субҳонаҳу ва Таоло хосиятҳои чизҳоро офаридааст. Дар ин хосиятҳо қобилияте мавҷуд аст. Агар инсон бо воситаи онҳо кореро мувофиқи фармонҳои Аллоҳ анҷом диҳад, некӣ мешавад ва агар бар зидди фармонҳои Аллоҳ иҷро кунад, бадӣ мешавад. Дар ин ҷо, агар коре мувофиқи фармонҳою боздоштҳои Аллоҳ бошад, некӣ ва агар зидди фармонҳою боздоштҳои Аллоҳ бошад, бадӣ рӯй медиҳад, хоҳ чизҳоро бо хосиятҳояш истеъмол кунад, хоҳ ғаризаю ҳоҷоти узвии худро қонеъ кунад.

Аз ин мебарояд, ки корҳое, ки дар доираи ба инсон ҳукмронанда содир мешаванд, аз тарафи Аллоҳ ҷорӣ мешаванд, хоҳ некӣ бошанд, хоҳ бадӣ. Инчунин хоссаҳои чизҳо ва ғаризаю ҳоҷоти узвии инсон аз тарафи Аллоҳ Таоло ба вуҷуд оварда шудааст, хоҳ натиҷаи хуб диҳад, хоҳ натиҷаи бад. Бинобар ин ҳар як муслим бояд имон биёрад, ки некӣ ва бадии қазо аз Аллоҳ Таолост, яъне эътиқод кунад, ки корҳои берун аз доираи ҳукмронандаи ӯ аз тарафи Аллоҳ Таолост. Инсоне, ки аз тарафи Аллоҳ Таоло офарида шудааст, ба ин

корҳо ягон таъсире надорад. Масалан, аҷал, ризқ ва ҳатто нафаси инсон аз тарафи Аллоҳ муайян карда мешавад. Инчунин майли ҷинсӣ дар ғаризаи навъ, майл барои мулки хусусӣ дар ғаризаи бақо, гуруснагӣ ва ташнагӣ дар ҳоҷоти узвӣ — ин ҳама аз тарафи Аллоҳ Таоло офарида шудаанд.

Ин пиндорҳо нисбат ба корҳое мебошанд, ки дар доираи ба инсон ҳукмронанда ва дар хоссаҳои ҳамаи чизҳо мушоҳида карда мешаванд.

Аммо дар доираи инсон ҳукмронанда ӯ дар асоси низоми интихобкардаи худ ва бо хоҳишу иродаи худ зиндагӣ мекунад, хоҳ шариати Аллоҳ бошад, хоҳ қонунҳои дигар. Дар ин доира тамоми корҳое, ки аз тарафи инсон ё бар зидди ӯ содир мешаванд, маҳз бо хоҳишу иродаи ӯ рӯй медиҳанд. Масалан, ӯ бо хоҳиши худ мегардад, мехӯрад, менӯшад ва дар вақти дилхоҳ ба сафар мебарояд. Инчунин ӯ дар вақти дилхоҳ аз ин корҳо даст мекашад. Ӯ аз рӯи дилхости худ бо ёрии оташ дармегиронад, бо ёрии корд мебурад, ғаризаҳои навъу бақо ва ҳоҷоти узвии худро қонеъ мекунад. Ин ҳамаро бо ихтиёри худ иҷро мекунад ё метавонад аз ин корҳо ихтиёран даст кашад. Барои ҳамин инсон аз корҳое, ки дар ин доира анҷом медиҳад, ҷавобгар аст.

Гарчи хосиятҳои чизҳо, хосиятҳои ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвӣ, ки Аллоҳ Таоло дар ченаку андозаҳои муайян офарида, қисми ҷудонопазири онҳо кардааст, дар натиҷаи феъл ва амалҳои инсон омили асосӣ мебошанд, лекин айнан ин хосиятҳо амалеро содир карда наметавонанд. Балки ҳангоми истифодаи хоссаҳои мазкур инсон бо воситаи онҳо кореро анҷом медиҳад. Масалан, майли ҷинсӣ дар ғаризаи навъ метавонад некӣ ва ё бадиро ба вуҷуд орад. Гуруснагӣ дар ҳоҷоти узвӣ метавонад сабабгори некӣ ва бадӣ гардад, лекин анҷомдиҳандаи некӣ ва бадӣ инсон мебошад, на ғариза ва на ҳоҷоти узвӣ. Инро чунин идрок бояд кард, ки Аллоҳ Таоло барои инсон ақлро офарид, ки чизҳоро аз якдигар ҷудо карда метавонад. Дар табиати офариниши ақл хоссаҳои идрок ва ҷудокуниро офарид, пасон ба инсон роҳи некӣ ва бадиро нишон дод:

وَهَدَيْنَاهُ النَّجْدَيْنِ

**"Ва ду роҳ ба ӯ далолат накардем?"** (90:10). Аллоҳ Таоло дар табиати ақл хусусияти идроки фуҷур (бадкорӣ) ва тақво (парҳезкорӣ)ро офарид:

فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

**"Сипас бадиҳову парҳезгориҳояшро ба ӯ илҳом карда"** (91:8). Аз ин мебарояд, ки агар инсон ғариза ва ҳоҷоти узвии худро мувофиқи фармон ва боздоштҳои Аллоҳ қонеъ кунад, пас ӯ кори нек анҷом додааст ва роҳи тақвою парҳезкориро пеш гирифтааст. Баръакс, агар ӯ ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвии худро бар хилофи фармону боздоштҳои Аллоҳ қонеъ кунад, пас ӯ кори бад анҷом додааст ва ба роҳи фуҷуру бадкорӣ қадам мондааст. Дар ин ҷо некӣ ва бадӣ аз тарафи инсон ё бар зидди ӯ анҷом дода мешавад. Аз ин мебарояд, ки ӯ мувофиқи фармон ва боздоштҳои Аллоҳ эҳтиёҷоти худро қонеъ карда кори нек мекунад ва аз фармону боздоштҳои Аллоҳ даст кашида кори бад мекунад. Бинобар ин инсон нисбат ба амалҳое, ки дар доираи ҳукмронандаи ӯ содир мешаванд, муҳосаба карда мешавад. Дар натиҷа тақдир карда ё ҷазо дода мешавад. Чунки инсон ин корҳоро бе ягон маҷбуркунӣ ва бо ихтиёри худ ба амал меорад. ғайр аз ин, хосиятҳои ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвии инсон ва қобилиятҳои онҳо, ки метавонад барои некӣ ва бадӣ ҷорӣ шаванд, аз тарафи Аллоҳ Таоло муайян шудаанд. Вале Аллоҳ Таоло ин хосиятҳоро дар сурати маҷбуран иҷрошаванда наофаридааст, хоҳ дар майдони Ӯро розикунанда бошад, хоҳ дар соҳаи Ӯро дарғазабкунанда, яъне чи дар некӣ, чи дар бадӣ. Инчунин ба амал овардани хосияти сӯзондан дар оташ дар сурати маҷбурӣ офарида нашуд, хоҳ Аллоҳро розӣ кунад, хоҳ дарғазаб, яъне чи дар некӣ ва чи дар бадӣ. Балки хосиятҳои чизҳо дар кайфияте офарида шуд, ки агар инсоне онро амалӣ карданӣ шавад, аз рӯи дилхости худ иҷро мекунад. Чун Аллоҳ Таоло инсонро ва дар ӯ ғаризаҳо, ҳоҷоти узвӣ ва ақли ҷудокунандаи неку бадро офарид, ба ӯ ихтиёри кардан ё накардани кореро дод. Инсонро ба иҷро ё тарки коре маҷбур накард. Дар хосиятҳои чизҳо, ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвӣ ягон хусусиятеро наофарид, ки инсонро ба кардан ё накардани коре маҷбур кунад. Барои ҳамин инсон бо ёрии ақле, ки шарти асосии

масъулият дар назди шариат буда, ҷудокунандаи неку бад аст ва аз ҷониби Аллоҳ Таоло дода шудааст, дар иҷро ё тарки коре дорои ихтиёри пурра мебошад. Аз ин рӯ, ба инсон барои иҷрои кори нек савоб муайян карда шуд. Чунки ақли ӯ ин корро дар асоси фармон ва боздоштҳои Аллоҳ иҷро карданро интихоб (ихтиёр) кард. Аммо барои кори бад ба инсон азобу уқубат муқаррар карда шуд. Чунки ақли ӯ бар зидди фармонҳои Аллоҳ ҳаракат карданро интихоб кард ва барои ҷавоб додан ба талабҳои ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвӣ бар хилофи фармонҳои Аллоҳ амали мамнӯъ (манъ кардашуда)-ро иҷро кард. Ҷазо дода шудани инсон барои ин кор ҳақиқат ва адолат мебошад. Чунки инсон дар анҷом додани ин кор дорои ихтиёр буда, маҷбур карда нашудааст. Ин кор ба қазову қадар алоқае надорад. Балки масъала дигар аст, яъне инсон кори худро бо ихтиёри худ ба амал овард. Бинобар ин ӯ аз кори анҷомдодаи худ ҷавобгар аст:

كُلُّ نَفْسٍ بِمَا كَسَبَتْ رَهِينَةٌ

**"Ҳар кас гаравгони корест, ки кардааст"** (74:38).

Аммо илми Аллоҳ Таоло инсонро ба иҷрои коре маҷбур намекунад. Чунки Аллоҳ медонад, ки инсон бо ихтиёри худ кореро анҷом медиҳад, лекин ӯ амали худро дар асоси илми Аллоҳ иҷро намекунад. Балки дар илми азалии Аллоҳ маълум аст, ки инсон ҳамин корро анҷом медиҳад. Сухани "дар Лавҳулмаҳфуз навишта шудааст" ифодаи ин аст, ки илми Аллоҳ ҳама чизро дар бар гирифтааст.

Инчунин иродаи Аллоҳ инсонро ба анҷом додани коре маҷбур намекунад. Иродаи Аллоҳ Таолоро бояд чунин идрок кард, ки дар мулки Ӯ, яъне дар ҳастӣ фақат чизи хостаи Ӯ содир мешавад. Яъне Аллоҳ Таоло дар ҳастӣ дар содир шудани чизе ноилоҷу маҷбур намешавад. Агар инсон кореро иҷро кунад ва Аллоҳ Таоло ӯро аз ин кор манъ накарда ё ба ин кор маҷбур накарда дар ихтиёри худ вогузошта бошад, пас ин кори инсон бо иродаи Аллоҳ содир шудааст, яъне дар ин ҳол Аллоҳ ноилоҷу маҷбур намешавад. Аз ин мебарояд, ки кори анҷомдодаи инсон фақат бо ихтиёри ӯ содир мешавад. Иродаи Аллоҳ Таоло ба иҷрои ин кор маҷбур намекунад.

Масъалаи **қазо** ва **қадар** аз ҳамин иборат аст. Чун дар инсон дар бораи қазову қадар пиндор (тасаввурот)-и мукаммал ҳосил мешавад, ин пиндор ўро ба корҳои нек такон медиҳад ва аз корҳои зишт бозмедорад. Чунки ў медонад, ки Аллоҳ Таоло доимо ўро назорат мекунад ва муносиби кирдораш муҳосаба мекунад. Инчунин Аллоҳ ба ў ихтиёри кардан ё накардани амалеро додааст ва агар аз ин ихтиёр оқилона истифода бурда натавонад, ба ҳоли ў вой шуда, пас аз ҳаёти ин дунё, яъне дар охират ба азобҳои даҳшатнок гирифтор мегардад. Барои ҳамин мўъмине, ки ҳақиқати қазову қадарро, неъмати ақл ва ихтиёрро хирадмандона идрок мекунад ва аз таҳти дил бовар мекунад, ҷиддӣ мулоҳиза мекунад, ки доимо дар назорати Аллоҳ Таоло мебошад. Инчунин аз Аллоҳ Таоло сахт ҳайбат мекунад, аз азоби Ў тарсида, аз ҷаннати Ў умед мекунад. Балки кўшиш мекунад, то неъмати аз ин дида бузургтар, яъне розигии Аллоҳи Субҳонаҳу ва Таолоро ба даст дарорад. Бинобар ин ў ҳаракат мекунад, ки фармонҳои илоҳиро иҷро кунад ва аз амалҳои манъшуда худро эҳтиёт кунад.

# *ҚИЁДАТИ ФИКРӢ ДАР ИСЛОМ (МАФКУРА)*

Бо баробари паст шудани савияи фикрронӣ дар байни мардум робита (алоқа)-и ватанпарастӣ пайдо мешавад. Сабаб ин аст, ки чун одамон дар як ҷо зиста, ба он замин дилбохта мешаванд, ғаризаи бақо (дарёфти мубориза барои ҳаёт) онҳоро ба ҳимояи худ ва ба ҳимояи шаҳру замини истиқоматкунандаи худ такон медиҳад. Аз ин ҷо робита (алоқа)-и ватанпарастӣ пайдо мешавад. Ин робитаи камқувваттарин ва ақибмондатарин аст. Чунон ки робитаи ватанпарастӣ дар инсон мавҷуд аст, дар ҳайвон ва паррандагон низ мавҷуд аст. Ин робита доимо дар намуди ҳиссиёт мешавад. Он дар он ҳолат зарур мегардад, ки аҷнабиён ба ватан ҳуҷум кунанд ё бо роҳи истило ва забткунӣ ба он таҷовуз кунанд. Аммо дар ҳолати сулҳу субот, ки ватан аз таҷовуз эмин мешавад, ин робита таъсири худро гум мекунад. Агар аҷнабӣ аз ватан дафъ ё берун карда шавад, вазифаи робитаи ватанпарастӣ тамом мешавад. Бинобар ин ватанпарастӣ робитаи паст мебошад.

Вақте ки доираи фикрронӣ танг мешавад, дар байни мардум робитаи миллатгароӣ пайдо мешавад. Дар асл ин яке аз зуҳуроти робитаи оилавӣ буда, шакли васеътари яке аз ҳолатҳои он аст. Сабаб ин аст, ки дар инсон ғаризаи бақо (дарёфти мубориза барои ҳаёт) реша давондааст. Бо сабаби дарёфти мазкур дар ӯ дӯстдории роҳбарӣ ба вуҷуд меояд. Ин пиндор дар инсони фикран ақибмонда (пастфикр) дар шакли ҷудогона (фардӣ) намоён мешавад. Баробари болоравии фикраш муҳаббати ӯ ба роҳбарӣ меафзояд ва дар навбати худ роҳбар шудани оила ва хешовандонашро мехоҳад. Пасон, вақте ки майдон васеъ шуда, идроки ӯ боло меравад, аввалан, дар ватани худ роҳбар шудани миллати худро мехоҳад. Сониян,

вақте ки ба ин муваффақ мешавад, мехоҳад миллати ӯ аз болои дигарон ҳукм ронад. Барои ҳамин аз ин ҷиҳат дар байни шахсони як сулола барои роҳбарӣ хусуматҳои маҳаллӣ пайдо мешаванд. Агар дар байни як сулола шахсе аз болои дигарон ғалаба карда, роҳбариро ба даст дарорад, акнун дар байни ин оила ва оилаҳои дигар мубориза барои роҳбарӣ оғоз меёбад. Агар аз болои миллате роҳбарикунӣ ба дасти як оила ё як гурӯҳ шахсони аз оилаҳои гуногун ҷамъшуда гузарад, акнун дар байни ин миллат ва миллатҳои дигар барои бадастории роҳбарӣ ва мансабҳои олӣ дар майдони ҳаёт хусуматҳо сар мезананд. Барои ҳамин дар шахсоне, ки ба робитаи миллатгароӣ эътиқод мекунанд, тарафкашӣ, манманӣ ва дастгирии якдигар кушоду равшан ба назар мерасад. Бинобар ин миллатгароӣ робитаи ғайриинсонист. Робитаи миллатгароӣ, агар бо хусуматҳои хориҷӣ машғул нашавад, бегумон сабабгори хусуматҳои байниҳамии дохилӣ мегардад.

Бинобар ин робитаи ватанпарастӣ аз се сабаб нодуруст аст. Якум, робитаи ватанпарастӣ робитаи паст буда, дар роҳи бедоршавӣ ба пайвастани инсонҳо фоида намедиҳад. Дуюм, ин робита ба ҳиссиёт тааллуқдор буда, дар роҳи ҳимояи ҷони худ аз дарёфти мубориза барои ҳаёт (ғаризаи бақо) пайдо мешавад. Робитаеро, ки ба ҳиссиёт тааллуқдор аст, доимо тағйир ва табдил додан мумкин аст. Барои ҳамин ватанпарастӣ барои доимӣ пайвастани инсонҳо намешояд. Сеюм, он робитаи муваққатӣ буда, танҳо дар ҳолати мудофиа пайдо мешавад. Аммо дар ҳолатҳои сулҳ ва барқарорӣ, ки ҳолати аслии ҳаёти инсон мебошад, ба он зарурат нест. Барои ҳамин ин гуна робита барои пайвастани байни фарзандони инсон намешояд.

Инчунин робитаи миллатгароӣ бинобар се сабаб нодуруст аст. Якум, ин робитаи қабилавӣ мебошад, ки дар роҳи бедоршавӣ барои пайвастани байни фарзандони инсон намешояд. Дуюм, он робитаи ҳиссӣ буда, аз дарёфти мубориза барои ҳаёт (ғаризаи бақо) пайдо мешавад. Аз ин касалии дӯстдории роҳбарӣ ба вуҷуд меояд. Сеюм, миллатгароӣ робитаи ғайриинсонист. Чунки он сабабгори хусуматҳо мегардад, ки дар натиҷаи талоши роҳбарӣ ба вуҷуд меоянд. Барои ҳамин ин воситаи алоқа барои пайвастани байни фарзандони инсон намешояд.

Аз ҷумла дар байни мардум робитаҳое мавҷуданд, ки ҳамчун робитаи пайвасткунандаи онҳо гумон карда мешаванд. Яке аз онҳо робитаест, ки дар асоси манфиат бунёд мешавад, дуюм, робитаи рӯҳист, ки аз он низом тартиб додан ғайриимкон аст. Робитае, ки дар асоси манфиат бунёд мешавад, воситаи муваққатӣ буда, барои пайвастани фарзандони инсон намешояд. Чунки манфиат чизест, ки агар манфиатҳои аз он калонтар пайдо шаванд, дарҳол савдокунӣ, яъне ба якдигар муқоисакунӣ ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа, агар манфиати нав афзал диниста шавад, манфиати пешина қимати худро гум мекунад. ғайр аз ин, манфиатҳои чашмдоштшуда ба якдигар зид оянд, робита дарҳол қатъ мегардад. Инчунин робитае, ки дар асоси манфиат барпо мешавад, одамонро аз якдигар ҷудо мекунад, чунки баъд аз ҳосил шудани манфиати чашмдоштшуда алоқа канда мешавад. Барои ҳамин ин робита барои шахсони ба он эътиқодкунанда хатарнок аст.

Робитаи рӯҳӣ, ки низоми худро надорад, танҳо дар муҳити диндорӣ таъсир дорад. Аммо дар майдони ҳаёт таъсири он намоён намешавад. Барои ҳамин ин гуна робита воситаест, ки дар амал таъсири пурзӯр надорад ва фақат қисман таъсир мекунад. Он дар корҳои ҳаёт ба пайвастани байни одамон намешояд. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки эътиқоди насроният халқҳои Аврупоро ба ҳам пайваста натавонист. Ҳол он ки ҳамаи ин халқҳо дини насрониро қабул карда буданд. Сабаби чунин бетаъсирӣ ин аст, ки насроният робитаи рӯҳӣ буда, низоми худро надорад.

Хулоса карда гӯем, тамоми воситаҳои номбаршудаи алоқа дар роҳи бедоршавӣ барои пайвастани байни инсонҳо дар майдони ҳаёт намешоянд. Робитаи дуруст, ки дар ҳаёт барои пайвастани фарзандони инсон шоям аст, робитаи ақидавӣ мебошад. Ин робитаи ақлӣ буда, низоми худро дорад. Инчунин онро робитаи мабдаӣ гуфтан мумкин аст. Мабдаъ ақидаи ақлист, ки аз он низом ба вуҷуд меояд. Фикри куллӣ дар бораи коинот, инсон ва ҳаёт, дар бораи Вуҷуди пеш аз ҳаёти дунё ва Ҳаёти пас аз ҳаёти дунё, инчунин дар хусуси алоқамандии ҳамаи инҳо ба Вуҷуди пеш аз ҳаёти дунё ва Ҳаёти пас аз ҳаёти дунё ақида аст. Низоме, ки аз ин ақида ба вуҷуд меояд, аз баёни муолаҷоти муаммоҳои инсон, роҳ (кайфият)-и татбиқи

ин муолаҷот, муҳофизаи ақида ва паҳнкунии мабдаъ иборат аст. Ҳамин тавр, қисме, ки татбиқи низом, муҳофизаи ақида ва паҳнкунии даъватро баён мекунад, тариқат (яъне ҷиҳати амалӣ) аст. Қисми дигар, яъне ақида ва муолаҷот фикрат (яъне ҷиҳати фикрӣ) мебошад. Аз ин мебарояд, ки мабдаъ аз фикрат ва тариқат иборат аст.

Мабдаъ дар зеҳни инсон ба вуҷуд меояд. Ба ин ё истеъдоди дурахшони инсон сабаб мешавад, ё аз тарафи Аллоҳ Таоло ба инсоне бо роҳи ваҳй таълим дода шуда, Аллоҳ Таоло ба инсоният расондани онро мефармояд. Мабдаъе, ки бо туфайли ваҳйи фиристодаи Аллоҳ Таоло дар зеҳни инсон ба вуҷуд меояд, мабдаи дуруст аст. Чунки ин мабдаъ аз тарафи Офарандаи коинот, инсон ва ҳаёт, яъне Аллоҳ Таоло дода шудааст. Аз ин мебарояд, ки он мабдаи қатъӣ ва аз шубҳа холӣ мебошад. Аммо мабдаъе, ки бо сабаби истеъдоди дурахшони инсон дар зеҳни ӯ пайдо мешавад, бегумон мабдаи нодуруст аст. Чунки он аз ақли маҳдуд ба вуҷуд меояд, ки аз донистани тамоми маълумотҳо дар бораи ҳастӣ оҷиз аст. Ғайр аз ин, пиндори инсон дар хусуси қонун ва тартибот пурихтилоф, тафовутнок ва зиддиятнок буда, бегумон аз муҳити зисти худ таъсир мегирад. Дар натиҷа низоми зиддиятнокро ба вуҷуд меорад, ки инсониятро ба бадбахтӣ мебарад. Барои ҳамин мабдаъе, ки дар зеҳни инсон ба вуҷуд меояд, аз ҷиҳати ақида ва ҳам аз ҷиҳати низоме, ки аз ақида сарчашма мегирад, ботил ва нодуруст аст.

Бинобар ин асоси мабдаъ фикри куллӣ дар бораи коинот, инсон ва ҳаёт аст. Барои мавҷуд будани мабдаъ бояд тариқат қисми ҷудонопазири фикри куллӣ бошад. Чунки тариқат мабдаъро ба вуҷуд меорад ва дар майдони ҳаёт иҷрои онро таъмин мекунад. Сабаби асос будани фикри куллӣ (умумӣ) ин аст, ки ин фикри куллӣ ақида аст. Ақида таҳкурсии фикрӣ ва мафкура буда, дар асоси он равияи фикрӣ ва нуқтаи назари инсон дар ҳаёт муайян карда мешавад. Он пойдевори тамоми фикрҳост ва муолаҷоти тамоми муаммоҳои ҳаёт аз он сарчашма мегиранд. Қисми ҷудонопазир ва зарурии ақида будани тариқат (яъне ҷараёни амалӣ)-ро чунин маънидод кардан мумкин аст: Агар дар низоме, ки маҳсули ақида мебошад, роҳ (кайфият)-и иҷрои муолаҷот, кайфияти

муҳофизати ақида ва кайфияти бурдани корҳои даъвати мабдаъ баён карда нашавад, ин гуна фикрат аз фалсафаи хушку холӣ иборат мешавад, ки ба фаразҳои хаёлӣ асос ёфтааст. Он дар шиками китобҳо монда, дар ҳаёти дунё таъсире надорад. Аз ин сабаб, барои мавҷуд будани мабдаъ ақида, муолаҷоти муаммоҳо ва тариқат (роҳи амалӣ) зарур аст. Вале мавҷуд будани фикрат ва тариқат дар ақидаи дорои низом дуруст будани мабдаъро маънидод намекунад. Балки ба мабдаъ будани он далолат мекунад ва ҷуз ин чизи дигарро маънидод намекунад. Дуруст ё нодурустии мабдаъ аз рӯи дуруст ё нодуруст будани ақидаи он муайян карда мешавад. Чунки ин ақида таҳкурсии фикрист, ки ба он ҳар як фикрро бунёд кардан мумкин аст, он ҳар як нуқтаи назарро муайян мекунад ва аз он тамоми муолаҷот ва тариқат ба вуҷуд меояд. Пас, агар ин таҳкурсии фикрӣ дуруст бошад, мабдаъ низ дуруст (саҳеҳ) аст. Агар таҳкурсии фикрӣ нодуруст (ботил) бошад, дар он ҳол мабдаъ низ қатъиян нодуруст мебошад.

Агар таҳкурсии фикрӣ ба фитрат (табиати офариниш)-и инсон мувофиқ ояд ва ба ақл асос ёфта бошад, ин таҳкурсии фикрӣ дуруст аст. Агар он ба фитрати инсон мувофиқ наояд ё ба ақл асос наёфта бошад, ин таҳкурсии фикрӣ нодуруст аст. Маънои сухани "Агар таҳкурсии фикрӣ ба фитрати инсон мувофиқ ояд" ин аст, ки таҳкурсии фикрии ба фитрати инсон мувофиқоянда оҷизии фитрати инсонро ва ба Офарандаи ҳаёти ӯро танзимкунанда мӯҳтоҷ будани ӯро эътироф мекунад. Бо ибораи дигар гӯем, ба ғаризаи тадайюн, яъне диндорӣ мувофиқ меояд. Аммо маънои ба ақл асос ёфтани таҳкурсии фикрӣ ба модда ё ҳалли миёна (мурососозӣ) асос наёфтани он аст.

Агар тамоми ҷаҳони имрӯзаро тафтиш кунем, мебинем, ки фақат се мабдаъ мавҷуд аст: капитализм (сармоядорӣ), сотсиализм (аз он ҷумла коммунизм) ва Ислом. Якум ва дуюми ин мабдаъҳоро як ё якчанд давлат ба ҳаёт татбиқ мекунанд. Мабдаи сеюм давлати худро надорад, вале онро танҳо шахсони муайян дар тамоми халқҳо ба ҳаёти худ татбиқ мекунанд. Аммо, бо вуҷуди ин, он дар тамоми мамлакатҳои кураи замин мавҷуд аст.

Капитализм ба асоси "ҷудокунии дин аз ҳаёт" бунёд шудааст. Ин фикр ақида, мафкура (идеология) ва таҳкурсии фикрии он аст. Аз рӯи ин таҳкурсии фикрӣ инсон бояд дар ҳаёт низоми худро тартиб диҳад ва озодиҳои ӯ, яъне озодии ақида, озодии фикр, озодии мулк ва озодии шахсӣ муҳофиза карда шаванд. Аз озодии мулк низоми иқтисодии капиталистӣ ба вуҷуд меояд. Сармоядорӣ табиати намоёнтарини ин мабдаъ буда, аз ақидаи он сарчашма мегирад. Ин мабдаъ капитализм, яъне сармоядорӣ номида шудааст, ки ин аз қабили "номидани чиз бо табиати намоёнтарини худ" мебошад.

Аммо демократия дар ин мабдаъ аз нуқтаи назари "Инсон бояд низоми худро тартиб диҳад" ба вуҷуд меояд. Барои ҳамин халқ соҳиби ҳокимият буда, қонунҳоро худаш тартиб медиҳад, барои идораи ҳокимият роҳбари ҳукуматро ба кор мегирад ва дар вақти дилхоҳ аз ӯ ҳокимиятро кашида мегирад. Халқ ба роҳбари ҳукумат низоми дилхоҳи худро муайян мекунад, чунки ҳокимият шартномаи бакоргирӣ (кирокунӣ) дар байни халқ ва роҳбари ҳукумат мебошад. Ба шарти он ки халқ ба роҳбари ҳукумат низоми дилхостаи худро муайян мекунад ва роҳбари ҳукумат бо ёрии ин низом халқро идора мекунад.

Демократия назар ба низоми иқтисодии ин мабдаъ ҷои дуюмро ишғол мекунад, гарчи қисми таркибии он ба ҳисоб равад ҳам. Далел ин аст, ки дар мамлакатҳои Ғарб низоми иқтисодӣ ба ҳукумат таъсири пурзӯр дорад ва ҳокимиятро ба капиталистҳо сархам мекунонад. Он то андозае таъсир мерасонад, ки ҳатто гуфтан мумкин аст дар мамлакатҳои ба мабдаи капиталистӣ эътиқодкунанда ҳокимони ҳақиқӣ капиталистҳо мебошанд. Ғайр аз ин, демократия фақат хоси ин мабдаъ набуда, коммунистҳо низ демократияро даъво мекунанд ва "Ҳокимият аз они халқ аст" мегӯянд. Барои ҳамин капитализм номидани ин мабдаъ афзалтар аст.

Сабаби асосии пайдоиши мабдаи мазкур ин буд, ки император ва подшоҳони Аврупо ва Русия барои истисмор (ба фоидаи худ кор фармудан)-и халқҳо, поймол кардани ҳуқуқҳои онҳо ва макидани хуни онҳо динро дастак ва дар роҳи ин мақсад арбобони динро восита карда буданд. Аз ин задухӯрдҳои даҳшатнок ба вуҷуд омада, дар асной онҳо як гурӯҳ файласуф ва муфаккирон пайдо шуданд. Тоифае аз онҳо

динро мутлақо инкор кунад, тоифаи дигар ба ҷудокунии дин аз ҳаёт даъват мекард, гарчи динро эътироф кунанд ҳам. Дар натиҷа аксарияти файласуф ва муфаккирон ба фикри ягона қарор карданд: "Бояд динро аз ҳаёт ҷудо кард". Дар натиҷаи ин табиист, ки фикри "Бояд динро аз давлат ҷудо кард" ба вуҷуд омад. Пасон фикри "Дар бораи дин ба маънои инкор ё эътироф кардан баҳс набояд кард" қарор ёфт. Бо қарори қатъӣ ба баҳс барҳам дода шуд: "Бояд динро аз ҳаёт ҷудо кард". Ин фикрат ҳалли миёна дар байни арбобони динӣ ва файласуфу муфаккирон эътибор карда мешавад. Зеро ин арбобони динӣ мехостанд аз номи дин ҳамаро ба худ итоат кунонанд. Аммо файласуфу муфаккирон дин ва ҳокимияти арбобони диниро инкор мекарданд. Ин фикрат динро инкор накард, балки "дин ба ҳаёт дахл надорад" гуфта онро аз ҳаёт ҷудо кард. Ақидае, ки тамоми мамлакатҳои Ғарб қабул кардаанд, ҳамин ақидаи "ҷудокунии дин аз ҳаёт" мебошад. Ин ақида таҳкурсии фикрист, ки барои ҳамаи фикрҳо вазифаи асосро иҷро мекунад. Дар асоси он равияи фикрронии инсон ва нуқтаи назари он дар ҳаёт муайян карда мешавад ва тамоми муаммоҳои ҳаёт муолиҷа карда мешаванд. Ғарб ин ақидаро ҳамчун мафкура дар саросари тамоми олам паҳн мекунад ва тамоми оламро ба он даъват мекунад.

Ақидаи "ҷудокунии дин аз ҳаёт" зимнан эътироф кардани мавҷудияти дин мебошад, яъне эътироф кардани мавҷудияти Офарандаи коинот, инсон, ҳаёт ва рӯзи азнавзиндашавӣ мебошад. Чунки ин ду пиндор аз ҷиҳати моҳият мазмуни аслии динро ташкил медиҳанд. Ин эътироф дар бораи коинот, инсон ва ҳаёт, дар бораи Вуҷуди пеш аз ҳаёт ва Ҳаёти пас аз ҳаёт фикр додан аст. Чунки ин ақида мавҷудияти динро инкор намекунад. Вақте ки фикри "ҷудокунии дин аз ҳаёт"-ро медиҳад, мавҷудияти онро зимнан эътироф мекунад. Бо ин мавҷудияти онро исбот мекунад. Вақте ки аз паси ин: "Бояд динро аз ҳаёт ҷудо кард", мегӯяд, фикр медиҳад, ки ин ҳаёт ба Вуҷуди пеш аз ҳаёт ва Ҳаёти пас аз худ алоқа надорад ва дин фақат алоқаи байни шахс ва Офаранда аст. Ҳамин тавр, ақидаи ҷудокунии дин аз ҳаёт ба маънои васеъ фикри куллӣ дар бораи коинот, инсон ва ҳаёт аст. Аз ин мебарояд, ки мабдаи

капитализм, чунон ки дар боло баён кардем, монанди дигар мабдаъҳо як мабдаи ҷудогона (алоҳида) аст.

Аммо, ба фикри сотсиализм, аз ҷумла коммунизм коинот, инсон ва ҳаёт фақат аз модда иборатанд. Модда аслу асоси ҳама чизҳост. Тамоми чизҳо аз инкишофи тадриҷии он ба вуҷуд омадаанд. Ба ғайр аз модда чизи дигар мутлақо вуҷуд надорад. Модда аввалу охир надорад. Онро касе ба вуҷуд наовардааст, яъне ҳастии он зарурист. Барои ҳамин соҳибони ин мабдаъ аз тарафи Офаранда офарида шудани чизҳоро инкор мекунанд, яъне ҷиҳати рӯҳии чизҳоро инкор мекунанд ва эътирофи онро барои ҳаёт хатарнок мешуморанд. Барои ҳамин динро афюн мешуморанд, ки халқро карахт мекунад ва аз ҳаракат бозмедорад. Дар назди онҳо ғайр аз модда чизе мавҷуд нест, ҳатто фикр ҳам инъикоси модда дар майна мебошад. Бинобар ин модда аслу асоси фикр ва ҳар гуна чизи дигар аст. Аз инкишофи тадриҷии он ҳама чизҳо пайдо мешаванд. Аз ин сабаб, онҳо мавҷудияти Офарандаро инкор мекунанд ва моддаро азалӣ мешуморанд. Вуҷуди пеш аз ҳаётро ва Ҳаёти пас аз ҳаётро инкор мекунанд. Онҳо танҳо ҳаёти ин дунёро эътироф мекунанд. Новобаста аз ихтилофи ин ду мабдаъ дар нуқтаи назари асосӣ нисбат ба инсон, коинот ва ҳаёт онҳо дар бораи орзуҳои олӣ (идеалҳо)-и инсон фикри якхела доранд. Ба фикри ин ду мабдаъ, орзуҳои олии инсон қиматҳои олию маънавӣ мебошанд, ки аз тарафи инсон муайян карда мешаванд. Бахт ба қадри имкон қисми бештари лаззатҳои ҷисмониро ба даст даровардан аст. Чунки дар назари онҳо маҳз ҳамин чиз воситаест, ки ба сӯи бахт мебарад, балки худи бахт аст. Онҳо дар бораи дода шудани озодии шахсӣ ба инсон якдиланд: "Агар инсон дар тасарруфи ихтиёрии озодии шахсӣ бахти худро дида тавонад, инону ихтиёри ӯ дар дасти худ аст". Барои ҳамин роҳи ҳаёти шахс ё ки озодии шахсӣ аз пиндорҳои муқаддастарини ин ду мабдаъ мебошад.

Ин ду мабдаъ дар нуқтаи назар нисбат ба шахс ва ҷомеа аз якдигар фарқ мекунанд. Капитализм мабдаъест, ки тамоми диққату эътибори худро ба шахс менигаронад. Он мешуморад, ки ҷомеа аз шахсҳо таркиб меёбад. Ба ҷомеа ҳамчун чизи дуюминдараҷа менигарад ва тамоми эътибори худро ба шахс маҳдуд месозад. Барои ҳамин кафолатнок шудани тамоми

ҳуқуқу озодиҳои шахс лозим аст. Бо туфайли ин, озодии ақида яке аз пиндорҳои муқаддаси капитализм мебошад. Озодии иқтисодӣ низ пиндори муқаддас буда, бинобар фалсафаи капитализм маҳдуд карда намешавад. Он танҳо барои кафолати озодиҳо аз тарафи давлат маҳдуд карда мешавад. Давлат барои иҷрои ин масъулияти худ аз қувваи артиш ва сахтдастии қонун истифода мебарад. Вале давлат ғоя нест, балки вазифаи воситаро иҷро мекунад. Барои ҳамин сиёдат (сарварӣ) оқибат ба шахс дахлдор мешавад, на ба давлат. Ҳамин тавр, мабдаи капитализм мафкураи "ҷудокунии дин аз ҳаёт"-ро паҳн мекунад. Тавассути қонунҳое, ки ба асоси ин мафкура бунёд шудаанд, ҳокимиятро идора мекунад. Ҳамаро ба ин мафкура даъват мекунад ва дар ҳама ҷо ба татбиқи он кӯшиш мекунад.

Аммо, ба фикри мабдаи сотсиализм, аз ҷумла коммунизм ҷомеа маҷмӯаи яклухт аст, ки аз инсонҳо ва алоқаи онҳо бо табиат ташкил ёфтааст. Ин алоқаҳо маҷбурӣ ва маҳдуд буда, инсонҳо ба тарзи маҷбурӣ ва автоматикӣ ба ин қонуниятҳо итоат мекунанд. Ҳамаи ин маҷмӯа чизи яклухт аст: табиат, инсон ва алоқаҳо. Ин ҳама чизи яклухт буда, қисмҳои аз якдигар ҷудошаванда нест. Масалан, табиат як қисми шахсияти инсон ба ҳисоб меравад. Инсон ин қисмро дар ҷисми худ муҷассам мекунад. Инсон танҳо дар ҳоли алоқамандӣ ба табиат, ки як намуди шахсияти ӯ мебошад, инкишоф меёбад. Чунки алоқамандии инсон ба табиат мисли алоқамандии ӯ бо худ аст. Бинобар ин ҷомеа маҷмӯаи яклухт ба ҳисоб рафта, якзайл ва якҷоя инкишоф меёбад. Шахс бошад, ба он итоаткунон монанди дандони чарх (шестерня) ба тарзи маҷбурӣ давр мезанад. Бинобар ин дар сотсиалистҳо барои шахс озодии ақида ва озодии иқтисодӣ нест. Ақида бинобар хоҳиши давлат маҳдуд карда мешавад, иқтисод низ бинобар ихтиёри давлат муайян карда мешавад. Барои ҳамин давлат яке аз пиндорҳои муқаддастарини ин мабдаъ аст. Аз ин фалсафаи моддӣ (материалистӣ) қонунҳои ҳаёт сарчашма мегиранд, низоми иқтисодӣ бошад, асоси муҳимтарини ин мабдаъ ба ҳисоб меравад. Манзарае, ки дар тамоми соҳаҳои қонун ба назар мерасад, низоми иқтисод аст.

Бинобар ин мабдаи сотсиализм, аз ҷумла коммунизм мафкураеро паҳн мекунад, ки аз моддият ва инкишофи моддӣ

иборат аст. Он бо ёрии низом дар асоси ин мафкура ҳокимиятро идора мекунад. Ҳамаро ба ин мафкура даъват мекунад ва дар ҳама ҷо ба татбиқи он кӯшиш мекунад.

Аммо Ислом баён мекунад, ки берун аз коинот, инсон ва ҳаёт
Офарандаи онҳо мавҷуд аст. Ӯ Аллоҳ Таолост. Барои ҳамин асоси Ислом эътиқод ба ҳастии Аллоҳ Таоло мебошад. Ин ақида ҷиҳати рӯҳиро муайян мекунад. Ҷиҳати рӯҳӣ ин аст, ки инсон, ҳаёт ва коинот махлуққои офаридаи Офаранда мебошанд. Аз ин хулоса карда шавад, ҳамчун махлуқ ба Аллоҳ Таоло вобаста будани коинот ҷиҳати рӯҳии коинот аст. Вобастагии Аллоҳ Таоло ва ҳаёт, ки аз тарафи Ӯ офарида шудааст, ҷиҳати рӯҳии ҳаёт аст. Алоқамандии инсон, ки аз тарафи Аллоҳ Таоло офарида шудааст, ба Офарандаи худ ҷиҳати рӯҳии инсон аст. Маънои рӯҳ ба Аллоҳ Таоло вобаста будани худро идрок кардани инсон аст.

Аз паси имон ба Аллоҳ Таоло бояд ба пайғамбар ва расул будани Муҳаммад (с) ва каломи Аллоҳ Таоло будани Қуръон имон ба вуҷуд ояд. Дар натиҷаи ин бояд ба тамоми маълумотҳои Қуръон имон ҳосил шавад. Барои ҳамин Ақидаи Исломӣ ба мавҷудияти Вуҷуди пеш аз ибтидои ҳаёт, ки бовар кардан зарур аст, яъне ба мавҷуд будани Аллоҳ Таоло ва ба мавҷудияти рӯзи қиёмат пас аз итмоми ҳаёт имон оварданро талаб мекунад. Инсон бояд дар ҳаёти дунё бо фармон ва боздоштҳои Аллоҳ маҳдуд шавад ва ин маҳдудшавӣ бевосита вобастагии ҳаёт ба Вуҷуди пеш аз худ мебошад. Инсон дар бораи итоат кардан ба фармонҳои мазкур ва кашидани ҷилави нафси худ бо сабаби боздоштҳо ба ҳисобот додан маҷбур аст, яъне ҳаёт бо Ҳаёти пас аз худ алоқа дорад.

Ақидаи Исломӣ ба ин чизҳо имон оварданро талаб мекунад. Барои ҳамин ҳар як муслимро шарт аст, ки ҳангоми анҷом додани ҳар гуна кор вобастагии худро ба Аллоҳ Таоло идрок карда, тамоми амалҳоро дар асоси фармон ва боздоштҳои Ӯ иҷро кунад. Ин омехташавии модда бо рӯҳ аст. Ғояе, ки аз иҷрои амалҳо дар асоси фармон ва боздоштҳои Аллоҳ пешбинӣ мешавад, ба розигии Аллоҳ муваффақ шудан аст. Мақсад аз иҷрои амалҳо қиматест, ки дар натиҷаи кори иҷрошуда ба даст меояд.

Бинобар ин ғояҳои олӣ, ки ҷомеаро нигаҳ медорад, аз тарафи инсон тартиб дода нашуданд, балки онҳо аз фармон ва боздоштҳои Аллоҳ иборат мебошанд. Чунки фармон ва боздоштҳои илоҳӣ барқарор буда, на тағйир ва на инкишоф меёбанд. Нигаҳ доштани навъи инсон, муҳофизаи ақлу идрок, шарафи инсонӣ, моҳияти инсон, мулки хусусӣ, дин, амният, аз ҷумла давлат ғояҳои олии барқарор мебошанд, ки ҷомеаро нигаҳ медоранд. Онҳо на тағйир ва на инкишоф меёбанд. Аз ин мебарояд, ки чораҳои ҷазодиҳии шариат барои нигаҳдории беқадршавии ин ғояҳои барқарор муқаррар шудаанд. Барои ҳамин нигаҳдории ғояҳо аз беқадршавӣ воҷиб ба шумор меравад. Аҳамияте, ки ба ғояҳо дода мешавад, барои манфиати моддӣ овардани онҳо нест, балки барои фармон ва боздоштҳои Аллоҳ будани онҳост. Ҳамин тавр, дар як вақт ҳар як муслим ва давлат тамоми амалҳоро мувофиқи фармон ва боздоштҳои Аллоҳ Таоло иҷро мекунанд. Чунки танҳо фармон ва боздоштҳои Аллоҳ Таоло тамоми корҳои инсонро ба тартиб медарорад. Бо иҷро кардани тамоми корҳо дар асоси фармон ва боздоштҳои Аллоҳ Таоло дар қалби муслим хотирҷамъӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин мебарояд, ки бахт қонеъ кардани нафсу ҷасад ва ба он баҳра ва лаззатҳои гуногунро додан нест, балки розӣ кардани Аллоҳи Субҳонаҳу ва Таоло мебошад.

Аммо ҳоҷоти узвӣ ва ғаризаҳоро Ислом чунон ба тартибу интизом даровард, ки бо ин якзайл қонеъ шудани тамоми эҳтиёҷот: талаботи меъда, муносибатҳои ҷинсӣ, рӯҳӣ ва ғайра кафолатнок мегарданд. Вале ин ҷараёни мураккабро бо роҳи қонеъкунии яке ба ҳисоби дигаре, ё хомӯш кардани яке ва раҳо додани дигаре, ё мутлақо беназорат вогузоштани тамоми онҳо иҷро намекунад. Ислом ҳамаи эҳтиёҷҳоро бо диди нозук ба як ришта гузаронда, дар як тартибу интизом басо моҳирона қонеъ мекунад. Бо ин Ислом барои инсон хотирҷамъӣ ва фаровониро муҳайё карда, ӯро нигаҳ медорад, то бо туфайли бесарии ғаризаҳо ба дараҷаи ҳайвонҳо наафтад.

Ислом бо мақсади мустаҳкам кардани ин тартибу интизом ба ҷамоаи инсонҳо бо нуқтаи назари "як ҷисми яклухти дорои қисмҳои ҷудонопазир" эътибор медиҳад. Ба шахс ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи ҷамоа менигарад. Вале як қисми ҷудонопазири ҷамоа будани шахс маънои онро надорад, ки ӯ

мисли дандони чарх (шестерня) қисми ба тан маҷбуран часпидаистода мебошад. Балки шахс як қисми муайяни вуҷуди яклухт аст, чунон ки даст як қисми тан мебошад. Барои ҳамин Ислом ба шахс на ҳамчун вуҷуди мустақили аз ҷамоа ҷудошуда, балки ҳамчун як ҷузъи ҷамоа аҳамият медиҳад. Ин гуна аҳамият ба ҳар як шахс барои яклухт нигоҳ доштани ҷамоа хизмат мекунад. Дар айни вақт Ислом ба ҷамоа низ эътибори ҷиддӣ медиҳад. Лекин ҷамоаро вуҷуди аз қисмҳо, яъне аз шахсҳо таркибёфта мешуморад, на вуҷуди яклухти ҳеҷ гуна қисмҳо надошта. Ин сабабгори нигоҳдории ҳар як шахс ҳамчун қисмҳои вуҷуди яклухт мегардад. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

مَثَلُ الْقَائِمِ عَلَى حُدُودِ اللهِ وَالْوَاقِعِ فِيهَا كَمَثَلِ قَوْمٍ اسْتَهَمُوا عَلَى سَفِينَةٍ فَأَصَابَ بَعْضُهُمْ أَعْلاهَا وَبَعْضُهُمْ أَسْفَلَهَا، فَكَانَ الَّذِينَ فِي أَسْفَلِهَا إِذَا اسْتَقَوْا مِنَ الْمَاءِ مَرُّوا عَلَى مَنْ فَوْقَهُمْ، فَقَالُوا :لَوْ أَنَّا خَرَقْنَا فِي نَصِيبِنَا خَرْقاً وَلَمْ نُؤْذِ مَنْ فَوْقَنَا، فَإِنْ تَرَكُوهُمْ وَمَا أَرَادُوا هَلَكُوا جَمِيعاً، وَإِنْ أَخَذُوا عَلَى أَيْدِيهِمْ نَجَوْا وَنَجَوْا جَمِيعاً

**"Инсоне, ки ба қонунҳои Аллоҳ риоя мекунад ва шахсе, ки ба онҳо амал намекунад, монанди гурӯҳи мардуманд, ки дар киштӣ ҳамроҳ шудаанд. Баъзеи онҳо аз қисми болои киштӣ ва баъзеи онҳо аз қисми поёни он ҷой гирифтаанд. Агар онҳое, ки аз қисми поёни киштӣ ҷой гирифтаанд, об нӯшиданӣ шаванд, дарболобудагонро зер карда мегузаштанд. Он гоҳ онҳо гуфтанд: "Агар аз ҳамин ҷо шикоф кунем, болонишинонро безобита намекардем"... Агар киштисаворон онҳоро ба ҳоли худ гузоранд, ҳама ҳалок мегарданд. Агар аз дасташон дошта, монеи онҳо шуда тавонанд, ҳамаи ҳамроҳон наҷот меёбанд".**

Ин гуна нигоҳ ба ҷамоа ва шахс барои ҷомеа мафҳуми хосаро пайдо мекунад. Чунки шахсҳо қисмҳои ҷудонопазири ҷамоа мебошанд. Дар онҳо бояд фикрҳое мавҷуд бошад, ки онҳоро ба ҳам мепайвандад ва барои ҳаёти онҳо асос шуда метавонад. Боз дар онҳо бояд дарёфтҳои якхела мавҷуд бошад, ки аз он таъсир мегиранд ва сабабгори пешравии онҳо мегардад.

Инчунин бояд низоми ягона, яъне қонунҳое мавҷуд бошанд, ки тамоми муаммоҳои ҳаётиро ҳал карда метавонанд. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки ҷомеа аз инсонҳо, фикрҳо, дарёфтҳо ва қонунҳо ташкил меёбад. Инсон дар ҳаёт бо ин фикрҳо, дарёфтҳо ва қонунҳо маҳдуд карда шудааст. Барои ҳамин муслим дар ҳаёт дар ҳар як чиз бо Ислом маҳдуд мешавад. Ӯ мутлақо озодӣ надорад. Бинобар ин ақидаи муслим бо Ислом маҳдуд буда, ӯ озодии ақида надорад. Барои ҳамин аз дин баргаштани ӯ ҷинояти калон ба шумор меравад, ки агар тавба карда ба дин барнагардад, ба қатл ҳукм карда мешавад. Корҳои шахсӣ низ бо қонунҳои Ислом маҳдуд карда шудаанд. Барои ҳамин зино ҷиноятест, ки дар пеши чашми ҳама бешафқатона ҷазо дода мешавад:

وَلْيَشْهَدْ عَذَابَهُمَا طَائِفَةٌ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ

**"Ва бояд ки ба ҳангоми шиканҷа карданашон гурӯҳе аз мӯъминон ҳозир бошанд"** [24:2].

Нӯшидани арақ низ ҷиноятест, ки сабаби ҷазову уқубат мегардад. Таҷовуз ва зӯроварӣ ба дигарон низ ҷиноят аст. Бинобар навъи таҷовуз: тӯҳмат, қотилӣ ва мисли инҳо, ҷазову уқубатҳои онҳо низ гуногун мешаванд. Соҳаи иқтисодӣ низ бо шариат маҳдуд аст. Он бо ҳуқуқӣ будани мулки хусусӣ ва сабабҳое, ки шариат барои мулкдорӣ ба шахс рухсат додааст, маҳдуд карда шудааст. Ба мулки хусусӣ чунин таъриф дода мешавад: Мулки хусусӣ рухсатест, ки барои истифодаи чизҳои айнан мавҷуда аз тарафи Шореъ (соҳиби шариат — Аллоҳ) дода шудааст. Бинобар навъи аз ин сарҳадҳо баромадан: дуздӣ, ғоратгарӣ ва дигар, ҷазову уқубатҳои онҳо низ гуногун мешаванд. Барои ҳамин бояд давлат мавҷуд бошад, ки ҷамоа ва шахсро муҳофиза карда, ба ҷомеа низомро татбиқ менамояд. Мабдаъ бояд дар одамоне, ки мабдаъро қабул кардаанд, таъсир дошта бошад. То ки риояи қонунҳое, ки ба онҳо амал кардан талаб карда мешаванд, аз худи шахсҳо табиӣ ба вуҷуд ояд. Дар ин ҳолат мабдаъ шахсҳоро дар доираи қонун ва аз ҷиноятҳои гуногун нигаҳ дошта метавонад. Давлат ба ҷиҳозе табдил меёбад, ки фақат қонунҳоро иҷро мекунад. Барои ҳамин сарварӣ (сиёдат) маҳз аз они шариат аст, на ҳуқуқи давлат ва на ҳуқуқи уммат. Гарчи ҳукмронӣ ҳуқуқи уммат

буда, намоёншавии он дар давлат ба назар расад ҳам. Аз ин мебароядъ, ки роҳи иҷрои низом давлат аст. Лекин такягоҳи асосӣ аз Аллоҳ тақво ва ҳайбат кардани мӯъмин аст, ки ӯ қонунҳои Исломро иҷро мекунад. Бинобар ин тартиб додани қонунҳои шариат зарур аст, ки онҳоро давлат иҷро мекунад. Инчунин роҳнишондоде зарур аст, ки мӯъминро раҳнамун месозад. То ки ӯ бинобар талаби тақво ва ҳайбат аз Аллоҳ Исломро мукаммал иҷро кунад. Аз ин маълум мешавад, ки Ислом аз ақида ва қонунҳои ҳаёт иборат аст. Мабдаи Ислом аз фикрат ва тариқат иборат аст. Ин тариқат аз ҷинси фикрат ба вуҷуд меояд. Қонуни Ислом, ки ҳаётро идора мекунад, аз ақидаи он сарчашма мегирад. Ҳазорат (ҷаҳонбинӣ)-и Ислом дар ҳаёт ҳамчун тарзи муайяни зиндагӣ таҷассум меёбад. Ислом дар паҳнкунии даъват роҳи хоса дорад. Он аз тарафи давлат татбиқ мегардад ва ҳамчун мафкура ба тамоми олам баровarда мешавад. Ин дар ҷараёни фаҳмидани низоми Ислом ва амалкунӣ ба он вазифаи асосро иҷро мекунад. Дар ҷамоае, ки низоми Ислом дар дараҷаи ҳукумат татбиқ мешавад, риояшавии тамоми қонунҳои Ислом паҳни даъвати Ислом ба ҳисоб меравад. Татбиқи низоми Ислом ба халқҳои ғайримуслим тариқати амалии даъват эътибор карда мешавад. Дар пайдошавии олами исломии паҳновар татбиқи мазкур таъсири басо калон дошт.

Хулоса ин аст, ки дар олам се мабдаъ мавҷуд аст: капитализм, сотсиализм (аз ҷумла коммунизм) ва Ислом. Ҳар яки ин мабдаъҳо дорои ақида ва низоми худ мебошанд, ки ин низом аз ақида сарчашма мегирад. Ҳар кадоми онҳо ченаки муайян дорад, ки амалҳои инсонро дар ҳаёт муқоиса мекунад. Инчунин ҳар яки онҳо нисбат ба ҷомеа нуқтаи назари хоса дошта, дорои тариқати иҷрои низом мебошад.

Агар аз ҷиҳати ақида тафтиш карда шавад, ба фикри мабдаи коммунизм, модда асли тамоми чизҳост. Ҳамаи чизҳо аз модда бо роҳи инкишофи моддӣ ба вуҷуд омадаанд. Ба фикри мабдаи капитализм, динро аз ҳаёт ҷудо кардан лозим аст. Дар натиҷаи ин дин аз давлат низ ҷудо карда мешавад. Капиталистҳо дар мавзӯи "Оё Офаранда мавҷуд аст ё на" баҳс кардан намехоҳанд. Мавзӯи баҳси онҳо асосан дар хусуси ягон дахл надоштани Офаранда ба ҳаёт аст, хоҳ ҳастии Ӯ эътироф шавад, хоҳ инкор

шавад. Барои ҳамин дар назди онҳо, аз рӯи ақидаи онҳо, ки динро аз ҳаёт ҷудо мекунад, эътирофкунандаи ҳастии Офаранда ва инкоркунандаи Ӯ баробаранд.

Аммо Ислом дар ақида фикри хоса дорад: Офарандаи ҳастӣ Аллоҳ аст. Ӯ барои омӯзондани дини Худ ба фарзандони инсон набӣ ва расулонро фиристодааст. Ӯ рӯзи қиёмат аз инсон дар бораи корҳои анҷомдодааш ҳисобот талаб мекунад. Барои ҳамин ақидаи Ислом аз имон овардан ба Аллоҳ, фариштагони Ӯ, китобҳои Ӯ, пайғамбарони Ӯ, рӯзи Қиёмат ва аз Аллоҳ будани некию бадии қазову қадар иборат аст.

Агар аз ҷиҳати сарчашма гирифтани низом аз ақида нигоҳ кунем, мабдаи сотсиализм таъкид мекунад, ки низом аз воситаҳои истеҳсолот гирифта мешавад. Масалан, дар ҷомеаи феодализм воситаи истеҳсолот аз табар иборат буда, аз он низоми феодализм гирифта мешавад. Агар ҷомеа тараққӣ карда, ба дараҷаи капитализм расад, силоҳи техникӣ (станок, дастгоҳ) ба воситаи истеҳсолот табдил меёбад. Аз он низоми капитализм гирифта мешавад. Аз ин мебарояд, ки бино ба фикрҳои сотсиализм низом аз инкишофи моддӣ гирифта мешавад. Дар мабдаи капитализм, вақте ки инсон динро аз ҳаёт ҷудо мекунад, дар ҳаёт барои худ низом тартиб додан зарур мегардад. Дар натиҷа инсон аз воқеияти худ низомро гирифта, ба тартиб додани он шурӯъ мекунад. Аммо дар Ислом Аллоҳ ба инсон низоми ҳаётро муайян карда, сайидамон Муҳаммад (с)-ро бо ин низом фиристодааст ва ба инсон ҳамон низомро расондааст. Аз ин мебарояд, ки дар асоси ин низом зистани инсон воҷиб аст. Барои ҳамин муслим муамморо амиқ омӯхта, аз Китоб ва Суннат ҳалли онро тартиб медиҳад (истинбот мекунад).

Агар аз ҷиҳати миқёси амалҳои ҳаёт тафтиш карда шавад, дар мабдаи сотсиализм миқёси ҳаёт моддият, яъне низоми моддӣ аст. Бо инкишофи низоми моддӣ миқёс низ инкишоф меёбад. Дар мабдаи капитализм миқёси амалҳо дар ҳаёт манфиатдорист. Корҳо айнан мувофиқи ин манфаатдорӣ чен карда мешаванд ва дар ин асос иҷро карда мешаванд. Дар Ислом миқёси амалҳо дар ҳаёт ҳалол ва ҳаром, яъне фармон ва боздоштҳои Аллоҳ мебошад. Аз ин мебарояд, ки ҳалол иҷро

карда мешавад ва ҳаром тарк карда мешавад. Ин миқёс на инкишоф меёбад ва на тағйир. Дар ин миқёс манфиатдорӣ ҳакам шуда наметавонад, дар он фақат шариат ҳакам аст.

Аз ҷиҳати таърифи ҷомеа, дар мабдаи сотсиализм ба ҷомеа ҳамчун маҷмӯаи умумӣ нигоҳ карда мешавад. Замин, воситаҳои истеҳсолот, табиат ва инсон — ин ҳама аз як чиз, яъне аз модда иборатанд. Бо ин эътибор ин ҳама аз ҷумлаи ҳамон маҷмӯа мебошанд. Вақте ки табиат ва тамоми чизҳо дар он инкишоф меёбанд, бо баробари онҳо инсон низ инкишоф меёбад. Аз ин мебарояд, ки ҷомеа дар ҳоли том (яклухт) инкишоф меёбад. Барои ҳамин ҷомеа ба инкишофи моддӣ тобеъ аст. Инсон бояд барои тезонидани инкишоф зиддиятҳоро ба вуҷуд орад. Бо баробари инкишоф ёфтани ҷомеа шахс низ ҳамроҳи он инкишоф меёбад, чунон ки дандонҳои шестерня (чарх) беихтиёр давр мезананд. Аз рӯи мабдаи капитализм, ҷомеа аз шахсҳо таркиб меёбад. Агар корҳои шахс ба тартиб даровarда шаванд, корҳои ҷомеа низ ба тартиб медароянд. Барои ҳамин фақат ба шахс эътибор нигарондан лозим аст. Давлат ба шахс хизмат мекунад. Аз ин рӯ, ин мабдаъест, ки манфиатҳои шахсро аз манфиатҳои ҷомеа боло мемонад. Аммо дар Ислом асосу пойдевори ҷомеа аз ақида, фикрҳою дарёфтҳои дар ақида муҷассамшуда ва низом (қонун)-и аз ақида сарчашмагирифта иборат аст. Вақте ки дар инсонҳо фикрҳои исломӣ, дарёфтҳои исломӣ ҳукмрон шуда, ба онҳо низоми Ислом татбиқ карда мешавад, ҷомеаи исломӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин мебарояд, ки ҷомеа аз инсонҳо, фикрҳо, дарёфтҳо ва қонунҳо иборат аст. Инсоне бо инсони дигар муттаҳид шавад, фақат ҷамоаро ташкил медиҳад. Инсонҳо маҳз бо фикрҳою дарёфтҳои худ ва қонунҳое, ки ба ҳаёти онҳо татбиқ карда мешаванд, ҷомеаро ба вуҷуд меоранд. Чунки чизе, ки дар байни инсонҳо алоқаро ба вуҷуд меорад, маслиҳат (яъне манфиат) аст. Агар фикрҳо дар бораи ин манфиатҳо якхела бошанд, нисбат ба онҳо дарёфтҳо муттаҳид шуда, розигию норозигиҳо якранга гарданд ва қонунҳои ҳалкунандаи муаммоҳо якхела бошанд, дар байни инсонҳо алоқа ба вуҷуд меояд. Агар фикрҳо дар бораи ин манфиатҳо гуногун бошанд ё нисбат ба онҳо дарёфтҳо ҳархела буда, розигию норозигиҳо якранга набошанд ё ки низомҳои муаммоҳои байниҳамиро дар

миёни инсонҳо ҳалкунанда (муоличакунанда) гуногун бошанд, алоқа ба вуҷуд намеояд. Аз ин мебарояд, ки ҷомеа ҳам ба вуҷуд намеояд. Барои ҳамин ҷомеа аз инсонҳо, фикрҳо, дарёфтҳо ва қонунҳо иборат мебошад. Чунки айнан онҳо алоқаро ба вуҷуд меоранд ва ҷамоаро ба ҷомеаи муайян табдил медиҳанд.

Бинобар ин, агар ҳамаи инсонҳо муслим буда, фикрҳои онҳо аз фикрҳои капитализм ва демократия иборат бошад, дарёфтҳои онҳо аз коҳинии рӯҳонӣ (худоҷӯӣ) ё ватандӯстӣ иборат бошад ва ба онҳо низоми капитализм ва демократӣ татбиқ карда шавад, ин гуна ҷомеа ҷомеаи ғайриисломист, гарчи аксарияти аҳолии он муслимон бошанд ҳам.

Аз ҷиҳати татбиқи низом, дар мабдаи сотсиализм худи давлат ба қувваи армия ва сахтии қонун такя карда, низомро татбиқ мекунад. Корҳои шахс ва ҷамоаро давлат идора мекунад, низомро низ давлат такмил медиҳад. Дар мабдаи капитализм давлат озодиҳоро назорат мекунад. Агар шахсе ба озодии шахси дигар таҷовуз кунад, давлат дарҳол ин таҷовузро бартараф мекунад. Чунки давлат барои таъмини озодиҳо ба вуҷуд омадааст. Агар шахс ба ҳуқуқи дигаре таҷовуз накунад, гарчи онро ғулом карда, тамоми ҳуқуқҳои ӯро кашида гирад ҳам, лекин инро бо розигии ӯ иҷро кунад, дар ин ҳолат ҳисоб карда мешавад, ки ба ҳуқуқҳои ӯ ҳеҷ гуна таҷовуз карда нашудааст ва давлат ба ин кор дахолат намекунад. Барои ҳамин давлат танҳо барои таъмини озодиҳо таъсис ёфтааст.

Аммо дар Ислом шахси имондор бино ба ҳайбат аз Аллоҳ Таоло, яъне талаби тақвои худ низомро татбиқ мекунад. Давлат бо ёрии боварии ҷамоа нисбат ба боадолатии низом, ҳамкории уммат ва ҳоким дар корҳои амри маъруф, наҳйи мункар ва ба қувваю салтанати худ такя карда, низомро иҷро мекунад. Давлат фақат корҳои ҷамоаро идора мекунад. Агар шахс аз идораи корҳои худ оҷизӣ накунад, давлат ба корҳои ӯ дахолат намекунад. Низом ҳеҷ гоҳ инкишоф намеёбад. Агар натиҷаҳои иҷтиҳоди аҳкоми шариат гуногун ва ихтилофнок шаванд, давлат ҳақ дорад ҳукми муайянро табаннӣ (интихоб ва таъин) кунад. Мафкураи мабдаи Ислом ба табиати офариниш (фитрат)-и инсон мувофиқ аст. Он, ҳарчанд амиқу пурмаъно бошад ҳам, осону сабук аст. Инсон дар як мижа

задан ба он ақл ва дили худро мекушояд. Лаҳзае нагузашта барои фаҳмидани маъноҳои чуқур ва нозуки он бо як муҳаббату эҳтиром ба сӯи он мешитобад. Зеро тадайюн (диндорӣ) дар инсон табиист. Ҳар як инсон бино ба фитрати худ парастанда аст. Ягон қувва аз инсон ин фитратро решакан карда наметавонад. Чунки он дар вуҷуди инсон решаи чуқур давондааст. Инсон бино ба табиати худ нуқсонҳои худро ҳис мекунад. Инчунин ҳис мекунад, ки дар ҳастӣ қувваи аз ӯ мукаммалтар мавҷуд аст ва ин қувва ба парастишу муқаддасшуморӣ муносиб аст. Тадайюн мӯҳтоҷӣ ба Офарандаи мудаббир буда, ин мӯҳтоҷӣ аз оҷизии табиии вуҷуди инсон пайдо мешавад. Тадайюн ғариза (инстинкт)-и барқарор буда, зуҳуроти муайян дорад, ки он аз муқаддасшуморииягон чиз иборат аст. Барои ҳамин инсоният дар ҳама асрҳо диндор буда, ба чизе ибодат кард. Масалан, ӯ ба инсон, фалак, сангҳо, ҳайвонҳо, оташ ва дигар чизҳо парастиш кард. Вақте ки Ислом ақидаи худро овард, инсониятро аз парастиши махлуқот озод кард ва танҳо ба парастиши Аллоҳ Таоло, ки тамоми мавҷудоти ҷондор ва беҷонро офаридааст, даъват кард. Вақте ки мабдаи моддӣ, ки ҳастии Аллоҳро ва рӯҳро инкор мекунад, пайдо шуд, ин тадайюн (диндорӣ)-и табииро барҳам дода натавонист. Фақат тасаввури инсонро дар бораи қувваи аз ӯ бузургтару қудратмандтар ва муқаддасшуморииин қувваро тағйир дод. Ӯро одат кунонд, то "ин қувва дар мабдаи моддӣ ва доҳиёни он аст" гуфта тасаввур кунад, ин мабдаъ ва доҳиёни онро муқаддасу бузург шуморад. Гӯё ин мабдаъ боз ба қафо баргашта, муқаддасшуморииинсонҳоро аз парастиши Аллоҳ ба парастиши бандагон ва аз муқаддасшумориии оятҳои Аллоҳ ба муқаддасшумориии суханҳои махлуқот табдил дод. Айнан дар ин хусус ин мабдаъ реаксион (ҷаҳолатпараст) мебошад. Он ғаризаи тадайюнро барҳам дода натавонист, балки бо воситаи фиреб дар сурати реаксион ҷои онро иваз кард. Барои ҳамин мафкураи ин мабдаъ ба табиати инсон зид буда, мафкураи салбист. Аз ин рӯ, мафкураи коммунизм аз ҷиҳати фитрӣ ноком гашт. Меъдаро дастак карда, барои гузарондани мафкураи худ ҳилаҳо бофт. Ин мафкура гуруснаҳо, тарсончаку беҳамиятон ва ноумеду бечорагонро ба худ ҷалб мекард. Ин мафкураро асосан шахсони пасткашу ноком ва

ақлан носолим қабул мекарданд, ки дар ҳаёт ноком гаштаанд ва бахти дигаронро дида наметавонанд. Боз агар ин ашхос назарияи диалектика (инкишоф)-ро ба осмон бардошта сафсата фурӯшанд, онҳоро соҳибони тафаккури пурзӯр гуфтанд. Ҳол он ки бо гувоҳии ҳиссу ақл фасодӣ ва нодурустии ин назария кушоду равшан намоён аст. Ин мафкура барои сархам кунондани мардум ба мабдаи худ қувва ва зӯровариро силоҳ кард. Аз ин репрессия, тазйиқ ва таъқиб карданҳо сар заданд. Муҳимтарин воситаҳои ин мабдаъ аз шӯришу бесарусомониҳо, вайронагарию беқарориҳо иборат буд.

Инчунин мафкураи капитализм ба фитрати инсон, яъне ба ғаризаи диндорӣ (тадайюн) мувофиқ намеояд. Чунки ғаризаи тадайюн, чунон ки дар ибодат кардани инсон намоён мешавад, дар танзими корҳои ҳаёт ҳам кушоду равшан ба назар мерасад. Вақте ки инсон дар бораи ин гуна тартибу тадбир андеша мекунад, дар ин соҳа ба ихтилофу зиддиятҳои гуногун дучор мешавад. Ин ҳам як нишонаи оҷизӣ мебошад. Барои ҳамин дин бояд корҳои инсонро дар ҳаёт ба тартиб дарорад. Аз ин мебарояд, ки аз ҳаёт барканор кардани дин ба фитрати инсон зид аст.

Аммо дар ҳаёт мавҷуд будани дин маънидод намекунад, ки корҳои ҳаёти ин дунёро ба ибодат табдил додан лозим аст. Баръакс, маънои дар ҳаёт мавҷуд будани дин ин аст, ки низоми фармудаи Аллоҳ ва муайянкардаи Ӯ ҳалкунандаи муаммоҳои инсон дар ҳаёт карда шавад. Ин низом аз ақидае сарчашма мегирад, ки тамоми талаб ва эҳтиёҷҳои фитрати инсонро эътироф мекунад. Ин низомро ба канор гузошта, ба ҷои он низоми аз ақидаи ба ғаризаи тадайюн номувофиқ содиршударо гирифтан ба фитрати инсон зид аст. Барои ҳамин мафкураи капитализм аз ҷиҳати фитрӣ ноком гашт. Зеро ин мабдаъ динро аз ҳаёт ҷудо карда, диндориро аз ҳаёт дур сохт, онро ба масъалаи шахсӣ табдил дода, низоми фармудаи Аллоҳ Таолоро аз муолиҷакунии муаммоҳои инсон дур кард. Барои ҳамин он мафкураи салбист.

Мафкураи Ислом мафкураи эҷобист. Чунки он дар имон овардан ба ҳастии Аллоҳ ақлро асос мекунад. Ин мафкура назари инсонро ба ҷиҳатҳои коинот, инсон ва ҳаёт менигарад, ки ба ҳастии Аллоҳ, яъне ба мавҷудияти Офарандаи тамоми ин

махлуқот қатъӣ далолат мекунанд. Ба инсон камолоти мутлақ ва мукаммалиро муайян мекунад, ки инсон бино ба фитрати худ доимо меҷӯяд ва дар инсон, коинот ва ҳаёт мавҷуд нест. Ақли инсонро ба сӯи он камолот равона карда, барои идроки он ва имон овардани ӯ имкон фароҳам меорад. Мафкураи Ислом дар ҳамаи ин ақлро ҳамчун асос муайян кардааст.

Аммо мафкураи коммунистӣ, гарчи маҳсули ақл бошад ҳам, ба асоси моддият (моддапарастӣ) бунёд шудааст, на ба асоси ақл. Чунки он эътиқод мекунад, ки пеш аз фикр модда мавҷуд буд ва асли тамоми чизҳо аз модда иборат аст. Бинобар ин мафкураи мазкур моддӣ мебошад. Мафкураи капитализм бошад, ба ҳалли васат, яъне мурососозӣ бунёд шудааст. Ин ҳал дар натиҷаи низоъҳои хунин, ки дар байни рӯҳониёни калисо ва муфаккиру олимон якчанд аср давом кардааст, кашф гардид. Аз ин ҷудокунии дин аз давлат ба миён омад. Барои ҳамин ин ду мафкура (сотсиализм ва капитализм) ноком мебошанд, яъне мувофиқи мақсад нестанд. Чунки ҳар дуи онҳо ба фитрат зид буда, ба асоси ақл бунёд нашудаанд.

Хулоса ин аст, ки танҳо мафкураи Ислом мафкураи дурусттарин аст. Дигар мафкураҳо мутлақо нодурустанд. Чунки мафкураи Ислом ба асоси ақл бунёд шудааст. Дар айни вақт мафкураҳои дигар ба асоси ақл бунёд нагардидаанд. Мафкураи Ислом мафкураест, ки ба фитрат (табиати офариниш)-и инсон мувофиқ меояд ва ба тамоми эҳтиёҷҳои он ҷавоб дода метавонад. Дар айни замон мафкураҳои дигар ба фитрати инсон зид ва мухолифанд.

Инро чунин фаҳмидан лозим аст, ки мафкураи коммунистӣ ба асоси модда бунёд шудааст, на ба асоси ақл. Чунки он эътиқод мекунад, ки пеш аз фикр, яъне ақл модда мавҷуд буд. Барои ҳамин, ба эътиқоди онҳо, дар вақти инъикос ёфтани модда дар майна фикр ба вуҷуд меояд ва майна дар борaи моддаи дар худ инъикосёфта фикр мекунад. Бидуни инъикос ёфтани модда дар майна фикр ба вуҷуд намеояд. Барои ҳамин ҳар як чиз ба асоси модда бунёд шудааст. Асли ақидаи коммунистӣ, яъне асли мафкураи он модда аст, на фикр.

Ин тасаввур аз ду ҷиҳат хато аст. Якум, дар байни модда ва майна ягон инъикос вуҷуд надорад. На майна дар модда

инъикос меёбад ва на модда дар майна инъикос меёбад. Чунки инъикосёбӣ ба мавҷудияти қобилияти инъикоскунӣ вобаста аст. Яъне ин қобилият бояд дар чизе, ки акси чизҳоро нишон медиҳад, мавҷуд бошад. Масалан, монанди оина. Оина ба қобилияти инъикоскунӣ мӯҳтоҷ аст, то дар худ акси дигар чизҳоро нишон диҳад. Ин на дар майна ва на дар воқеи моддӣ мавҷуд аст. Барои ҳамин дар байни модда ва майна ҳеҷ вақт инъикосёбӣ рӯй намедиҳад. Модда дар майна инъикос намеёбад ва ба он намекӯчад, балки бо воситаи эҳсоскунӣ ба майна дароз карда мешавад. Дароз карда шудани эҳсоси модда ба майна на инъикоси модда дар майна асту на инъикоси майна дар модда. Ин танҳо бо ёрии ҳисҳо эҳсос кардани модда аст. Дар ин ҷо дар байни чашм ва дигар узвҳои ҳис фарқе нест. Чунон ки бо воситаи дидан ҳис кардан мумкин аст, аз доштан (қобилияти ҳискунии тан), бӯй кашидан, чашидан ва шунидан эҳсос ҳосил мешавад. Аз ин мебарояд, ки ҳолати дар чизҳо содиршаванда дар майна инъикосёбӣ нест, балки ҳис кардани чизҳост. Инсон бо ёрии панҷ узви ҳисси худ чизҳоро ҳис карда метавонад, лекин чизҳо дар майнаи ӯ инъикос намеёбанд.

Дуюм, танҳо аз худи ҳис фикр ба вуҷуд намеояд, балки фақат ҳис кардани воқеъ ҳосил мешавад. Миллион маротиба ҳис карда шавад ҳам, дар ҳолатҳои гуногун ҳис карда шавад ҳам, аз ин фақат ҳискунӣ ҳосил мешавад, ҳаргиз фикр ҳосил намешавад. Барои ҳосил шудани фикр мавҷуд будани маълумоти собиқа шарт аст, ки инсон бо ёрии онҳо воқеи ҳискардаи худро идрок мекунад. Биёед, ба дасти ягон инсони имрӯза китоберо диҳем, ки ба забони сурёнӣ навишта шуда бошад. Ба шарте ки ӯ дар бораи забони сурёнӣ маълумоте надошта бошад! Ба ӯ имкон диҳем, ки бо воситаи дидан ва доштан навиштаҷотро ҳис кунад. Ӯ ин ҳисро миллион маротиба такрор кунад ҳам, то ба ӯ дар бораи забони сурёнӣ ва дигар чизҳои зарурии алоқадори ин забон маълумотҳо дода нашавад, ӯ калимаеро фаҳмида наметавонад. Агар ба ӯ ин маълумотҳо дода шавад, танҳо он гоҳ ӯ дар бораи китоб фикр меронад ва онро идрок мекунад. Монанди ин ба пеши кӯдаке, ки тамоми ҳисҳояш солим аст, лекин соҳиби маълумоте намебошад, пораи тилло, пораи мис ва пораи сангро гузорем. Ҳарчанд ин ҳискуниҳоро такрор накунем ва дар ҳар гуна сурат

такрор накунем, ӯ чизеро идрок карда наметавонад. Лекин, агар ба ӯ дар бораи ин чизҳо маълумотҳо дода шавад, ӯ онҳоро ҳис карда, маълумотҳои додашударо истифода мебарад ва дарҳол онҳоро идрок мекунад. Агар ин кӯдак ба воя расида, бистсола шаваду ҳеҷ як маълумоте нагирад, мисли рӯзи аввали таҷриба, чизҳои мазкурро фақат бо воситаи ҳисҳо эҳсос мекунад, лекин ҳарчанд ҳаҷми майна калон шавад ҳам, онҳоро идрок карда наметавонад. Зеро майна ва воқеи бо ёрии ҳисҳо эҳсосшуда бо ҳамроҳии маълумотҳои собиқа дар ӯ идрокро ба вуҷуд меорад, на худи майна. Ин аз ҷиҳати идроки ақлӣ, яъне бо ақл идрок кардан аст. Аммо идроке, ки бо ёрии дарёфтҳо ба вуҷуд меояд, аз ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвҳои бадан ҳосил мешавад. Идроке, ки бо воситаи ин гуна дарёфтҳо ба вуҷуд меояд, чунон ки дар инсон ҳосил мешавад, дар ҳайвон ҳам ҳосил мешавад. Агар ба инсон себ ва порчаи санг якчанд маротиба дода шавад, ӯ медонад, ки себро хӯрдан мумкин аст, аммо сангро хӯрдан намешавад. Монанди ин хар хӯрда шудани ҷавро ва хӯрда нашудани хокро медонад. Лекин ин ҷудокунӣ на фикр аст ва на идрок. Балки он ҳолате мебошад, ки ба ғаризаву ҳоҷоти узвӣ вобаста аст. Ин гуна ҷудокунӣ, чунон ки дар инсон мавҷуд аст, дар ҳайвон ҳам мавҷуд аст. Барои ҳамин, агар воқеъро ҳис карда, вақте ки ин ҳис бо воситаи узвҳои ҳис ба майна дароз карда мешавад, то бо ҳамроҳии онҳо маълумоти собиқа мавҷуд набошад, ҳосил шудани фикр ғайриимкон аст.

Бинобар ин ақл, фикр ё ки идрок дароз карда шудани ҳис бо воситаи узвҳои ҳис ба майна пас аз ҳис кардани воқеъ ва мавҷуд будани маълумотҳои собиқаи ба идроки воқеъ ёридиҳанда мебошад.

Аз ин мебарояд, ки мафкураи коммунистӣ хато ва фосид аст. Чунки он ба ақл бунёд нашудааст. Гузашта аз ин, дар он маънии фикр ва ақл нодуруст талқин шудааст.

Аммо мафкураи капитализм ба асоси ҳалли васат (яъне мурососозӣ) дар байни рӯҳониёни калисо ва муфаккиру олимон бунёд шудааст. Ин мафкура дар натиҷаи муборизаи даҳшатнок, ки якчанд аср дар байни рӯҳониёни калисо ва муфаккиру олимон давом кардааст, ба қароре омад, ки динро бояд аз ҳаёт ҷудо кард, яъне ба ҳалли васат расид. Маънии ин

зимнан эътироф кардани ҳастии дин ва ҷудокунии он аз ҳаёт аст. Барои ҳамин ин мафкура ба асоси ақл бунёд нашудааст, балки он ҳалли розикунӣ (мурососозӣ) ё ки ҳалли васат (ҳалли миёна) аст. Барои ҳамин мебинем, ки дар назди онҳо қоидаи аслӣ аз ҳалли васат иборат аст. Онҳо байни ҳаққу ботилро, имону куфрро ва нуру зулматро бо ёрии ҳалли васат наздик карданӣ мешаванд. Аслан мавҷуд будани ҳалли васат ғайриимкон аст. Чунки масъалаи гузошташаванда масъалаи ҳақ ё ботил, имон ё куфр, нур ё зулмат мебошад. Лекин ҳалли васат, ки ақида ва пойдевори мафкураи онҳо мебошад, онҳоро аз ҳақиқат, имон ва нур дур сохт. Барои ҳамин мафкураи онҳо фосид ва нодуруст аст, чунки он ба асоси ақл бунёд нашудааст.

Аммо мафкураи Ислом ба асоси ақл бунёд шудааст. Чунки ин мафкура аз ҳар як муслим талаб мекунад, ки бо воситаи истифодаи ақл ба ҳастии Аллоҳ Таоло, пайғамбарии Муҳаммад (с) ва Қуръони Карим имон биёрад. Вақте ки ба муғайябот (он чи ақли мо идрок карда наметавонад) имон оварданро фарз карда, ба онҳо бовар карданро талаб кард, аз чизҳои бо ақл исботшуда, монанди Қуръони Карим ва ҳадиси мутавотир гирифтани ин боввариро шарт кард. Барои ҳамин мафкураи Ислом ба асоси ақл бунёд шудааст.

Ин аз ҷиҳати ақл аст. Аммо аз ҷиҳати фитрат мафкураи Ислом аз ҳар ҷиҳат ба фитрат мувофиқ меояд. Чунки он бовар мекунад, ки дин ҳақ аст, дин бояд дар ҳаёт мавҷуд бошад ва ҳаёт дар асоси фармон ва боздоштҳои Аллоҳ идора карда шавад. Тадайюн дар табиати офариниши инсон мавҷуд аст, яъне фитрӣ мебошад. Чунки тадайюн яке аз ғаризаҳост. Он талаб ва эҳтиёҷи хоса дорад. Ин аз муқаддасшумории ягон чиз ва парастиши он иборат аст. Ин талаб ва эҳтиёҷ аз талабу эҳтиёҷҳои ғаризаҳои дигар мутлақо фарқ мекунад. Ин эҳтиёҷ талаби табиии ғаризаи муайян аст. Барои ҳамин боварӣ ба ҳақ будани дин ва зарурати идораи корҳои инсон дар ҳаёт бо фармон ва боздоштҳои Аллоҳ ғаризӣ мебошад. Ин ба фитрати инсон мувофиқ аст. Барои ҳамин ин мафкура ба талаби инсон ҷавоб дода метавонад.

Баръакс, мафкураҳои коммунистӣ ва капиталистӣ ба фитрат зиданд. Чунки мафкураи коммунистӣ динро мутлақо инкор мекунад. Бар зидди эътирофи дин мубориза мебарад. Барои

ҳамин ин мафкура ба фитрат зид меояд. Мафкураи капитализм динро на эътироф мекунад ва на инкор. Он эътироф ва инкори динро мавзӯи баҳс намешуморад. Лекии он эътиқод мекунад, ки динро аз ҳаёт ҷудо бояд кард. Ин мафкура мехоҳад, ки дин ба идораи ҳаёт дахле надошта бошад ва ҳаёт дар асоси манфиати соф идора карда шавад. Ин бошад, ба фитрат зид буда, аз талабу эҳтиёҷҳои он дур аст. Барои ҳамин капитализм низ ба фитрати инсон зид мебошад.

Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки танҳо мафкураи Ислом мафкураи дурусттарин буда, мафкураҳои дигар нодурустанд. Чунки мафкураи Ислом ба ақл ва фитрати инсон мувофиқ аст. Бинобар ин танҳо мафкураи Ислом дурусту бомуваффақият мебошад.

Боз масъалае боқӣ монд: Оё муслимон Исломро татбиқ кардаанд? Ё ки онҳо ақидаи Исломро қабул карда, дигар низом ва қонунҳоро татбиқ мекарданд? Ҷавоб ин аст, ки муслимон дар ҳама асрҳо, аз рӯзи ба Мадина омадани Расулуллоҳ (с) сар карда то соли 1336 ҳиҷрӣ (1918 милодӣ) бо дасти мустамликадорон сарнагун шудани охирин Давлати Исломӣ, фақат Исломро татбиқ кардаанд. Ин татбиқ чунон вусъат ёфта буд, ки ҳатто ба қуллаҳои баландтарини муваффақият расида буд. Исломро дар амал татбиқ кардани муслимонро донистан душвор нест. Низомро давлат татбиқ мекунад. Дар давлат ду нафар ба корҳои татбиқ алоқадор мебошанд: якум, қозист, ки хусумату носозиҳои байни инсонҳоро ҳал мекунад. Дуюм, ҳокимест, ки аз болои инсонҳо ҳукм меронад. Бо роҳи тавотур, яъне бо ҳуҷҷат ва далелҳо нақл шудааст, ки қозиҳо Исломро татбиқ кардаанд. Онҳо дар тамоми корҳо хусумат (носозӣ)-ҳои байни инсонҳоро танҳо дар асоси қонунҳои шариат ҳал мекарданд. Аз даври Расул (с) сар карда то охири Давлати Хилофати Истамбул дар тамоми корҳои ҳаёт чунин буд, хоҳ дар алоқаҳои байниҳамии муслимон бошад, хоҳ дар алоқаҳои муслимон ва ғайримуслимон. Маҳкамае, ки хусуматҳоро доир ба ҳуқуқ, чораҳои ҷазо, ҳолатҳои шахсӣ ва ҳоказо ҳал мекард, маҳкамаи ҷудонопазир ва ягона буда, танҳо бо шариати Ислом ҳукм мебаровард. Касе ривоят накардааст, ки масъалае дар асоси қонунҳои ғайри аҳкоми шариати Ислом ҳаллу фасл ёфта бошад ё ки маҳкамае дар мамлакатҳои Ислом

пеш аз ҷудокунии маҳкамаҳо ба маҳкамаи шаръӣ ва маҳкамаи низомӣ дар зери таъсири мустамликадорон бо қонуни ғайри Ислом ҳукм бароварда бошад. Ҳуҷҷатҳои маҳкамаҳои шаръӣ, ки дар Қуддус, Бағдод, Дамашқ, Миср, Истамбул ва дигар шаҳрҳои қадима нигоҳ дошта шудаанд, далели равшани ин мебошанд. Чунки ин ҳуҷҷатҳо далели аниқ мебошанд, ки қозиҳо танҳо шариати Исломро татбиқ кардаанд. Ҳатто ғайримуслимон, насронӣ ва яҳудиён ҳам фиқҳи Исломро омӯхта, дар ин соҳа китобҳо менавиштанд. Салими Боз "Маҷалла" ном маҷмӯи қонунҳои адлияро шарҳ кардааст. Ӯ ва дигарон аз ҷумлаи олимон мебошанд, ки дар асрҳои охир дар соҳаи фиқҳи Ислом асарҳо эҷод кардаанд. Қонунҳое, ки аз берун дароварда шудаанд, бино ба фатвои уламо "Онҳо ба аҳкоми Ислом хилоф нестанд" дароварда шуданд. Ҳамин тавр, соли 1275 ҳиҷрӣ (1857 милодӣ) "Қонуни ҷазои Усмониён" дароварда шуд. Соли 1276 ҳиҷрӣ (1858 милодӣ) "Қонуни ҳуқуқ ва тиҷорат" дароварда шуд. Пасон, соли 1288 ҳиҷрӣ (1870 милодӣ) маҳкамаҳо ба ду қисм — маҳкамаҳои шаръӣ ва маҳкамаҳои низомӣ тақсим карда шуда, барои онҳо низом қабул карда шуд. Соли 1295 ҳиҷрӣ (1877 милодӣ) "Лоиҳаи ташкили маҳкамаҳои низомӣ" тартиб дода шуда, соли 1296 ҳиҷрӣ (1878 милодӣ) қонуни "Асосҳои маҳкамаҳои ҳуқуқ ва ҷазо" қабул карда шуд. Вақте ки уламо барои даровардани қонуни "маданӣ" ба давлат асосеро наёфтанд, "Маҷалла" (маҷмӯи қонунҳои адлия) барои муомалот ҳамчун қонун қабул карда шуда, қонуни "маданӣ" ба канор гузошта шуд. Ин соли 1286 ҳиҷрӣ рӯй дод. Ҳамаи ин қонунҳо ҳамчун ҳукмҳои Ислом рухсатдиҳанда қабул карда мешуданд. Ин қонунҳо танҳо баъд аз гирифта шудани фатвои ба онҳо иҷозатдиҳанда ва рухсати Шайхулислом ба қабули онҳо татбиқ карда шуданд. Инро аз ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки дар бораи он қонунҳо паҳн шудаанд, донистан мумкин аст. Мустамликадорон аз соли 1918, яъне аз истило кардани мамлакат сар карда масъалаҳои ҳуқуқ ва ҷазоро бе шариати Ислом ҳал карданро шурӯъ карданд. Бо вуҷуди ин, мамлакатҳое, ки нуфузи мустамликадорӣ шомил шуда бошад ҳам, бо лашкари мустамликадорӣ истило карда нашудаанд, ҳанӯз аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бо Ислом ҳукм меронанд. Масалан, тамоми нимҷазираи Арабистон: Ҳиҷоз, Наҷд, Қувайт

ва Афғонистон ҳанӯз аз ҷиҳати ҳуқуқӣ Исломро татбиқ мекунанд. Ҳарчанд имрӯз ҳокимон дар ин сарзаминҳо Исломро татбиқ накунанд ҳам, ин кишварҳо то ҳол дар корҳои ҳуқуқӣ танҳо бо шариати Ислом ҳукм меронанд. Аз ин маълум мешавад, ки дар ҳама асрҳои Давлати Исломӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ягон қонунҳои бегона татбиқ карда нашуда, танҳо Ислом татбиқ шудааст.

Исломро татбиқ кардани ҳоким дар ҳукмҳои ба панҷ чиз алоқадори шариат муҷассам мегардад: ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисод, таълим, сиёсати хориҷӣ ва корҳои идораи ҳукумат. Дар ҳамаи ин панҷ соҳа Ислом аз тарафи давлат татбиқ шудааст. Қонунҳои иҷтимоӣ, ки алоқаҳои зану мардро ва тамоми муносибатҳои тааллуқдори онҳоро, яъне ҳолатҳои шахсиро муайян мекунанд, то кунун татбиқ мешаванд, гарчи мустамликадорӣ ва ҳокимияти куфр мавҷуд бошад ҳам. Дар ин соҳа то ҳол қонунҳои бегона татбиқ нашудаанд. Қонунҳои иқтисод дар ду соҳа намоён мегарданд: якум, услуб (кайфият)-и аз халқ молу мулкро ҷамъ кардани давлат барои ҳалли муаммоҳои гуногуни инсонҳо, дуюм, услуби сарфи ҳамин молу мулк. Кайфияти аз халқ ҷамъ кардани молу мулк ин аст, ки давлат бо эътибори ибодат аз молу мулк, заминҳо ва ҳайвонот закот мегирифт. Онро дар байни ҳашт тоифа, ки дар Қуръон зикр шудаанд, тақсим карда, барои идораи корҳои давлат ин мулкро асло истифода намебурд. Барои идораи корҳои давлат танҳо мувофиқи шариати Ислом молу мулкро ҷамъ мекард. Барои ҳамин давлат аз замин хироҷ, аз ғайримуслимон ҷизя ва барои мутасаддӣ будани худ ба тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ ҳаққи гумрукиро мегирифт. Танҳо дар мавридҳои муайянкардаи шариати Ислом молу мулкро ҷамъ мекард. Аммо дар тақсими мол давлат ба оҷизон аҳкоми нафақадиҳиро татбиқ мекард. Шахси рӯҳан носолим ва исрофгарро аз тасарруфи мол манъ карда, ба онҳо васӣ таъин мекард. Давлат дар ҳар як шаҳр, дар роҳҳои ҳаҷ барои хӯрок хӯрдани фақирон, мискинон ва мусофирон манзилгоҳҳо бино мекард. Ёдгориҳои ин манзилгоҳҳо то имрӯз дар шаҳрҳои калони муслимон нигоҳ дошта шудааст. Хуллас, сарфи мол аз тарафи давлат мувофиқи шариат бурда шудааст ва ҳеҷ гоҳ дар асоси қонунҳои ғайри шариат иҷро нашудааст. Баъзе нуқсонҳое, ки дар ин соҳа

мушоҳида мешаванд, мутлақо татбиқ нашудани шариатро маънидод намекунанд, балки бепарво ва бад татбиқ шудани онро маънидод мекунад.

Сиёсати таълим низ дар асоси Ислом бунёд шуда буд. Асоси дастури таълим аз сақофати Ислом иборат буда, агар сақофатҳои аҷнабӣ ба Ислом зид бошанд, барои онҳоро ба дастур надаровардан аҳамияти калон дода мешуд. Нуқсонҳо дар соҳаи кушодани мадрасаҳо фақат дар дамҳои охирини Давлати Усмонӣ рӯй дода буд. Ин ҳол дар ҳамаи шаҳрҳои исломӣ кушоду равшан ба чашм мерасид. Сабаби асосии ин ақибмонии фикрӣ буд, ки дар ин давр авҷ гирифтааст. Аммо дар асрҳои дигар дар тамоми олам маълум ва машҳур буд, ки шаҳрҳои калони давлат диққату эътибори ҳамаи олимон ва толибони илмро ба худ ҷалб мекарданд. Донишгоҳҳои Қуртаба (Кордова), Бағдод, Дамашқ, Искандария ва Қоҳира дар соҳаи ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия дар олам таъсири калон доштанд.

Сиёсати хориҷӣ низ ба асоси исломӣ бунёд шуда буд. Давлати Исломӣ алоқаҳои худро бо давлатҳои дигар мувофиқи Ислом ба роҳ мемонд. Тамоми давлатҳо ба он ҳамчун Давлати Исломӣ нигоҳ мекарданд. Ҳамаи алоқаҳои хориҷии Давлати Исломӣ манфиатҳои муслимонро ба ҳисоб гирифта ва айнан муслим будани онҳоро ба эътибор гирифта мувофиқи Ислом бурда мешуд. Сиёсати исломӣ будани сиёсати хориҷии Давлати Исломӣ дар тамоми олам машҳур буда, барои исботи он ба ягон далел ҳоҷат нест.

Дар хусуси низомулҳукм (яъне низоми ҳокимият) ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки дар Ислом ҷиҳози давлат ба ҳашт рукн (сутун) бунёд шудааст. Ин рукнҳо аз чизҳои зерин иборатанд: Халифа (раиси давлат); муовини тафвиз; муовини танфиз; амири ҷиҳод; волиён; қозиён, идораҳои давлат ва маҷлиси уммат. Ин ҷиҳоз доимо мавҷуд буд. Ягон даври муслимон бе халифа нагузаштааст. Онҳо фақат, баъд аз он ки соли 1342 ҳиҷрӣ (1924 милодӣ) кофирони мустамликадор бо дасти Мустафо Камол Давлати Хилофатро сарнагун сохтанд, бе халифа монданд. Аммо пеш аз ин, ҳатто дар давраҳои инқирозу ақибмонии ашаддитарин ҳам, халифае равад, албатта аз паси он халифаи дигар меомад, барои ҳамин халифаи

муслимон доимо мавҷуд буд. Агар халифа мавҷуд бошад, аз ин мебарояд, ки Давлати Исломӣ мавҷуд аст. Чунки Давлати Исломӣ халифа мебошад. Муовинон ҳам дар ҳамаи асрҳо мавҷуд буданд. Онҳо дар идора ва иҷро муовин буданд, на вазирон. Гарчи дар асри Аббосиён онҳо вазирон номида шуда бошанд ҳам, аслан онҳо муовинон буданд. Дар онҳо сифати вазирӣ набуд, ки ин сифат дар ҳокимиятҳои демократӣ мавҷуд аст. Балки онҳо фақат бо ваколати халифа дар идора ва иҷро муовин буданд. Тамоми салоҳият ва ҳуқуқҳо дар дасти халифа буд. Мавҷуд будани волиён, қозиён ва идораҳои давлат ягон исбот талаб намекунад. Вақте ки кофири мустамликадор ба мамлакат зер карда даромад, корҳои он бо мароми худ давом мекард ва дар он волиён, қозиён ва идораҳои давлат мавҷуд буданд. Ин ҳақиқат ба ягон далел мӯҳтоҷ нест. Корҳои қӯшун (артиш)ро бо эътибори қӯшуни исломӣ амири ҷиҳод идора мекард. Дар зеҳни тамоми олам устувор шуда буд, ки лашкари исломӣ мағлубнашаванда аст. Аммо ба маҷлиси шӯро (уммат) баъд аз Хулафои Рошидин эътибор дода нашуд. Сабаб ин аст, ки шӯро яке аз асосҳои ҳукумат нест, гарчи он аз ҷиҳозҳои давлат ба ҳисоб равад ҳам. Балки он аз ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар назди халифа мебошад. Агар халифа шӯро накунад, ба камбудӣ роҳ медиҳад, лекин ҳукумат ҳамчун ҳукумати исломӣ боқӣ мемонад. Чунки шӯро аз маҷлиси намояндагони демократия фарқ мекунад. Он барои гирифтани раъй даъват карда мешавад, на барои баровардани ҳукм. Аз ин равшан мегардад, ки дар Давлати Исломӣ низоми ҳокимият пурра татбиқ шудааст.

Дар ин ҷо масъалаи байъати халифа ҳам мавҷуд аст. Қатъӣ маълум аст, ки дар Давлати Хилофат қонуни муайяни меросбарӣ набуд, ки барои гирифтани ҳокимият (мақоми сардори давлат) асос мешавад, чунончи ин ҳол дар низоми подшоҳӣ вуҷуд дорад. Балки дар давлат қонуни муқаррар, ки барои бадастории ҳокимият муайян шудааст, байъат буд. Байъат дар баъзе асрҳо аз муслимон, дар баъзе асрҳо аз "Аҳли ҳал ва ақд", яъне аз муҷтаҳидони боэътимод ва шахсони бонуфуз дар миёни уммат ва дар охирҳои асри пастравӣ аз Шайхулислом гирифта мешуд. Дар ҳама асрҳои Давлати Исломӣ қонуни ҷоришуда ин буд, ки ҳар кадом халифа фақат

бо байъат интихоб мешуд, Халифа бо роҳи меросбарӣ, бе байъат мутлақо таъин нашудааст. Ягон ҳодисае ривоят нашудааст, ки Халифа бе байъат, бо роҳи меросбарӣ таъин шуда бошад. Лекин баъзан дар татбиқи байъат ба хатоҳо роҳ дода шудааст. Масалан, баъзе халифаҳо дар вақти зинда будан барои писар, бародар, ҷияни худ ё ки шахсе аз оилаи хеш аз мардум байъат мегирифт ва пас аз вафоти халифа ба ҳамон шахс боз аз нав байъат карда мешуд. Ин на меросбарӣ ва на валиаҳдист, балки нодуруст татбиқ кардани байъат аст. Ин ҳол ба вайрон ва нодуруст татбиқ шудани қонуни интихобот дар интихоботи парламент дар низомҳои демократӣ шабоҳат дорад. Ин гуна интихобот на таъинкунӣ, балки интихобкунӣ номида мешавад, гарчи дар интихобот шахсони таъинкардаи ҳукумат ғалаба кунанд ҳам. Аз суханҳои дар боло зикршуда мебинем, ки низоми Ислом дар ҳама асрҳои Давлати Исломӣ дар амал татбиқ шудааст ва ба ғайр аз низоми Ислом ягон низом татбиқ нашудааст.

Муваффақияти амалии ин мафкура, хусусан дар ду кор беҳамто аст: Якум, мафкураи Ислом тамоми мардуми арабро аз ҳолати ақибмонии фикрӣ, ки дар зулматҳои тоифапарастию қабилагарой ва дар торикиҳои нодонию ҷаҳолат саргум мезад, ба асри бедории фикрӣ баровард. Тулӯи офтоби ин асри бедорӣ, ки бо нури Ислом ҷилва мекард, на танҳо арабҳоро, балки тамоми оламро фаро гирифт. Муслимон барои паҳншавӣ дар кураи замин шурӯъ карданд. Чун онҳо ба тамоми олам Исломро бардошта баромаданд, Форс, Ироқ, диёрҳои Шом, Миср ва Африқои Шимолиро ишғол карданд. Ҳар яки ин халқҳо миллати хос буда, яке ба дигаре шабоҳат надошт ва ҳар яке дорои забони хос буд. Миллати форс дар сарзамини Форс аз румиҳои Шом, аз қибтиҳои Миср ва аз барбарҳои Африқои Шимолӣ фарқ мекард. Одат, анъана ва динҳои онҳо низ гуногун буданд. Чун онҳо дар сояи ҳокимияти Ислом зиста, ба фаҳмидани Ислом шурӯъ карданд, ҳамаи онҳо ба Ислом даромаданд ва ба уммати ягона — Уммати Исломӣ табдил ёфтанд. Барои ҳамин муваффақияти мафкураи Ислом дар муттаҳидкунии ин халқҳо ва миллатҳо бемисл буд. Ҳол он ки воситаҳои алоқа дар расондани мафкураи Ислом аз шутурҳо

иборат бошад, воситаҳои тарғибот (фаҳмондан) аз забон ва қалам иборат буд.

Фатҳ ва ишғоли мамлакатҳои нав барои сарнагун сохтани қувва бо қувва ва бартараф кардани монеаҳои моддӣ буд. То ки инсонҳо ба роҳи рости исботкардаи ақл ва ҳидоятнамудаи фитрат бо ихтиёри худ қадам гузоранд. Барои ҳамин инсонҳо ба дини Аллоҳ гурӯҳ-гурӯҳ шуда даромаданд. Аммо фатҳ (истило), ки ба инсонҳо ҷабру зулм мекунад, дар байни фотеҳу мафтуҳ (истилогар ва истилошуда), ғолибу мағлуб адоват ангехта, онҳоро аз ҳамдигар дур месозад. Гарчи Ғарб таи даҳҳо сол Шарқро мустамлика карда истода бошад ҳам, аз чашм дур нест, ки он зафар ёфта наметавонад. Агар таъсири сақофати гумроҳкунанда ва тазйиқи ҳокимиятҳои лӯхтакмонанд намебуданд, ба ҳисори Ислом, мабдаъ ва низоми он баргаштан аз як мижа задан тезтар амалӣ мешуд. Ин сақофати гумроҳкунанда дар рӯзҳои наздик аз байн меравад, инчунин ҳокимиятҳои лӯхтакмонанд дарояндаи наздик беному нишон шуда барбод мераванд... Ба мавзӯъ баргашта мегӯем, ки муваффақияти мафкураи Ислом дар муттаҳид сохтани ин халқҳо беҳамто буд. Новобаста аз мусибатҳои мустамликадорон, нопокӣ ва маккории онҳо дар олондани ақидаҳо ва заҳролуд кардани фикрҳо, ин халқҳо то имрӯз муслим шуда омаданд ва то қиёмат ҳамчун Уммати ягонаи Ислом боқӣ хоҳанд монд. Ҳодисаи аз Ислом баргаштани халқе аз халқҳои мазкур, ки Исломро қабул кардаанд, мутлақо рӯй надод.

Муслимони Андалус (Испания) бо ёрии маҳкамаҳои тафтишот (инквизатсия), оташхонаҳо (криматорияҳо) ва сарбуракҳо (гилотинаҳо)и ҷаллодон батамом нест карда шуданд. Ба сари муслимони Бухоро, Кавказ ва Туркистон мусибатҳои гузаштагонашон борид. Исломи ин халқҳо, ба уммати ягона табдил ёфтани онҳо ва дар ақидаи худ ин қадар барқарор будани онҳо дараҷаи муваффақияти ин мафкураро ва Давлати Исломиро дар татбиқи низоми Ислом кушоду равшан нишон медиҳад. Дуюм, Уммати Исломӣ таи дувоздаҳ аср (аз асри VI милодӣ то нимаҳои асри XVIII милодӣ) дар олам аз ҷиҳати ҳазорат, маданият, сақофат ва илму фан Уммати олитарин шуда бошад, Давлати Исломӣ бузургтарин ва

тавонотарин давлати олам буд. Уммати Ислом дар ин муддат гули ягонаи дунё ва дар байни тамоми миллату элатҳо хуршеди дурахшон буд. Ин ҳам муваффақияти Исломро дар татбиқи низом ва ақидаи мафкураи худ ба инсонҳо таъкид мекунад. Вақте ки Давлати Исломӣ ва Уммати Исломӣ аз паҳнкунии мафкура даст кашида, дар даъват ба Ислом беэътиборӣ карданд ва дар фаҳмишу татбиқи Ислом ба нуқсонҳои ҷиддӣ роҳ доданд, дар байни умматҳои дигар худ аз худ беобрӯ гаштанд.

Дар асоси суханҳои дар боло зикршуда мегӯем, ки танҳо мафкураи Ислом дурусттарин ва шоистатарин мебошад. Танҳо он барои паҳншавӣ дар тамоми олам ҳақдор аст. Агар Давлати Исломӣ, ки ин мафкураро дар саросари олам бардошта мебарояд, бунёд гардад, муваффақияти он имрӯз ҳам бемисл хоҳад шуд, чунон ки дар гузашта шуда буд.

Гуфтем, ки Ислом дар қонунҳои аз он сарчашмагиранда ба фитрати инсон пурра мувофиқ меояд. Барои ҳамин Ислом ба инсон ҳамчун ҳастии сунъӣ, ки дар асоси дастури махсусан тартиб додашуда зиндагӣ мекунад ва низомро бе тафовут, бо ченакҳои геометрикии дақиқ татбиқ менамояд, эътибор намедиҳад. Балки ба инсон ҳамчун ҳастии иҷтимоӣ эътибор мекунад, ки қувваю хосиятҳо дар инсонҳо гуногунанд. Аз як ҷиҳат, табиист, ки бо кафолати осоишу хотирҷамъӣ барои ҳама инсонҳо ба якдигар наздик баҳо дода шаванд ҳам, ба онҳо аз як нуқтаи назар нигоҳ карда намешавад. Аз ҷиҳати дигар, ин имрӯз мавзӯи асосии баҳс аст, табиист, ки ба ин эътибор баъзеҳо ба татбиқи низом розӣ нашуда, бар зидди он ҳаракат мекунанд. Баъзеҳо ин низомро қабул намекунанд ва баъзеҳо аз ин низом рӯ мегардонанд. Барои ҳамин дар ҷомеа фосиқу фоҷирони ночор мавҷуд мешаванд. Дар он кофиру мунофиқон ва муртаду мулҳидон (бехудоён) мешаванд. Лекин ба ҷомеа ҳамчун маҷмӯаи фикрҳо, дарёфтҳо, қонунҳо ва инсонҳо эътибор дода мешавад. Бинобар ин, агар дар ҷомеа ин чизҳо исломӣ бошанд, он ҷомеаи исломӣ ба шумор меравад, ки Исломро татбиқ мекунад.

Далели ин чунин аст, ки ҳеҷ кас монанди Муҳаммад (с) низоми Исломро татбиқ карда наметавонад. Бо вуҷуди ин, дар даври он кас низ кофиру мунофиқон, фосиқу фоҷирон ва

муртаду мулҳидон мавҷуд буданд. Лекин ҳар як кас ба қатъӣ эътироф кардан маҷбур аст, ки Ислом мукаммал татбиқ шудааст ва ҷомеа исломӣ буд. Лекин низом на ба вуҷуди сунъӣ, балки ба вуҷуди иҷтимоӣ, яъне ба инсон татбиқ шудааст. Дар давраҳои аз қарор ёфтани Муҳаммад (с) дар Мадина то диёрҳои муслимонро истило кардани мустамликадорон ва ба ҷои низоми Ислом низоми капитализмро ҷорӣ кардани онҳо ба тамоми Уммати Исломӣ, хоҳ араб бошад, хоҳ ғайри араб, танҳо Ислом татбиқ шудааст.

Бинобар ин хулоса кардан мумкин аст, ки аз соли якуми ҳиҷрӣ сар карда то соли 1336 ҳиҷрӣ (1918 милодӣ) Ислом дар амал татбиқ шудааст. Уммати Исломӣ тӯли ин муддат ғайр аз Ислом ягон низоми дигарро татбиқ накардааст.

Ҳатто муслимон фалсафа, илм ва сақофатҳои аҷнабии гуногунро ба забони арабӣ тарҷума карда бошанд ҳам, на барои амал кардан ва на барои омӯхтан қонунгузорӣ, қонун ё низоми ягон миллатро мутлақо тарҷума накарда буданд. Вале инсонҳо Исломро ҳамчун низом хуб ё бад татбиқ мекарданд. Ин ба пурзӯрӣ ё заифии давлат, фаҳмиши амиқи низом ё нафаҳмидани он, ба қувваи паҳнкунии мафкура ё нуқсонҳои дар он роҳ додашуда вобаста аст. Барои ҳамин дар баъзе асрҳо нуқсонҳо дар татбиқи Ислом ҷомеаи исломиро аз мақоми муносиби худ мефуровард. Аз ин гуна таназзул ягон низом холӣ нест. Чунки низом дар татбиқ ба фарзандони башар такя мекунад. Лекин вайрон шудани татбиқ маънидод намекунад, ки Ислом татбиқ нашуда бошад. Балки аниқ аст, ки Ислом татбиқ шудааст, мабдаъ ва низомҳои дигар асло татбиқ нашудаанд. Зеро дар татбиқ асосан ба қонунҳо ва низомҳое, ки давлат ба онҳо амал карданро талаб мекунад, эътибор дода мешавад. Давлати

Исломӣ ягон қонунро аз низомҳои ғайриисломӣ нагирифтааст. Нуқсонҳои роҳ додашуда фақат аз татбиқи нодурусти баъзе қонунҳои Ислом аз тарафи баъзе ҳукмдорон иборат буданд. ғайр аз ин, дар пеши назари мо бояд доимо аниқ ва равшан муҷассам шавад, ки ҳангоми мушоҳида намудани татбиқи Ислом аз таърих мулоҳиза кардани ду чиз зарур аст:

Якум, бояд ин таърихро аз душманони Ислом ва ононе, ки онро дида наметавонанд, нагирем. Ҳатто аз муслимон ҳам бо таҳқиқи дақиқ гирифтан зарур аст. То ки аз онҳо сурати вайроншударо нагирем. Дуюм, аз ҳодисаҳои таърихи шахсҳо ва таърихи баъзе соҳаи ҷомеа дар услуби қиёси умумӣ ба ҷомеа ҳукм баровардан ҷоиз нест. Масалан, аз таърихи Язид асри Умавиёнро ё аз ҳодисаҳои таърихи баъзе халифаҳои Аббосӣ асри Аббосиёнро омӯхта, ҳукми умумӣ баровардан хатост. Инчунин аз хондани китоби "Алағонӣ", ки дар бораи аския, шоир ва адибон навишта шудааст ё аз хондани китобҳои тасаввуф ва монанди онҳо ба ҷомеаи асри Аббосиён "ин ҷомеаи фисқу фуҷур ё зуҳду узлат будааст" гуфта ҳукм баровардан ҷоиз нест. Балки ҷомеаро яклухт ва пурра омӯхтан лозим аст. Илова бар ин, таърихи ҷомеаи исломӣ дар ягон аср навишта нашудааст. Чизе навишта шуда бошад ҳам, аз таърихи ҳукмдорон ва баъзе амалдорони иҷрокунанда иборат аст. Шахсони онҳоро навишта боваринок нестанд. Ҳамаи онҳо ё сиёҳ ва ё ситоиш карда навишта буданд. Аз ҳеҷ яки ин ду тоифа сухане қабул карда намешавад.

Вақте ки дар ин асос, яъне бо тамоми ҷиҳатҳо ҷомеаи исломиро бо таҳқиқи дақиқ меомӯзем, беҳтарин ҷомеа будани онро медонем. Чунки он дар асрҳои I, II, III ҳиҷрӣ, пасон дар асрҳои баъд аз ин то асри XII ҳиҷрӣ чунин ҷомеаи зебо буд. Ҷомеаи исломӣ дар тӯли тамоми асрҳои пасисарнамудаи худ, ҳатто то дамҳои охирини Давлати Усмониён ҳамчун Давлати Исломӣ Исломро татбиқ карда буд. Аммо ҳаминро мулоҳиза кардан лозим аст, ки таърих бояд асло ҳамчун манбаи низом ё фиқҳ (қонунгузорӣ) эътибор карда нашавад. Зеро низом аз манбаъҳои фиқҳии худ гирифта мешавад, на аз таърих. Масалан, низоми коммунистиро фаҳмиданӣ бошем, онро на аз таърихи Русия, балки аз китобҳои мабдаи коммунистӣ меомӯзем. Агар бо қонунгузории Англия ошно шуданӣ бошем, онро на аз таърихи Англия, балки аз қонунгузории Англия мегирем. Ин ба ҳар гуна низом ё қонун тааллуқ дорад.

Ислом ҳам мабдаи алоҳида буда, ақида ва низоми хоса дорад. Агар онро омӯхтанӣ ё қабул карданӣ бошем, на аз ҷиҳати омӯхтан ва на аз ҷиҳати тартиб додани қонунҳои он, бояд таърихро мутлақо ҳамчун манбаи он эътибор накунем.

Манбаи омӯхтани Ислом китобҳои фиқҳ (қонунгузорӣ)-и исломӣ мебошад. Манбаи тартиб додани қонунҳои Ислом аз далел ва ҳуҷҷатҳои тафсилии ин қонунҳо иборат аст. Барои ҳамин на барои омӯхтан ва на барои далел овардан ба низоми Ислом манбаъ кардани таърих дуруст нест. Дар ин асос на дар ҳодисаҳои таърихии дар бораи онҳо ривоятшуда ва на дар китобҳои таърихи онҳо навишташуда барои аҳкоми шариат асос (манбаъ)-и муроҷиат кардашаванда эътибор карда шудани таърихи Умар ибни Хаттоб, Умар ибни Абдулазиз, Ҳорун Аррашид ва дигарон дуруст нест. Агар дар ҳодисаи муайян ба раъйи

Умар итоат (пайравӣ) карда шавад, ин ҳукм ҳамчун ҳукми шаръии Умар тартибдода ва татбиқкарда қабул карда мешавад, чунон ки ба ҳукмҳои тартибдодаи Абӯҳанифа, Ҷаъфар ва муҷтаҳидони мисли онҳо итоат карда мешавад. Ба раъйи Умар ҳамчун ҳодисаи таърихӣ пайравӣ карда намешавад. Бинобар ин низом аз таърих гирифта ва ҳам омӯхта намешавад. Илова бар ин, татбиқ шудан ё ки татбиқ нашудани низом ҳам аз таърих донист намешавад, балки аз фиқҳ (қонуншиносӣ) гирифта мешавад. Чунки ҳар як аср муаммоҳои хоса дошта, ин муаммоҳо бо ёрии низом муолиҷа карда мешаванд. Барои донистани низоме, ки барои муолиҷаи муаммоҳо асос карда шудааст, ба ҳодисаҳои таърихӣ муроҷиат намекунем, балки бояд ба низоми татбиқшуда, яъне ба фиқҳи Ислом муроҷиат кунем. Чунки хабарҳои таърих ба мо дар шароитҳои хоса нақл шудаанд. Агар ба фиқҳи Ислом муроҷиат кунем, дар он ягон қонунеро вонамехӯрем, ки муслимон аз дигарон аз худ карда бошанд ё аз тарафи онҳо андешида ва даровардa шуда бошад.

Балки амин мешавем, ки фиқҳи Ислом бо пуррагӣ аз аҳкоми шаръие, ки аз далелҳои шаръӣ истинбот шудаанд, иборат мебошад. Муслимон ба покдории фиқҳ аз фикрҳои заиф, яъне аз истинботҳои заиф сахт аҳамият медоданд. Ҳатто ба фикри заиф, ки асоси пурзӯр надорад, амал карданро манъ мекарданд, гарчи аз тарафи муҷтаҳиди мутлақ изҳор шуда бошад ҳам.

Аз ин маълум мешавад, ки дар саросари олами исломӣ ғайр аз фиқҳи Ислом ягон ҳуҷҷати қонунӣ мавҷуд набудааст, балки танҳо фиқҳи Ислом мавҷуд буд. Агар дар як уммат дигар

ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ёфт нашуда, танҳо ҳуҷҷатҳои як фиқҳ мавҷуд бошад, ин далел аст, ки ин уммат дар қонунгузории худ ғайр аз он ҳуҷҷатҳои фиқҳи муайян дигареро истифода набурдааст.

Агар ба таърих эътибор нигаронидан ҷоиз бошад, аз он танҳо барои тафтиш (омӯхтан)-и услуб (кайфият)-и татбиқ истифода бурдан мумкин аст. Таърих ҳодисаҳои сиёсиро қайд мекунад. Дар ин ҳодисаҳо кайфияти татбиқ намоён мешавад. Лекин инро фақат бо таҳқиқи дақиқ аз муслимон гирифтан мумкин аст. Таърих се манбаъ дорад: 1. Китобҳои таърихӣ. 2. Осори таърихӣ, ёдгориҳо. 3. Ривоят. Ҳамчун манбаъ гирифтани китобҳои таърихӣ мутлақо нодуруст аст. Чунки онҳо дар ҳама асрҳо ба шароитҳои сиёсӣ тобеъ мешаванд. Онҳо пур аз дурӯғҳоянд, ки ё ҳукмдори ҳамон замонро ситоиш карда, ё дар замони баъд аз он ҳукмдор бар зидди ӯ навишта шудаанд. Таърихи сулолаи Алавиҳо дар Миср ба ин далели равшан аст. Чунки таърихи ин сулола пеш аз соли 1952 сурати зебо ва дурахшон дошт. Баъд аз соли 1952 ин таърих ба сурате табдил ёфт, ки аз аввалаш фарқ мекунад ва бо рангҳои сиёҳ кашида шудааст. Таърихи ҳодисаҳои сиёсии асри мо ва асрҳои пешина низ монанди ҳамин аст. Барои ҳамин китобҳои таърихиро барои таърих ҳамчун манбаъ гирифтан мумкин нест, ҳатто ёддоштҳои аз тарафи баъзе шахсҳо навишта шуда бошанд ҳам.

Аммо осори таърихӣ, ёдгориҳо, агар бо нияти пок мавриди омӯзиш қарор гирад, мумкин аст дар бораи чизи муайян ҳақиқати таърихиро диҳанд. Онҳо баъзе ҳодисаҳоро исбот карда, ба онҳо далолат карда метавонанд, ҳарчанд занҷири таърихиро ташкил дода натавонанд ҳам. Шахсе, ки осори кишварҳои муслимонро (хоҳ биною асбобҳои онҳо бошанд, хоҳ чизҳои тааллуқдори онҳо, ки ҳамчун ёдгории таърихӣ эътибор карда мешаванд) дақиқ меомӯзад, боварии қатъӣ ҳосил мекунад, ки дар олами исломӣ танҳо Ислом, низоми Ислом ва аҳкоми
Ислом мавҷуд будааст. Рӯзгор, зиндагӣ ва рафтори муслимон хоси Ислом буда, асло дигар набуд.

Манбаи сеюм ривоят аст. Агар ривояти саҳеҳ (дуруст)-и шартҳояш иҷрошуда бошад, аз манбаъҳои ҳақиқӣ ба ҳисоб меравад, ки ба он такя кардан мумкин аст. Дар ин роҳе, ки дар

ривоят кардани ҳадис пеш гирифта шудааст, интихоб карда мешавад ва дар ин услуб таърих навишта мешавад. Барои ҳамин мебинед, ки муслимон ҳангоми сар кардани навиштани китобҳои таърихӣ роҳи ривоятро пеш гирифтаанд. Барои ҳамин мебинем, ки китобҳои таърихии қадима "Таърихи Табарӣ", "Сирати ибни Ҳишом" ва мисли онҳо дар ин услуб навишта шудаанд. Бинобар ин ба муслимон ҷоиз нест, ки таърихашонро аз китобҳои таърихӣ ба фарзандони худ омӯзанд. Чунки манбаи китобҳои таърихӣ аз китобҳои мисли онҳо иборат аст. Инчунин аз ин таърих гирифтани тафтиши татбиқи низоми Ислом мумкин нест. Танҳо он гоҳ аён мегардад, ки ба Уммати Исломӣ маҳз Ислом татбиқ карда шуда, дар тамоми асрҳо ягон қонуни ғайр аз он татбиқ нашудааст.

Вале ҷанги якуми ҷаҳон бо ғалабаи иттифоқчиён ҷамъбаст ёфт. Сарфармондеҳи ҳуҷум лорд Алленбӣ Байтулмақдисро ишғол кард ва эълон дошт: "Акнун ҷанги салибдорӣ ба охир расид". Айнан аз ҳамин лаҳза сар карда кофири мустамликадор ба мо дар тамоми соҳаҳои ҳаёт низоми капиталистии худро татбиқ мекунад, то ғалабаи бадастовардаи худро ба зафари абадӣ табдил диҳад. Барои ҳамин бояд ин низоми пӯсидаю фосидро тағйир дода, тамоми падидаҳои ҷудогона ва муфассали онро бо пуррагӣ решакан созем. Зеро мустамликадорон бо туфайли ин низом дар кишвари мо мустаҳкам қарор гирифтанд. Танҳо он гоҳ ба азнавсаркунии ҳаёт дар асоси Ислом имкон меёбем.

Истифодаи низоми дигар ба ҷои низоми худ аз сатҳияти фикрронист. Гумони "Агар уммат ақидаро ба канор гузошта, танҳо низомро татбиқ кунад, низом онро халос карда метавонад" низ аз норасогии фикр ба вуҷуд меояд. Аслан Уммат бояд ақидаро қабул карда, пасон низоми аз ин ақида сарчашмагирандаро татбиқ намояд. Танҳо он гоҳ татбиқи низом ва эътиқод ба ақида халоскор шуда метавонад. Ин ба уммате тааллуқдор аст, ки ба мабдаъ асоснок мешавад ва давлати он низ ба ин асос бунёд мегардад. Аммо дар татбиқи мабдаъ ба дигар халқҳо ва миллатҳо барои мабдаъро ҳамчун эътиқод қабул кардани онҳо зарурат нест. Балки Уммате, ки мабдаъро ҳамчун эътиқод қабул карда, онро ба майдон

бардошта мебарорад, мумкин аст ба ҳар гуна халқ ва миллат онро татбиқ кунад, гарчи онҳо мабдаъро ҳамчун эътиқод қабул накунанд ҳам. Чунки мабдаъ онҳоро ба сӯи бедорӣ раҳнамун сохта, оқибат бо ҷозибаи худ барои ҳамчун эътиқод қабул кардан ҷалб мекунад. Барои шахсоне, ки мабдаъ татбиқ карда мешавад, қабул кардани он шарт нест. Балки ҳамчун эътиқод қабул кардани мабдаъ барои татбиққунандагони он шарти асосист.

Гирифтани миллатгароӣ ва низоми сотсиализм бароямон хатарнок аст. Чунки онҳоро аз фикрати моддият (материализм) ҷудо карда гирифтан ғайриимкон аст. Дар ин ҳол он ягон самарае намедиҳад ва таъсире намебахшад. Онро бо ҳамроҳии фикрати моддии худ гирифтан низ мумкин нест. Чунки он мафкураи салбист, ки ба фитрати инсон мувофиқ намеояд ва аз Уммати Исломӣ тарк кардани Ақидаи Исломиро талаб мекунад. Сотсиализмро гирифта, ҷиҳати рӯҳии Исломро нигоҳ доштан низ ҷоиз нест. Чунки дар ин ҳол бо сабаби зиддият ва нуқсони ҳар ду на Ислом ва на сотсиализмро мегирем. Ба мо ҷоиз нест, ки низоми Исломро гирифта, асоси ин низомро, яъне Ақидаи Исломиро тарк кунем. Чунки мо дар ин ҳол низоми мурдаи берӯҳро мегирем. Вақте ки мо Исломро мегирем, онро бо ақида ва низомаш дар ҳоли яклухт гирифта, дар вақти бардошта баромадани даъвати он ба майдон мафкураи онро низ паҳн кардан лозим аст.

Аз ин мебарояд, ки мо барои бедоршавӣ роҳи ягона дорем. Он аз нав сар кардани ҳаёт дар асоси Ислом мебошад. Бе Давлати Исломӣ барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ роҳ нест. Модом ки мо Исломро ҳамчун ақида ва низом бо пуррагӣ дар ҳоли яклухт намегирем, барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ дар сояи Давлати Исломӣ роҳ нест. Ақида муаммои асосиро ҳал мекунад ва дар ҳаёт вазифаи маркази нуқтаи назарро иҷро мекунад. Низом аз ин ақида сарчашма мегирад. Асоси низом аз Китоби Аллоҳу Суннати Расулаш ва боигарии сақофии он аз сақофати Ислом, аз ҷумла фиқҳ, ҳадис, тафсир, забоншиносӣ ва дигар иборат мебошад. Агар бо даъвати Ислом дар ҳама ҷо мукаммал ба вуҷуд овардани Ислом мафкураи Исломро дар ҳоли яклухт ба майдон бардошта бароварда натавонем, ҳеҷ гоҳ дар сояи Давлати Исломӣ ҳаёти исломиро аз нав сар карда

наметавонем! Вақте ки мафкураи Ислом ба тамоми Уммат, аз он ба Давлати Исломӣ мерасад, танҳо дар ҳамин вақт ба бардошта баромадани ин мафкура ба тамоми олам муяссар шуда метавонем.

Роҳи ягонаи бедоршавӣ ҳамин аст: Роҳбарии фикрии Исломро ба муслимон расонем, то ҳаёти исломиро аз нав сар кунем. Пасон, бо ёрии Давлати Исломӣ онро ба тамоми инсоният бирасонем!

Муслимон барои маҳкам доштани дини худ аз корвони олам ақиб намонданд. Балки ақибмонии онҳо аз он рӯз оғоз ёфт, ки онҳо ин маҳкамдориро тарк карданд ва дар ин бора бепарвогӣ намуданд. Онҳо роҳ доданд, ки ҳазорати аҷнабиён ба диёрашон дохил шуд ва пиндорҳои ғарбиҳо дар зеҳнашон ҷой гирифт. Ақибмонии онҳо аз он рӯз оғоз ёфт, ки аз даъвати Ислом даст кашида, танбалӣ карданд ва татбиқи қонунҳои онро вайрон карда, аз мафкураи он маҳрум шуданд. Бинобар ин онҳо бояд ҳаётро дар асоси Ислом аз нав сар кунанд, то неъмати бедорӣ барояшон муяссар гардад. Модом ки онҳо бо роҳи бардошта баромадани мафкураи Ислом ба майдон даъвати Исломро паҳн намекунанд ва бо воситаи ин даъват Давлати Исломиро барпо намекунанд, ҳаёти исломиро ҳаргиз аз нав оғоз карда наметавонанд. Зеро ин давлат бо паҳнкунии даъвати Ислом мафкураи Исломро ба майдон бардошта мебарояд.

Бояд дар пеши назари мо равшан намоён бошад, ки барои раҳнамун сохтани муслимон ба сӯи бедорӣ бо ёрии паҳнкунии даъвати Ислом паҳн кардани мафкура зарур аст. Зеро танҳо Ислом дунёро ислоҳ мекунад. Бедории ҳақиқӣ маҳз бо ёрии Ислом ба амал меояд, чи дар муслимон, чи дар дигарон. Бинобар ин даъвати Ислом бояд дар ин асос паҳн карда шавад.

Бояд кӯшиш кард, то ин даъват ҳамчун мафкура ба олам паҳн карда шавад. Зеро аз ин мафкура низомҳо сарчашма мегиранд. Тамоми фикрҳо ба асоси ҳамин мафкура бунёд мегарданд. Аз ин фикрҳо, беистисно, тамоми пиндорҳое ба вуҷуд меоянд, ки ба нуқтаи назар дар ҳаёт таъсир мекунанд.

Даъвати Ислом аввал чӣ хел паҳн шуда бошад, имрӯз ҳам ҳамон тавр паҳн карда мешавад. Даъвати Ислом ба Расулуллоҳ (с) пайравӣ намуда ва аз ҳамон тариқат заррае берун набаромада пеш бурда мешавад, чи дар қоидаҳои умумӣ, чи

дар корҳои ҷузъӣ. Дар ин кор тағйир ёфтани асрҳо ба ҳисоб гирифта намешавад. Чунки асосан воситаҳо ва шаклҳо тағйир ёфтаанд, аммо моҳият ва маъно ҳамон буда, дигаргун нашудааст. Ҳарчанд асрҳо сипарӣ шаванд ҳам, халқҳою кишварҳо дигаргун шаванд ҳам, моҳият ҳаргиз тағйир намеёбад.

Аз ҳамин сабаб, паҳнкунии даъвати Ислом ошкорбаёнӣ, ҷуръат, қобилият, тавоноӣ ва тафаккурро талаб мекунад. Боз тақозо мекунад, ки ҳар як равияи зидди фикрату тариқат ба баҳс хонда шавад ва аз натиҷаю вазъиятҳо чашм пӯшида, барои фош кардани сохтагии онҳо рӯирост мубориза бурда шавад.

Паҳнкунии даъвати Ислом тақозо мекунад, ки сарварӣ танҳо аз они мабдаи Ислом шавад, хоҳ ба оммаи халқ мувофиқ ояд, хоҳ зид бошад, хоҳ ба одатҳои мардум мувофиқат кунад, хоҳ хилофи онҳо бошад, хоҳ мардум онро қабул кунанд, хоҳ рад карда, бар зидди он мубориза баранд. Пас, барандаи даъват ба халқ хушомадгӯӣ ва чарбзабонӣ намекунад, ба саркорон дурӯягӣ карда, барои зебо нишон додани худ кӯшиш намекунад. Ба урфу одатҳо ва тақлидҳои мардум эътибор намедиҳад. Мардум ӯро қабул кунанд ё рад, инро ба ҳисоб намегирад. Балки танҳо мабдаъро маҳкам медорад. Ғайр аз мабдаъ чизеро ба ҳисоб нагирифта, танҳо онро баён мекунад. Ба вакилони мабдаъҳои дигар "дар мабдаи худ устувор бошед" гуфта намешавад, балки онҳо дар ҳоли ба қабул кардани мабдаъ маҷбур накардан ба мабдаъ даъват карда мешаванд. Чунки даъват тақозо мекунад, ки ҷуз мабдаи Ислом мабдаи дигар набошад ва сарварӣ танҳо ба он дода шавад.

هُوَ الَّذِي أَرْسَلَ رَسُولَهُ بِالْهُدَىٰ وَدِينِ الْحَقِّ لِيُظْهِرَهُ عَلَى الدِّينِ كُلِّهِ وَلَوْ كَرِهَ الْمُشْرِكُونَ

**"Ӯ касест, ки пайғамбари худро барои ҳидояти мардум фиристод бо дине дуристу барҳақ, то ӯро бар ҳамаи динҳо пирӯз гардонад, ҳарчанд мушриконро хуш наёяд"** (9:33).

Расулуллоҳ (с) ҳамаро ба баҳси фикрӣ хонда, мақсади худро ошкоро баён карданд ва бо боварии пурра ба ҳақиқате, ки

даъват мекунанд, рисолати худро овarданд. Он кас тамоми дунёро ба баҳс хонданд, ба сурху сиёҳи одамон ҷанг эълон карданд. Дар ин бо урфу одатҳо, тақлидҳо, динҳо, эътиқодҳо, ҳукмдорон ё халқи оддӣ ҳисобу китоб намекарданд. Ҷуз рисолати Ислом ба чизе назар намекарданд. Он кас даъвати худро аз Қурайш сар карданд ва илоҳҳои онро зикр карда, айби онҳоро ошкор сохтанд. Дар бораи эътиқодҳояшон ба баҳс хонда, аҳмақиҳои онҳоро фош карданд. Ҳол он ки он кас инсони оддӣ буда, ғайр аз боварии амиқ ба Ислом, ки ба он даъват мекарданд, на силоҳ, на омодагӣ ва на мададкор доштанд. Бо вуҷуди ин, ба урфу одат, тақлид ва дину эътиқодҳои арабҳо эътибор надоданд. Дар ин хусус барои зебо нишон додани худ ҳаракат накарданд ва онҳоро риоя накарданд.

Айнан монанди ҳамин барандаи даъвати Ислом ҳамаро ба баҳс хонда, мақсади худро ошкоро баён мекунад. Урфу одатҳо, тақлидҳо, фикрҳои пӯсида ва пиндорҳои нодурустро ба баҳс мехонад. Агар афкори омма нодуруст бошад, ҳатто онро низ ба баҳс мекашад, гарчи ҳама бар зидди ӯ ба мубориза пардозад ҳам. Гарчи ба тарафкашии вакилони дину эътиқодҳои дигар ва ғазабу интиқоми шахсони дар залолати он динҳо шахшуда гирифтор шавад ҳам, тамоми он дину эътиқодҳоро ба баҳс мехонад.

Паҳнкунии даъвати Ислом тақозо мекунад, ки ба татбиқи мукаммали аҳкоми Ислом кӯшиш карда шавад ва дар коре бепарвогӣ карда нашавад, ҳарчанд хурд ва ноарзанда намояд ҳам. Барандаи даъват ба чарбзабонӣ, бепарвогӣ ё сустӣ ва тӯлкашонии вақт розӣ намешавад. Балки корро пурра ба даст гирифта, фурсатро аз даст надода, дар ҷои худ ҳал мекунад ва дар назди ҳақиқат ягон шафоаткунандаро қабул намекунад. Расулуллоҳ (с) таклифи сафирони қабилаи Сақифро қабул накарданд. Онҳо санамашон Лотро се сол нашикаста, бар ивази қабул кардани Ислом аз намоз озод кардани худро пурсида буданд. Пасон онҳо ду сол ё ақаллан моҳе вайрон накардани Лотро талаб карданд. Расулуллоҳ (с) ба ин ҳам розӣ нашуда, аз талабҳои онҳо мутлақо рӯ гардонданд. Ин ҷавоби қатъӣ буд. Дар он дудилагӣ ва шафқат набуд. Чунки инсон ё имон меорад ё имон намеорад. Натиҷа бошад, ё ҷаннат ва ё дӯзах мешавад.

Лекин Расул (с) талаби онҳоро дар бораи вайрон накардани бутҳояшон Лот бо дасти онҳо қабул карда, вайрон кардани онро ба Абӯсуфён ва Муғийра ибни Шуъба супориданд. Оре, Расул (с) ҷуз ақидаи мукаммал ва иҷрое, ки он тақозо мекунад, ба дигаре розӣ нашуданд. Аммо ба восита ва шакл розӣ шуданд. Чунки ин ду ба моҳияти ақидаи мазкур алоқа надоранд. Аз ҳамин сабаб, барои даъвати Ислом ба мукаммал нигоҳ доштани фикрат ва мукаммал иҷро кардани он кӯшиш бояд кард. Дар хусуси фикрат ва тариқат касе риоя карда намешавад. Лекин даъват аз воситаҳои дилхоҳ истифода барад. Ин ба даъват зараре надорад.

Паҳнкунии даъвати Ислом тақозо мекунад, ки ҳар як кори даъват барои ғояи муайян барпо карда шавад. Ин аз барандаи даъват талаб мекунад, ки ҳамеша ин ғояро тасаввур карда, барои муваффақ шудани он фаъолият барад ва дар роҳи амалӣ намудани он беором меҳнат кунад. Барои ҳамин мебинем, ки ӯ ба фикри беамал розӣ намешавад. Ин гуна фикрро як фалсафаи хаёлии карахткунанда мешуморад. Ӯ ба фикр ва фаъолияти беғоя низ розӣ намешавад. Онро ҷунбише мепиндорад, ки дар фурсати кӯтоҳ ноумедӣ фаро гирифта, ба охир мерасад. Балки ӯ барои пайвастагии фикр ва фаъолият мубориза мебарад, то ин ду бо якҷоягӣ ба ғояи муайян, ки дар амал ба вуҷуд овардан мумкин аст, нигаронида шавад. Расул (с) дар Макка мафкураро паҳн карданд. Чун он кас диданд, ки ҷомеаи Макка бар зидди ҳамчун низоми дар ҷомеа амал кардашаванда қабул кардани Ислом бароmаданд, ҷомеаи Мадинаро омода карда, пасон дар он ҷо давлатро ба вуҷуд оварданд ва Исломро татбиқ намуда, рисолати онро паҳн карданд. Умматро тайёр карданд, то баъд аз он кас даъвати Исломро паҳн кунанд ва роҳи нишондодаи он касро пеш гиранд. Бинобар ин дар ҳолати мавҷуд набудани халифаи муслимон даъвати Ислом бояд ба Ислом ва азнавсаркунии ҳаёти исломӣ даъват карданро дар бар гирад. Ин худ аз худ амалӣ нашуда, танҳо бо корбарии фаъолона барои барпои Давлати Исломӣ амалӣ мегардад. Зеро ин давлат Исломро татбиқ мекунад, рисолати онро ба тамоми олам паҳн мекунад. Инчунин он даъватеро, ки барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ дар миёни Уммат бурда мешавад, ба дараҷаи даъвате мебардорад, ки аз тарафи давлат ба

тамоми олам паҳн карда мешавад. Яъне даъвати маҳаллиро дар олами исломӣ ба савияи даъвати умумиҷаҳонӣ (оламшумул) мерасонад.

Дар даъват ба Ислом бояд дурусткунии ақидаҳо ва пурзӯркунии пайвастшавӣ ба Аллоҳ кушоду равшан ба назар расад ва ба инсонҳо ҳалҳои муаммоҳои онҳо баён карда шавад. То ки ин даъват дар тамоми соҳаҳои ҳаёт зинда ва ҷоннок бошад. Расул (с) дар Макка ба мардум ояти зеринро тиловат мекарданд:

تَبَّتْ يَدَا أَبِي لَهَبٍ وَتَبَّ

**"Дастҳои Абулаҳаб бурида бод ва ҳалок бар ӯ бод"** (111:1). Дар айни вақт ояти зеринро низ мехонданд:

إِنَّهُ لَقَوْلُ رَسُولٍ كَرِيمٍ وَمَا هُوَ بِقَوْلِ شَاعِرٍ قَلِيلًا مَا تُؤْمِنُونَ

**"Ин сухани фиристодае бузургвор аст на сухани шоире. Чӣ андак имон меоварад!"** (69:40-41). Боз дар Макка ба онҳо ин оятро тиловат мекарданд:

وَيْلٌ لِلْمُطَفِّفِينَ الَّذِينَ إِذَا اكْتَالُوا عَلَى النَّاسِ يَسْتَوْفُونَ وَإِذَا كَالُوهُمْ أَوْ وَزَنُوهُمْ يُخْسِرُونَ

**"Вой бар камфурӯшон, онон, ки чун аз мардум кайл (паймона) меситонанд, онро пур мекунанд ва чун барои мардум мепаймоянд ё бармекашанд, аз он кам мекунанд"** (83:1-3). Ба одамон ин оятро низ тиловат мекарданд:

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ لَهُمْ جَنَّاتٌ تَجْرِي مِنْ تَحْتِهَا الْأَنْهَارُ ذَٰلِكَ الْفَوْزُ الْكَبِيرُ

**"Барои касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, биҳиштҳоест, ки дар он наҳрҳо ҷорист ва он комёбии бузургест!"** (85:11). Аммо дар Мадина Расул (с) ба одамон оятҳои зеринро тиловат мекарданд:

وَأَقِيمُوا الصَّلَاةَ وَآتُوا الزَّكَاةَ

**"Намозро барпо кунед ва закотро бидиҳед"** (2:110). Инчунин ба мардум ин оятро тиловат мекарданд:

انْفِرُوا خِفَافًا وَثِقَالًا وَجَاهِدُوا بِأَمْوَالِكُمْ وَأَنْفُسِكُمْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَكُمْ إِنْ كُنْتُمْ تَعْلَمُونَ

**"Ба ҷанг биравед, хоҳ бар шумо осон бошад, хоҳ душвор ва бо молу ҷони хеш дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод кунед"** (9:41). Ба онҳо тиловат мекарданд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا تَدَايَنْتُمْ بِدَيْنٍ إِلَىٰ أَجَلٍ مُسَمًّى فَاكْتُبُوهُ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, чун қарзе то муддате муайян ба якдигар диҳед, онро бинависед"** (2:282). Барояшон мехонданд:

كَيْ لَا يَكُونَ دُولَةً بَيْنَ الْأَغْنِيَاءِ مِنْكُمْ

**"То миёни тавонгаронатон даст ба даст нашавад"** (59:7). Боз тиловат мекарданд:

لَا يَسْتَوِي أَصْحَابُ النَّارِ وَأَصْحَابُ الْجَنَّةِ أَصْحَابُ الْجَنَّةِ هُمُ الْفَائِزُونَ

**"Аҳли дӯзах ва аҳли биҳишт бо ҳам баробар нестанд. Аҳли биҳишт худ зафарёфтагонанд"** (59:20). Барои ҳамин даъвати Ислом бояд ба мардум низомҳоеро барорад, ки муаммоҳои ҳаёти онҳоро ҳал мекунанд. Зеро дастоварди даъвати Ислом дар ҳаётӣ ва зинда будани он аст, ки инсонро пурра ҳамчун инсон муолиҷа карда, дар ӯ инқилоби умумиро ба рӯёб бароварда метавонад.

Агар барандагони ин даъват ба дили худ ниҳоли кӯшиш ба камолотро накоранд ва ҳамеша ҳақиқатро наҷӯянд аз ӯҳдаи масъулият баромада наметавонанд. Инчунин барои тозакунии фикрҳои худ аз пиндорҳои бегона ҳар як донистаи худро мудом тафтиш накунанд ва барои нигоҳдории софии фикрҳои худ ҳар як фикреро, ки ҳангоми наздикшавӣ эҳтимоли часпиданро дорад, аз он дур накунанд, вазифаи дарпешгузоштаи худро иҷро карда наметавонанд. Зеро софӣ ва тозагии фикрҳо гарави ягонаи муваффақият ва пояндагии муваффақият мебошад.

Ва ниҳоят, барандагони ин даъват бояд масъулияти худро ҳамчун вазифаи Аллоҳ фармуда адо кунанд. Барои корҳои анҷомдодаи худ аз касе мукофот умед накарда, аз одамон миннатдорӣ нигарон нашуда, ҷуз ҷустуҷӯи розигии Аллоҳ чизи

дигарро надониста, бо умеди бадастории розигии Ӯ хушнуд шуда, бо рӯи кушод ба ин масъулияти воҷиб бишитобанд.

Байни ҳазорат (ҷаҳонбинӣ) ва маданият фарқи калон вуҷуд дорад. Ҳазорат маҷмӯи пиндорҳост дар бораи ҳаёт. Маданият шаклҳои моддии чизҳост, ки дар корҳои ҳаёт истеъмол мешаванд ва бо ёрии ҳисҳо эҳсос карда мешаванд. Ҳазорат аз рӯи нуқтаи назар дар ҳаёт дорои шакли хусусӣ бошад, дар айни замон маданият шакли хусусӣ ва умумӣ дорад. Масалан, шаклҳои маданӣ, ки монанди ҳайкалҳо аз ҳазорат пайдо мешаванд, хусусӣ мебошанд. Шаклҳои маданӣ, ки дар натиҷаи илму фан ва пешрафти он, саноат ва тараққиёти он пайдо мешаванд, умумӣ буда, хоси ягон уммат нестанд, балки монанди саноат ва илму фан умумиҷаҳонӣ (оламшумул) мебошанд.

Ин гуна фарқ дар байни ҳазорат ва маданият бояд доимо мулоҳиза карда шавад. Инчунин фарқи байни шаклҳои мадании аз ҳазорат пайдошаванда ва шаклҳои мадании аз илму фан ва саноат пайдошаванда бояд мулоҳиза карда шавад. Ин ҳангоми гирифтани маданияти муайян зарур аст, то шаклҳои маданиятро ва фарқи байни ин шаклҳою ҳазорати онро ҷудо карда тавонем. Масалан, ба гирифтани маданияти Ғарб, ки аз илму фан ва саноат ба вуҷуд омадааст, ягон монеа нест. Аммо гирифтани маданияти Ғарб, ки аз ҳазорати Ғарб ба вуҷуд омадааст, ҳеҷ гоҳ ҷоиз нест. Зеро гирифтани ҳазорати Ғарб ҷоиз нест, ки он дар асоси бунёдшудаи худ, тасвири ҳаёти ин дунё ва маънидод кардани бахту саодати инсон ба ҳазорати Ислом зид мебошад.

Ҳазорати Ғарб ба асоси ҷудокунии дин аз ҳаёт ва инкори таъсири дин дар ҳаёт бунёд шудааст. Аз он фикрати ҷудокунии

дин аз ҳаёт ба вуҷуд омадааст. Чунки дар шахсоне, ки динро аз ҳаёт ҷудо мекунанд ва дар ҳаёт ҳастии динро инкор мекунанд, мавҷуд будани ин фикрат табиист. Ҳаёт ва низоми он ба ин асос барпо шудааст. Аммо дар тасвири ҳаёт "Ҳаёт аз манфиати соф иборат аст" гуфта тасвир карда мешавад. Чунки дар онҳо манфиат ченаку андозаи тамоми корҳост. Барои ҳамин манфиатдорӣ асоси низом ва ҳазорат мебошад. Яъне манфиатдорӣ мафҳумест, ки дар низом ва ҳазорат кушоду равшан ба назар мерасад. Чунки он ҳаётро "ҳаёт фақат аз манфиат иборат аст" гуфта тасвир мекунад. Барои ҳамин дар назди онҳо бахту саодат ба инсон то ҳадди имкон қисми калонтарини лаззатҳои ҷисмониро додан ва ба ӯ воситаҳои ин лаззатро муҳайё кардан мебошад. Аз ин ҷиҳат, ҳазорати Ғарб танҳо аз манфиатдорӣ иборат буда, ҷуз манфиат чизи дигарро ба ҳисоб намегирад ва эътироф намекунад ва онро ба ченаку андозаи тамоми корҳо табдил медиҳад. Аммо ҷиҳати рӯҳӣ маҳз ба шахс тааллуқ дошта, ҷамоа ба он алоқае надорад. Он ба калисо ва одамони калисо маҳдуд шудааст. Барои ҳамин дар ҳазорати Ғарб қиматҳои ахлоқӣ, рӯҳӣ, инсонӣ мавҷуд нестанд, балки фақат қиматҳои моддӣ ва манфиат вуҷуд доранд. Дар ин асос корҳои инсонпарварӣ ба созмонҳои монанди ҷамъиятҳои "Салиби сурх" ва миссионерӣ, ки аз давлат ҷудо мебошанд, тобеъ карда шудаанд. Ҳамаи қиматҳо ҷуз қимати моддӣ, ки аз фоида иборат аст, аз майдони ҳаёт ба канор гузошта шудаанд. Хуллас, ҳазорати Ғарб маҷмӯи чунин пиндорҳои доир ба ҳаёт мебошад.

Аммо ҳазорат (ҷаҳонбинӣ)-и Ислом ба асосе бунёд шудааст, ки аз асоси ҳазорати Ғарб мутлақо фарқ мекунад. Ҳаётро тасвир кардани он аз тасвири ҳазорати Ғарб, ки ба ҳаёт додааст, дигаргун аст. Мафҳуми бахту саодат дар ҳазорати Ислом аз мафҳуми бахт дар ҳазорати Ғарб тамоман фарқ мекунад. Ҳазорати Ислом ба асоси имон овардан ба Аллоҳ бунёд шудааст, ки Аллоҳ барои коинот, инсон ва ҳаёт низоми муайянро муқаррар карда, мувофиқи ин қонун онҳоро идора мекунад ва сайидамон Муҳаммад (с)-ро бо дини Ислом ҳамчун расул фиристодааст.

Яъне ҳазорати Ислом ба асоси Ақидаи Исломӣ барпо шудааст. Ин ақида аз имон овардан ба Аллоҳ, фариштагони Ӯ, китобҳои

Ӯ, пайғамбарони Ӯ, рӯзи охират ва аз Аллоҳ Таоло будани некию бадии қазову қадар иборат аст. Аз ин мебарояд, ки ақида асоси ҳазорат аст. Ҳазорат ба асоси рӯҳӣ бунёд шудааст.

Аммо тасвири ҳаёт дар ҳазорати Ислом дар фалсафаи Ислом муҷассам мегардад, ки аз Ақидаи Исломӣ сарчашма гирифтааст ва асоси ҳаёт ва корҳои инсон дар ҳаёт мешавад. Ин фалсафа аз омехташавии модда ва рӯҳ, яъне аз иҷрошавии тамоми корҳо бо воситаи фармон ва боздоштҳои Аллоҳ иборат аст. Он асоси тасвири ҳаёт аст. Амали инсон модда аст. Ҳангоми иҷрои амале аз нуқтаи назари ҳалол ё ҳаром ба Аллоҳ вобаста будани худро идрок кардани инсон рӯҳ аст. Дар натиҷа омехташавии модда ва рӯҳ ҳосил мешавад. Бинобар ин омиле, ки муслимро ба амал такон медиҳад, фармон ва боздоштҳои Аллоҳ мебошад. ғояе, ки аз иҷрои амалҳо бо воситаи фармон ва боздоштҳои Аллоҳ пешбинӣ шудааст, розигии Аллоҳ Таоло аст, на манфиатдорӣ! Аммо мақсад аз барпои амал қиматест, ки ҳангоми барпои амал бадастории он дар назар аст. Ин қимат аз рӯи навъи амал гуногун мешавад. Гоҳо мумкин аст ин қимат моддӣ шавад. Инро дар мисоли савдогаре, ки барои фоида ҳосил кардан бо тиҷорат машғул аст, дидан мумкин аст. Тиҷорати ӯ амали моддӣ мебошад. Ба Аллоҳ вобаста будани худро идрок кардани инсон ӯро маҷбур мекунад, ки бо умеди бадастории розигии Аллоҳ мувофиқи фармонҳо ва боздоштҳои Ӯ тиҷорати худро ба роҳ монад. Қимате, ки аз иҷрои ин амал пешбинӣ шудааст, фоида аст. Ин қимати моддӣ мебошад.

Гоҳо қимат рӯҳӣ мешавад, монанди амалҳои намоз, рӯза, закот ва ҳаҷ. Гоҳо қимат ахлоқӣ мешавад, монанди амалҳои ростгӯӣ, амонатдорӣ ва вафодорӣ. Гоҳо қимат инсонӣ мешавад, мисли халос кардани одами ғарқшаванда ва ба мӯҳтоҷ ёрӣ додан. Агар инсон амалеро анҷом доданӣ бошад, барои бадастории қиматҳои он ин қиматҳоро дар пеши худ ҳамчун мақсад мегузорад. Вале ин қиматҳо омили такондиҳандаи амалҳо шуда наметавонанд. Инчунин онҳо орзуҳои олии муқаррар шуда наметавонанд. Балки онҳо қимати аз амал пешбинишуда буда, аз рӯи навъи амал гуногун мешаванд.

Бахту саодат ба даст даровардани розигии Аллоҳ аст, на қонеъкунии эҳтиёҷоти инсон. Чунки қонеъкунии тамоми талаботи табиии инсон: эҳтиёҷи узвҳо ва талаби ғаризаҳо

барои нигоҳдории инсон воситаи зарурист. Аз қонеъгардонии эҳтиёҷот бахту саодат ба вуҷуд намеояд. Тасвири ҳаёт аз ҳамин иборат аст. Ин пиндорҳо дар тасвири ҳаёт асос мешавад. Ин асоси ҳазорати Ислом аст. Бинобар ин ҳазорати Ислом ба ҳазорати Ғарб тамоман зид аст. Инчунин шаклҳои мадании аз он пайдошаванда бо шаклҳои мадании аз ҳазорати Ғарб пайдошаванда мувофиқ намеоянд. Масалан, сурати ба даст кашидашуда шакли маданӣ мебошад. Ҳазорати Ғарб сурати зани бараҳнаро, ки ҳама аъзоҳои мафтункори ӯ кушоду равшан намоён аст, шакли маданӣ мешуморад. Ин ба тамоми пиндорҳои доир ба ҳаёти он, ки дар бораи зан дорад, мувофиқ меояд. Барои ҳамин ҳар як ғарбӣ инро лавҳаи санъат мешуморад, ки ҳамчун шакли маданӣ фахр кардан мумкин аст. Агар он шартҳои санъати тасвириро мукаммал дар худ муҷассам карда бошад, онро ҳамчун намунаи санъат эътибор мекунад. Лекин ин шакл ба ҳазорати Ислом ва пиндорҳои он дар бораи зан зид аст. Зеро дар Ислом эҳтиёт кардани номуси зан воҷиб аст. Барои ҳамин чунин тасвир манъ карда мешавад. Чунки он ба барангехтани ғаризаи ҷинсӣ сабаб шуда, оқибат боиси бадахлоқӣ мегардад. Инчунин хона шакли маданӣ аст. Агар муслим хонае сохтанӣ шавад, ба касони берун аз хона дар либоси сабук намудор нашудани занро ба ҳисоб гирифта, атрофи онро бо девор гирд мекунад. Аммо ғарбӣ аз рӯи ҳазорати худ инро ба ҳисоб намегирад. Шаклҳои маданӣ монанди ҳайкал ва ғайра, ки аз ҳазорати Ғарб пайдо мешаванд, низ чунинанд. Инчунин либосҳо, агар бо эътибори кофирии кофирон хоси онҳо бошад, барои муслим ҷоиз нест. Чунки дар ин ҳол ин либосҳо нуқтаи назари муайянро дар худ муҷассам мекунанд. Агар кофирон на бо эътибори кофирӣ, балки барои эҳтиёҷ ё зинат бо либосҳои муайян шинохта шуда бошанд, ин гуна либосҳо аз шаклҳои мадании умумӣ ба ҳисоб мераванд ва истеъмоли онҳо ҷоиз аст.

Аммо шаклҳои маданӣ, ки монанди асбобҳои лаборатория, таҷҳизоти тиббиёт ва саноат, мебел, ашёи маишӣ ва ғайра аз тараққиёти илму саноат ба вуҷуд меоянд, шаклҳои мадании оламӣ (оламшумул) буда, дар гирифтани онҳо ба ҳеҷ чиз эътибор дода намешавад. Чунки онҳо аз ҳазорат пайдо нашудаанд ва ба он ҳеҷ алоқае надоранд.

Агар ба ҳазорати Ғарб, ки имрӯз дар олам ҳукм меронад, як нигоҳи кӯтоҳ афканем, ба мо аён мешавад, ки ҳазорати Ғарб барои инсоният хотирҷамъиро таъмин карда наметавонад. Баръакс сабабгори бадбахтиҳое шуд, ки олам дар хорҳои он печутоб хӯрда, дар оташи он азоб мекашад ва ин ҳама дар пеши чашми мо рӯй медиҳад. Ин ҳазорат танҳо бадбахтии моддӣ ва изтиробро пайдо мекунад. Зеро ин ҳазорат аз ҳаёт ҷудокунии динро барои худ асос кардааст, ки ин ба фитрати инсон зид аст. Дар соҳаҳои ҳаёти умумӣ ба ҷиҳати рӯҳӣ ҷое намедиҳад ва ҳаётро "ҳаёт фақат аз манфиат иборат аст" гуфта тасвир мекунад. Инчунин ин ҳазорат мепиндорад, ки маҳз манфиат воситаи пайвасткунандаи инсонҳо дар ҳаёт мебошад. Модом ки ин гуна манфиат асос аст, дар болои он кашмакашӣ кардан табиист, дар роҳи бадастории он мубориза бурдан табиист ва дар ҷорӣ кардани алоқаҳои байни башар ба қувва такя кардан табиист. Барои ҳамин дар вакилони ин ҳазорат мустамликадорӣ табиист, ахлоқ бошад, ба канор гузошта шуда, пош мехӯрад. Чунки маҳз манфиат ҳамчун асоси ҳаёт боқӣ мемонад. Аз ин сабаб, чунон ки қиматҳои рӯҳӣ аз ҳаёт бадарға карда мешаванд, табиист, ки қиматҳои ахлоқӣ барҳам дода мешаванд, ҳаёт ба асоси кашмакашию рақобат, талошу мубориза, адовату хусумат ва мустамликадорӣ бунёд мегардад. Инқирозҳои рӯҳӣ, беқарории доимӣ дар дили башар ва ваҳшигариҳои бардавом, ки имрӯз дар олам васеъ паҳн шудаанд, далели равшани оқибатҳои ин ҳазорат мебошад. Чунки ҳамин ҳазорат дар олам ҳукмрон аст. Айнан ҳамин ҳазорат боиси натиҷаҳои даҳшатнок гашт, ки барои инсоният хатарноканд.

Агар ба ҳазорати Ислом, ки аз асри VI милодӣ то охирҳои асри XVIII милодӣ дар олам ҳукмронӣ кардааст, назар афканем, ба мо аён мегардад, ки ҳазорати Ислом асло мустамликадор набуд. Балки дар табиати он мустамликадорӣ мавҷуд нест. Чунки он ҳеҷ вақт байни муслимон ва дигаронро ҷудо накардааст. Дар асном ҳукмронии худ барои тамоми халқҳои ба он сархамкарда адолатро таъмин кардааст. Зеро ин ҳазорат ба асоси рӯҳӣ бунёд шудааст, ки ҳамаи қиматҳоро — аз қимати моддӣ кашида то қиматҳои рӯҳӣ, ахлоқӣ ва инсониро ба рӯёб мебарорад. Он дар ҳаёт аҳамияти асосиро ба ақида медиҳад.

Ҳаётро "Ҳаёт бояд дар асоси фармон ва боздоштҳои Аллоҳ бурда шавад" гуфта тасвир мекунад. Маънои бахту саодатро "Бахт бадастории розигии Аллоҳ аст" гуфта мепиндорад. Вақте ки ҳазорати Ислом, чунон ки дар гузашта ҳукм ронда буд, ҳукм ронданро сар мекунад, дар фурсати кӯтоҳ ба муоличаи инқирозҳои тамоми олам кафолат дода, барои тамоми инсоният фаровониро таъмин менамояд.

# *НИЗОМИ ИСЛОМ*

Ислом динест, ки Аллоҳ ба сайидамон Муҳаммад (с) нозил кардааст, то алоқаҳои инсонро бо Офарандаи худ, бо нафси худ ва бо дигар инсонҳо ба тартиб дарорад. Алоқаи инсон бо Офарандаи худ ақидаҳо ва ибодатҳоро дар бар мегирад. Алоқаи ӯ бо худаш ахлоқ, хӯрокворӣ ва либосҳоро дар бар мегирад. Алоқаи ӯ бо дигар инсонҳо чораҳои муомила ва ҷазоро дар бар мегирад. Ислом мабдаъест, ки барои тамоми корҳои ҳаёт муқаррар шудааст. Он дини илоҳиёт (теология) нест. Он ба коҳинӣ алоқае надорад. Ислом ба ҳар гуна автократияи динӣ (истибдоди динӣ) барҳам медиҳад. Дар Ислом гурӯҳҳои ҷамоаи диндорон ва ҷамоаи дунявиҳо номидашаванда вуҷуд надоранд. Балки тамоми инсонҳое, ки ба Ислом эътиқод мекунанд, муслимон номида мешаванд ва ҳамаи онҳо дар пеши дин баробаранд. Бинобар ин дар Ислом рӯҳониён ва одамони замонавӣ мавҷуд нестанд. Ҷиҳати рӯҳӣ дар Ислом офаридаи Холиқ будани чизҳои ҷондору беҷон ва бо амри Ӯ идора карда шудани онҳо мебошад. Агар инсон ба коинот, инсон ва ҳаёт, чизҳои атрофи онҳо ва тааллуқдори онҳо назари амиқ карда, аз ин хулоса барорад, дар тамоми ин чизҳо нуқсон, оҷизӣ ва мӯҳтоҷиро кушоду равшан мебинад. Зеро нуқсон, оҷизӣ ва мӯҳтоҷӣ дар тамоми ин чизҳо ҳис карда шуда, онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин қатъӣ далолат мекунад, ки чизҳои мазкур махлуқоти Офаранда буда, бо амри Ӯ идора карда мешаванд. Азбаски инсон дар ҳаёт умр ба сар мебарад, барои ӯ низоме зарур аст, ки ғаризаҳо ва ҳоҷоти узвии ӯро ба танзим медарорад. Ин низом аз тарафи инсон ҳосил

намешавад. Чунки ӯ оҷиз буда, ҳама чизро દониста наметавонад. Пиндорҳои ӯ дар бораи тартиб ба тафовут, ихтилоф ва зиддиятҳо гирифтор мешавад. Аз ин гуна пиндор низоми зиддиятнок ба вуҷуд меояд, ки боиси бадбахтии инсон мегардад. Барои ҳамин ин низом бояд бегумон аз тарафи Аллоҳ Таоло гирифта шавад. Барои ҳамин инсон бояд тамоми амалҳои худро бо низоми аз тарафи Аллоҳ фиристодашуда анҷом диҳад. Вале корбарӣ бо ин низом ба фоидаи аз он оянда асоснок шавад ва ба низоми аз тарафи Аллоҳ Таоло муайяншуда будани он асоснок нашавад, дар он ҳол дар ин низом ҷиҳати рӯҳӣ мавҷуд намешавад. Бинобар ин инсон бояд ҳамаи амалҳои худро дар ҳаёт дар асоси идроки алоқамандии худ ба Аллоҳ бо ёрии фармон ва боздоштҳои Аллоҳ ба тартиб дарорад, то дар тамоми амалҳо рӯҳ мавҷуд бошад. Яъне пеш аз ҳама инсон бояд ба Аллоҳ алоқаманд будани худро идрок кунад. Пасон, аз рӯи ҳамин идроки худ дар бораи алоқамандӣ ба Аллоҳ амалҳои худро бо ёрии амр ва наҳйи Аллоҳ ба сомон расонад. Танҳо он гоҳ ҳангоми барпои амалҳо рӯҳ ба вуҷуд меояд. Зеро рӯҳ ба Аллоҳ алоқаманд будани худро идрок кардани инсон аст. Омехташавии рӯҳ ва модда мавҷуд будани идрок дар бораи алоқамандӣ ба Аллоҳ ҳангоми барпои амалҳо аст. Аз ин мебарояд, ки амал модда аст. Ҳангоми иҷрои амал идроки алоқамандӣ ба Аллоҳ рӯҳ аст. Аз ин рӯ, бино ба идроки ҳамон алоқа амалро бо ёрии фармон ва боздоштҳои Аллоҳ анҷом додан омехташавии модда ва рӯҳ мебошад. Аз ин маълум мешавад, ки ғайримуслим корҳои худро бо рӯҳ идора намекунад, гарчи корҳои худро бо ёрии аҳкоми шариати аз Қуръону Суннат истинботшуда иҷро кунад ҳам. Дар ин шахс омехташавии модда ва рӯҳ содир намешавад. Чунки ӯ ба Ислом имон наовардааст ва ба Аллоҳ алоқамандии худро идрок накардааст. Балки ӯ барои писанд омадани аҳкоми шариат онҳоро ҳамчун низом қабул кард ва бо ёрии он корҳои худро ба тартиб даровард. Муслим баръакси ин аст. Мувофиқи фармон ва боздоштҳои Аллоҳ амалҳои худро барпо кардани муслим ба идроки алоқамандии худ ба Аллоҳ бунёд шудааст. Ғояи ӯ аз иҷрои амалҳои худ бо фармон ва боздоштҳои Аллоҳ ба даст даровардани розигии Аллоҳ аст, на танҳо аз низом фоида бурдан. Бинобар ин дар чизҳо бояд ҷиҳати рӯҳӣ вуҷуд

дошта бошад ва ҳангоми барпои амалҳо бояд рӯҳ мавҷуд бошад. ғайр аз ин, бояд ба ҳама доимо маълум бошад, ки ҷиҳати рӯҳӣ офаридаи Холиқ будани чизҳоро ифода мекунад. Яъне ҷиҳати рӯҳӣ алоқамандии махлуқ ба Холиқ аст. Рӯҳ бошад, идроки ин алоқамандӣ, яъне ба Аллоҳ Таоло алоқамандии худро идрок кардани инсон аст. Ҷиҳати рӯҳӣ ва рӯҳ аз ҳамин иборат аст. Дурусттарин пиндор ҳамин аст. Ба ҷуз ин, бешубҳа пиндори нодуруст аст. Назарандозии амиқ, равшан ва ибратнок ба коинот, ҳаёт ва инсон натиҷаҳои дурусттарин ва ин пиндори дурусттаринро ба вуҷуд меорад.

Баъзе динҳо мепиндоранд, ки дар коинот чизҳои ҳисшаванда ва ҳиснашаванда (ғайбӣ) мавҷуданд. Дар инсон болоравии рӯҳӣ ва талаби ҷисмонӣ мавҷуд аст. Ҳаёт ҷиҳати моддӣ ва ҷиҳати рӯҳӣ дорад. Чизҳои ҳисшаванда бо чизҳои ғайбӣ зиддиятноканд. Болоравии рӯҳӣ бо талабҳои ҷисмонӣ созиш карда наметавонад. Модда аз рӯҳ ҷудо аст. Барои ҳамин дар назди онҳо ин ду ҷиҳат аз ҳамдигар ҷудо шудаанд. Чунки зиддияти байни ин ду ҷиҳат дар табиати онҳо ҳолати асосӣ мебошад, яъне онҳоро ба ҳамдигар омехтан ғайриимкон аст. Дар тарозу яке вазнин ояд, дигаре сабуквазн мешавад. Аз ин ҷиҳат, хоҳишмандони охират бояд ҷиҳати рӯҳиро интихоб кунанд! Аз ин фикр дар дини насронӣ ду ҳокимият: ҳокимияти рӯҳониён ва ҳокимияти замонавиҳо пайдо шуданд. "Ҳаққи подшоҳро ба подшоҳ, ҳаққи Худоро ба Худо деҳ!" аз қабили ҳамин аст. Соҳибони ҳокимияти рӯҳонӣ диндорон ва коҳинон буд. Онҳо ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки ҳокимияти замонавиҳоро ба даст гиранд, то дар майдони ҳаёт салтанати рӯҳониён аз салтанати замонавиҳо нуфузноктар бошад. Низоъ дар байни ҳокимияти замонавиҳо ва ҳокимияти рӯҳониён аз ин сар зада буд. Дар охир диндорон дар ҳокимияти рӯҳонӣ мустақил карда шуданд, то ба ҳокимияти замонавиҳо дахолат накунанд. Бо ин дин аз ҳаёт ҷудо карда шуд. Чунки ин дин аз коҳинӣ иборат буд. Аз ҳаёт ҷудо кардани ин дин асоси мабдаи капитализм аст. Он асоси ҳазорати Ғарб ва роҳбарии фикрист, ки мустамликадории Ғарб онро дар саросари олам паҳн мекунад ва ба он даъват мекунад. Ин мафкураро Ғарб ба такягоҳи сақофати худ табдил дода, дар асоси он эътиқоди муслимонро нисбат ба Ислом вайрон кардан мешавад. Чунки

он бо роҳи қиёскунии умумӣ Исломро ба дини насронӣ муқоиса мекунад. Ҳар кӣ даъвати "ҷудокунии дин аз ҳаёт"-ро ё ҷудокунии дин аз давлат ё аз сиёсатро паҳн кунад, пас ӯ тобеи мафкураи аҷнабист. Инчунин ӯ лӯхтакест, ки бо воситаи кофирон идора карда мешавад ва хоҳ бо нияти нек бошад, хоҳ бо нияти бад яке аз гумоштагони мустамликадорон мебошад. Ӯ ё аз Ислом мутлақо бехабар, ё душмани он аст.

Аммо дар назари Ислом чизҳое, ки ҳисҳо идрок карда метавонанд, чизҳои моддӣ мебошанд. Ҷиҳати рӯҳӣ махлуқи аз тарафи Холиқ офаридашуда будани онҳост. Рӯҳ ба Аллоҳ алоқаманд будани худро идрок кардани инсон аст. Бинобар ин ҷиҳати рӯҳӣ дар ҳоли аз ҷиҳати моддӣ ҷудошуда мавҷуд намешавад. Дар инсон иштиёққҳои рӯҳӣ ва талабҳои ҷасад вуҷуд надоранд. Балки дар ӯ ҳоҷоти узвӣ ва ғаризаҳо мавҷуд буда, онҳоро қонеъ бояд кард. Ғаризаи тадайюн (диндорӣ) яке аз ҳамон ғаризаҳост. Ин ғариза дар мӯҳтоҷии инсон ба Офарандаи мудаббир намоён мешавад. Ин мӯҳтоҷӣ аз оҷизии табиии вуҷуди инсон пайдо мешавад. Қонеъкунии ин ғаризаҳо на ҷиҳати рӯҳӣ ва на ҷиҳати моддӣ номида мешавад, балки фақат қонеъгардонии ғариза мебошад. Аммо, агар ин ҳоҷоти узвӣ ва ғаризаҳо дар асоси низоми аз тарафи Аллоҳ фиристодашуда бино ба идроки алоқамандӣ ба Аллоҳ қонеъ гардонида шаванд, ин кор бо рӯҳ амалӣ гардонида мешавад. Агар бе ягон низом ё дар асоси низоми аз тарафи ғайри Аллоҳ тартиб додашуда қонеъ гардонида шаванд, қонеъгардонии моддӣ мешавад, ки боиси бадбахтии инсон мегардад. Масалан, агар ғаризаи навъ бе ягон низом ё дар асоси низоми аз тарафи ғайри Аллоҳ тартиб додашуда қонеъ гардонида шавад, сабабгори бадбахтии инсон мегардад. Агар бо воситаи низоми никоҳ, ки аз тарафи Аллоҳ муайян шудааст, дар асоси аҳкоми шаръӣ қонеъ гардонида шавад, ба никоҳи оромбахш табдил меёбад.

Агар ғаризаи диндорӣ бе низом ё дар асоси низоми аз тарафи ғайри Аллоҳ тартиб додашуда бо парастиши бутҳо ё парастиши инсонҳо қонеъ гардонида шавад, ин кор ширк ва куфр мешавад. Агар дар асоси аҳкоми Ислом қонеъ гардонида шавад, ин ибодат ба шумор меравад. Барои ҳамин бояд дар чизҳо ҷиҳати рӯҳӣ риоя карда шавад, ҳамаи амалҳо дар асоси

фармон ва боздоштҳои Аллоҳ бино ба идроки алоқамандии инсон ба Аллоҳ, яъне бо рӯҳ амалӣ гардонида шаванд. Бинобар ин дар як амал ду чиз намешавад, балки як чиз, яъне амал вуҷуд дорад. Аммо "амали моддӣ" ё "амали бо рӯҳ иҷрошуда" гуфта тавсиф намудани он на аз худи амал, балки аз иҷро шудани амал дар асоси аҳкоми Ислом ё бидуни онҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, дар ҷанг душмани худро куштани муслим ҷиҳод ба ҳисоб рафта, барои ин савоб мегирад. Чунки ин амал дар асоси аҳкоми Ислом амалӣ гардонида шуд. Каси бегуноҳро хоҳ ӯ муслим бошад, хоҳ ғайримуслим ноҳақ куштани муслим, ҷиноят ба шумор рафта, ӯ барои ин кор ҷазо дода мешавад. Чунки ин кор ба фармону боздоштҳои Аллоҳ зид аст. Ин ду амал як чиз, яъне куштан аст. Он аз тарафи инсон содир шуда истодааст. Аз ин мебарояд, ки куштан, агар бо рӯҳ иҷро гардад, ибодат ва агар бе рӯҳ иҷро гардад, ҷиноят мешавад. Барои ҳамин муслим бояд амалҳои худро бо рӯҳ иҷро кунад. Омехтани модда ва рӯҳ на фақат имконпазир аст, балки кори воҷиб мебошад. Аз рӯҳ ҷудо кардани модда асло ҷоиз нест, яъне аз иҷрои мувофиқи идроки алоқамандӣ ба Аллоҳ ва бо ёрии фармону боздоштҳои Аллоҳ ҷудо кардани ягон амал раво нест. Аз ҳамин сабаб, бояд ба ҳама зуҳуроте, ки ҳолатҳои аз ҷиҳати моддӣ ҷудо карда шудани ҷиҳати рӯҳиро муҷассам мекунанд, барҳам дода шаванд. Бинобар ин дар Ислом арбобони динӣ нестанд. Дар он ҳокимияти динӣ ба маънои коҳинӣ ва ҳокимияти дунявии аз дин ҷудошуда вуҷуд надорад. Балки Ислом дин буда, дар таркиби он давлат мавҷуд аст. Давлат монанди аҳкоми намоз ҳукми шаръист. Он тариқати иҷрои аҳкоми Ислом ва паҳнкунии даъвати он мебошад. Бекор карда шудани тамоми ҳолатҳое, ки ба маънои рӯҳӣ маҳдуд карда шудани динро ва аз сиёсату ҳокимият дур карда шудани онро маънидод мекунанд, воҷиб аст. Бинобар ин муассисаҳое, ки ҷиҳатҳои рӯҳиро назорат мекунанд, бекор карда мешаванд. Идораҳое, ки масҷидҳоро идора мекунанд, бекор карда шуда, онҳоро идораҳои маориф идора мекунанд. Маҳкамаҳои шаръӣ ва маҳкамаҳои низомӣ бекор карда шуда, адлия ба вуҷуди ягона табдил дода мешавад, ки танҳо бо Ислом ҳукм мебарорад. Зеро ҳокимияти Ислом ҳокимияти яклухт ва ягона аст.

Ислом аз ақида ва низомҳо иборат аст. Ақида ба Аллоҳ, фариштагони Ӯ, китобҳои Ӯ, пайғамбарони Ӯ, рӯзи охират ва аз Аллоҳ Таоло будани некию бадии қазою қадар имон овардан аст. Ислом дар масъалаҳои монанди имон ба Аллоҳ, пайғамбарии Муҳаммад (с) ва Қуръони Карим, ки ақл идрок карда метавонад, ақидаро ба асоси ақл бунёд намуд. Дар муғайябот, яъне дар масъалаҳои монанди рӯзи қиёмат, фариштагон, ҷаннат ва дӯзах, ки идроки онҳо барои ақл имконнопазир аст, ақидаро ба асосе барпо кард, ки манбаи он бо ёрии ақл исбот шудааст. Манбаъе, ки бо ақл собит шудааст, Қуръони Карим ва ҳадиси мутавотир аст. Ислом ақлро манотуттаклиф (яъне шарти асосии мукаллаф ва масъул шудан дар назди шариат) кард.

Низомҳо аз аҳкоми шариат иборатанд, ки корҳои инсонро ба тартибу интизом медароранд. Низоми Ислом тамоми ин корҳоро дар бар гирифт. Вале онҳоро бо шакли умумӣ, бо маъноҳои умумӣ дар бар гирифт. Тафсилотҳоро чунон гузошт, ки ҳангоми иҷрои корҳои татбиқ аз ин маъноҳои умумӣ истинбот карда мешаванд. Қуръони Карим ва ҳадиси шариф самтҳои паҳноварро, яъне барои ҳалли корҳои ҳаётии инсон ҳамчун инсон маъноҳои умумиро фаро гирифт. Аз ин маъноҳои умумӣ истинбот кардани аҳкоми ҷузъии муаммоҳое, ки дар давоми асрҳо ва бо тағйирёбии маконҳо рӯй медиҳанд, ба муҷтаҳидон гузошт.

Дар муолиҷаи муаммоҳо Ислом роҳи ягона дорад. Ислом дар пеши муҷтаҳид чунин вазифа мемонад. Ӯ то амиқ фаҳмидани муаммои рӯйдода онро ҳаматарафа меомӯзад. Пасон нусусҳои шаръии тааллуқдори ин муамморо меомӯзад, ва ниҳоят, аз нусусҳои шаръӣ ҳалли ин муамморо истинбот мекунад. Яъне ҳукми шаръии ин масъаларо аз далелҳои шаръӣ истинбот мекунад (тартиб медиҳад). Асло мумкин нест, ки муҷтаҳид ҷуз ин роҳи дигарро пеш гирад. Вақте ки муҷтаҳид муамморо меомӯзад, бояд онро танҳо ҳамчун муаммои тааллуқдори инсон биёмӯзад, на аз нуқтаи назари дигар. Онро на ҳамчун муаммои иқтисодӣ, ё иҷтимоӣ, ё муаммои доир ба ҳокимият ва ё ғайри он, балки ҳамчун масъалаи мӯҳтоҷи ҳукми шаръӣ биёмӯзад, то ки дар ин бора ҳукми Аллоҳро бидонад (аниқ кунад).

# ҲУКМИ ШАРЪӢ

Ҳукми шаръӣ хитоби Шореъ (соҳиби шариат, яъне Аллоҳ) аст, ки ба корҳои бандагон тааллуқ дорад. Субут (собитшавӣ)-и он ё монанди Қуръони Карим ва ҳадиси мутавотир қатъӣ, ё монанди ҳадиси ғайри мутавотир заннӣ (тахминӣ) мешавад. Агар субути он қатъӣ бошад, боз нигоҳ карда мешавад. Агар далолат (маъно)-и он низ қатъӣ бошад, ҳукми фарогирифтаи он қатъӣ мешавад, монанди ракъатҳои ҳамаи намозҳои фарз. Чунки онҳо дар ҳадиси мутавотир омадаанд. Боз монанди ҳаром будани судхӯрӣ, буридашавии дасти дузд ва дарразании зинокор. Чунки инҳо аҳкоми қатъӣ буда, дар бораи онҳо ҳақиқат аён аст. Дар хусуси онҳо ҷуз як фикри қатъӣ фикри дигар мавҷуд нест.

Агар субути хитоби Шореъ қатъӣ ва далолати он заннӣ (тахминӣ) бошад, ҳукми фарогирифтаи он заннӣ мешавад, монанди ояти ҷизя. Субути ин оят қатъӣ, лекин дар тафсилот далолати он заннӣ аст. Дар ин масъала мазҳаби Ҳанафӣ шарт мекунад, ки он ҷизя номида шавад ва ҳангоми додани он дар диҳанда аломати хорӣ зоҳир шавад. Аммо мазҳаби Шофеӣ ҷизя номидани онро шарт намекунад. Балки мегӯяд, ки бо номи "закоти иловагӣ" ҷамъ кардан дуруст аст, барои зоҳир шудани хорӣ зарурат нест. Зеро ба аҳкоми Ислом сархам шудан кифоя аст.

Аммо субути хитоби Шореъ чун ҳадиси ғайри мутавотир заннӣ бошад, ҳукми фарогирифтаи он заннӣ мешавад. Хоҳ далолати он қатъӣ бошад, монанди шаш рӯз рӯза доштан дар моҳи Шаввол, чунки ин бо суннат собит шудааст, хоҳ далолати

он заннӣ бошад, мисли манъ карда шудани ба иҷора додани замин, ин ҳам бо суннат собит шудааст.

Ҳукми шаръӣ аз хитоби Шореъ бо ёрии иҷтиҳоди дуруст фаҳмида мешавад. Барои ҳамин танҳо иҷтиҳоди муҷтаҳидон мумкин аст ҳукми шаръиро баён кунанд. Бинобар ин ҳукми Аллоҳ нисбат ба ҳар як муҷтаҳид ҳукмест, ки иҷтиҳоди ӯ ба он бурдааст ва "бояд ҳамин дуруст бошад" гуфта гумон кардааст.

Агар мукаллаф дар масъалае тамоми шартҳои иҷтиҳодро дошта бошад ва дар ин масъала иҷтиҳод карда, иҷтиҳоди ӯ дар ин бора ба ҳукме барад, пас ҳама иттифоқ кардааст, ки барои ӯ бар хилофи ҳукми воҷибкардаи гумони худ ба ягон муҷтаҳиди дигар тақлид кардан ҷоиз нест. Барои ӯ тарк кардани гумони худ ҷоиз нест, танҳо дар чор ҳолат ҷоиз аст:

**Якум:** Агар далеле, ки дар иҷтиҳоди худ такя кардааст, заиф буда, далели муҷтаҳиди дигар аз далели он пурқувваттар бошад. Дар ин ҳол ҳукмеро, ки иҷтиҳоди худ бурдааст, дарҳол тарк карда, гирифтани ҳукми дорои далели пурқувват воҷиб аст.

**Дуюм:** Агар зоҳир шавад, ки муҷтаҳиди дигар нисбат ба ӯ аз воқеъ бештар хабардор аст, ё ба пайвасткунии ҳодисаҳо ба якдигар тавонотар мебошад, ё аз далелҳо бештар хабардор аст. Дар ин ҳол ҳукми иҷтиҳоди худ бурдаро тарк карда, ба иҷтиҳоди ҳамон муҷтаҳид, ки аз иҷтиҳоди худ дида бовариноктар мебошад, тақлид кардан ҷоиз аст.

**Сеюм:** Агар раъйе мавҷуд бошад, ки барои манфиати муслимон муттаҳид кардани муслимон ирода карда шудааст. Дар ин ҳол муҷтаҳид ҳукми иҷтиҳоди худ бурдаро тарк карда, гирифтани ҳукми муттаҳидкунии муслимон ирода кардашуда ҷоиз аст. Ба шарти он ки ба вазъияти ҳангоми байъат бо Усмон (с) рухдода монанд бошад.

**Чорум:** Агар Халифа ҳукми шаръиро табаннӣ кунад, ки ба ҳукми иҷтиҳоди муҷтаҳид бурда зид бошад. Дар ин ҳол ба ҳукми иҷтиҳоди худ бурда амал карданро тарк карда, ба ҳукми табанникардаи Имом (Халифа) итоат кардан воҷиб аст. Чунки иҷмои саҳобагон ба ин иттифоқ шудааст, ки — "**амри имом ихтилофро бартараф мекунад**" ва амри имом барои ҳамаи муслимон нуфузнок аст. Агар шахсе, ки қобили иҷтиҳод мебошад, иҷтиҳод накунад, ба яке аз муҷтаҳидони дигар

тақлид кардани ӯ ҷоиз аст. Зеро иҷмои саҳобагон ба он иттифоқ шудааст, ки иҷтиҳод накарда ба муҷтаҳиди дигар тақлид кардани муҷтаҳид ҷоиз аст.

Аммо касе, ки қобили иҷтиҳод нест, муқаллид аст. Муқаллид ду хел аст: муттабеъ ва омӣ. Муттабеъ шахсест, ки дорои баъзе илмҳост, ки дар иҷтиҳод шарт аст. Ӯ танҳо баъд аз донистани далели ҳукм ба муҷтаҳид тақлид мекунад. Танҳо он гоҳ сухани муҷтаҳиди пайравикардаи муттабеъ барои ӯ ҳукми Аллоҳ мебошад. Аммо омӣ шахсест, ки дорои илмҳои дар иҷтиҳод эътиборшаванда нест. Ӯ ба муҷтаҳид бе донистани далели ҳукм тақлид мекунад. Ин гуна одами омӣ бояд ба сухани муҷтаҳидон тақлид карда, ба аҳкоми истинботкардаи онҳо амал кунад. Ҳукме, ки муҷтаҳиди тақлидкардаи ӯ истинбот кардааст, нисбат ба ӯ ҳукми шаръӣ мебошад. Бинобар ин ҳукми шаръӣ ҳукмест, ки муҷтаҳиди ба иҷтиҳод лаёқатманд истинбот кардааст. Ҳукми шаръӣ нисбат ба муҷтаҳид ҳукми Аллоҳ аст, бар хилофи он кор бурда, ба дигар тақлид кардани ӯ мутлақо ҷоиз нест. Инчунин ҳукми истинботкардаи ӯ нисбат ба шахси ба ӯ тақлидкунанда ҳукми Аллоҳ буда, бар хилофи ин ҳукм амал кардани тақлидкунанда ҷоиз нест.

Агар муқаллид дар ҳукми ҳодисае ба яке аз муҷтаҳидон тақлид карда, дар ин масъала ба гуфтори ӯ амал карда бошад, мутлақо ҳақ надорад, ки баъд аз амал кардан дар ин ҳукм ба муҷтаҳиди дигар мурооҷиат кунад. Аммо дар ҳукми дигар ба муҷтаҳиди дигар тақлид кардани ӯ ҷоиз аст. Чунки иҷмои саҳобагон воқеъ шудааст, ки муқаллид метавонад аз ҳар як олим ҳукми ягон масъаларо пурсида донад. Аммо агар муқаллид ягон мазҳаби муайянро, масалан, монанди мазҳаби Шофеиро, барои худ интихоб намояд ва гӯяд: "Ман дар мазҳаби он мебошам ва ба он амал мекунам", дар ин ҳол ин тафсилот дорад. Ӯ дар ҳар як масъалае, ки дар мазҳаби тақлидкардаистодаи худ амал мекунад, мутлақо ҳақ надорад, ки ба дигаре тақлид кунад. Агар дар ягон масъалаи муайян ҳанӯз амал накарда бошад, дар ин масъала барои тақлид кардани ӯ ба дигаре ягон монеа вуҷуд надорад. Аммо муҷтаҳид бо иҷтиҳоди худ ба ҳукми масъалае расад ва ҳукми иҷтиҳоди худ бурдаро тарк карда, ба муҷтаҳиди дигар тақлид кунад, ҷоиз аст, ба шарте ки ин кор барои муттаҳидкунии муслимон

ба як фикр хизмат кунад, монанди вазъияте, ки ҳангоми байъат бо Усмон (р) рӯй дода буд.

# *НАВЪҲОИ АҲКОМИ ШАРЪӢ*

Аҳкоми шаръӣ аз фарз, ҳаром, мандуб, макруҳ ва мубоҳ иборатанд. Ҳукми шаръӣ бо хитоби иҷрокуниро талабкарда ё бо хитоби тарккуниро талабкарда ифода меёбад. Агар он бо хитоби иҷро талаб кардашуда ифода ёфта, иҷро қатъӣ талаб карда шуда бошад, ин гуна ҳукми шаръӣ фарз ва воҷиб мешавад. Ин ду ба як маъноянд. Агар иҷро талаб карда шуда, талаб қатъӣ набошад, ҳукми шаръӣ мандуб мешавад. Агар тарк кардан бо хитоби талаб кардашуда ифода ёфта, тарк кардан қатъӣ талаб карда шуда бошад, ҳаром ва маҳзур мешавад. Ин ду ба як маъноянд. Агар тарк кардан талаб карда шуда, талаб қатъӣ набошад, ҳукм макрӯҳ мешавад. Бинобар ин фарз ва воҷиб амалҳое мебошанд, ки иҷрокунандаи онҳо сазовори ситоиш мегардад ва тарккунанда барои тарки он ба ҷазо гирифтор мешавад. Ҳаром амалест, ки иҷрокунандаи он мазаммат карда мешавад, яъне тарккунанда барои тарк карданаш сазовори ситоиш мегардад, аммо иҷрокунанда барои анҷом додани он ба ҷазо гирифтор мешавад. Мандуб амалест, ки иҷрокунандаи он сазовори ситоиш мегардад ва тарккунандаи он мазаммат карда намешавад, яъне барои иҷрои он савоб мегирад ва барои тарки он ҷазо дода намешавад. Макрӯҳ амалест, ки тарккунандаи он сазовори ситоиш мегардад ё ки тарки он аз иҷрои он афзалтар аст. Мубоҳ амалест, ки далели самъӣ (Қуръон, ҳадис ва иҷмои саҳобагон) ба хитоби Шореъ далолат намуда, ихтиёрӣ будани иҷро ва тарки онро ифода мекунад.

# *СУННАТ*

Суннат дар луғат роҳ аст. Аммо дар шариат ба ҳукмҳое истифода мешавад, ки ҳамчун нафл (илова) нақл шудаанд ва суннат, яъне иловаи фарз номида мешаванд, монанди ракъатҳои намозҳои суннат. Суннат номида шудан маънии онро надорад, ки суннат аз тарафи Набӣ (с), аммо фарз аз тарафи Аллоҳ фармуда шудааст. Балки ҳам суннат ва ҳам фарз аз тарафи Аллоҳ фармуда шудаанд. Пайғамбар (с) фақат расонандаи тамоми фармонҳои Аллоҳ мебошанд. Чунки он кас "аз ҳавои хоҳиши худ сухан намегӯянд. Сухани он кас танҳо ваҳй мебошад, ки ба он кас пинҳонӣ фиристода мешавад (яъне ваҳй карда мешавад)!". Гарчи суннат аз тарафи Пайғамбар (с) ҳамчун суннат нақл шудааст, вале он ҳамчун нафл (иловаи фарз) нақл шудааст ва суннат номида шудааст. Инчунин фарз ҳамчун фарз нақл карда шуда, фарз номида шудааст. Масалан, ду ракъат фарзи намози бомдод аз тарафи Набӣ (с) бо роҳи тавотур ҳамчун фарз нақл карда шудааст. Ду ракъат суннати намози бомдод низ аз Набӣ (с) бо роҳи тавотур ҳамчун нафл нақл карда шудааст. Ин ду на шахсан аз тарафи Расул (с), балки аз тарафи Аллоҳ Таоло фармуда шудаанд. Аз ин мебарояд, ки фармон дар ибодатҳо ҳамчун фарз ва нофила, дар дигар амалҳо ҳамчун фарз, мандуб ва мубоҳ қабул карда шудааст. Нофила айнан худи мандуб буда, аксар вақт суннат гуфта ифода карда мешавад, гарчи нофила номида шудааст.

Инчунин калимаи суннат дар далелҳои шаръӣ, ки аз Пайғамбар (с) содир шудаанд ва аз Қуръон ба ҳисоб намераванд, истеъмол карда мешавад. Ба ин гуфтор, кирдор ва тақрир (сукут)-и Набӣ (с) дохил мешаванд.

# *ПАЙРАВӢ АЗ КОРҲОИ РАСУЛ (С)*

Корҳое, ки аз тарафи Набӣ (с) содир шудаанд, аз ду қисм иборатанд: корҳои табиӣ ва ғайритабиӣ. Корҳои табиӣ нишастан, хестан, хӯрдан, нӯшидан ва монанди инҳост. Дар мубоҳ будани онҳо нисбат ба Пайғамбар (с) ва нисбат ба уммати он кас ягон ихтилоф нест. Барои ҳамин ин корҳо ба мандуб дохил намешаванд.

Аммо корҳои ғайритабиӣ аз корҳои хоси Расул (с), ки касе ба он кас шарик шуда наметавонад ва аз корҳои ба Расул (с) хоснабуда иборатанд. Дар хусусиятҳое, ки корҳои хоси Расул (с) будани онҳо исбот шудааст, ба он кас шарик шудани мо ҷоиз нест, монанди беист давом додани рӯза, яъне пайвастани рӯзу шаб дар рӯзадорӣ, ба никоҳ гирифтани беш аз чор зан ва дигар корҳо. Бо иҷмо собит шудааст, ки ин корҳо хусусиятҳои хоси Расул (с) мебошанд. Барои ҳамин дар ин корҳо ба Пайғамбар (с) пайравӣ кардан ҷоиз нест.

Аммо он корҳое, ки "кори Пайғамбар (с) барои баёни иҷрои амали муайян шудааст" гуфта descriptive мешавад, бешубҳа далел мебошанд. Ин гоҳо аз сухани ошкоро гуфтаи он кас дониста мешавад. Масалан, монанди сухани зерини Расул (с):

"خُذُوا عَنِّي مَنَاسِكَكُمْ"، "صَلُّوا كَمَ رَأَيْتُمْونِ أُصَلِّ"

**"Ман намозро чӣ хел хонам, шумо низ ҳамин тавр хонед", "Маросимҳои худро аз ман гиред"**. Ин суханҳо далолат мекунанд, ки ин кори Расул (с) барои пайравӣ кардани мо баён ва роҳнишондод мебошад. Амале, ки барои баён анҷом дода шудааст, гоҳо аз қарина (ишора)-и ҳолат дониста

мешавад. Ин аз ишораи ҳолат пай бурда мешавад, чунон ки Расул (с) чӣ тавр иҷро шудани фармони зерини Аллоҳ Таолоро баён карда, дасти дуздро аз бӯғими каф бурида нишон доданд:

فَاقْطَعُوا أَيْدِيَهُمَا

**"Дастҳояшонро бибуред!"** (5:38).

Ин баёне, ки дар кори Пайғамбар (с) хоҳ бо сухан, хоҳ бо қарина (ишора)-и ҳолат ифода шудааст, дар воҷибӣ, мандубӣ, ё мубоҳӣ мувофиқи ифодаи далел ба ҳукми баёншуда тобеъ аст.

Аммо дар корҳое, ки барои баён будани онҳо ягон маъно ё ифода далолат намекунад ва маънои инкор ё маънои исбот пай бурда намешавад, қасди қурбат (ба Аллоҳ наздикшавӣ) зоҳир мешавад ё ки ин гуна қасд зоҳир намешавад. Агар дар амале қасди қурбат зоҳир шавад, иҷрокунандаи он сазовори савоб мегардад ва тарккунандаи ин амал ҷазо дода намешавад, монанди суннати намози чоштгоҳ. Агар дар ин амал қасди қурбат зоҳир нагардад, он ба навъи мубоҳ дохил мешавад.

# ТАБАННӢ КАРДАНИ АҲКОМИ ШАРЪӢ

Муслимон дар асри саҳобагон аҳкоми шаръиро бевосита худашон аз Китоб ва суннат мегирифтанд. Вақте ки қозиҳо хусуматҳои байни мардумро ҳал мекарданд, дар ҳар як ҳодисаи пешомада ҳукми шаръиро бевосита худашон истинбот мекарданд. Ҳокимон, аз амирулмӯъминин то волиҳо ва ғайри онҳо дар аснои ҳукмронӣ барои муолиҷаи ҳар як муаммои пешомада бо истинботи аҳкоми шаръӣ бевосита худашон машғул мешуданд. Масалан, Абӯмусо Алашъарӣ ва Шурайҳ. Ҳар дуи онҳо қозиҳо буданд, ки ҳукмҳоро истинбот карда, бо иҷтиҳоди худ ҳукм мебароварданд. Муоз ибни Ҷабал дар айёми зинда будани Расул (с) волӣ буд ва ҳукмҳоро истинбот карда, дар вилояти худ бо иҷтиҳоди худ ҳукм меронд. Инчунин Абӯбакр ва Умар дар даври хилофати худ бевосита худашон ҳукмҳоро истинбот карда, ҳар яки онҳо бо ҳукми истинботкардаи худ аз болои мардум ҳукм меронд. Муовия ва Амр ибни Ос низ ҳар як ҳукмро бевосита худашон истинбот карда, мувофиқи иҷтиҳоди худ аз болои мардум дар вилояти худ ҳукм меронданд. Дар баробари мавҷудияти ин гуна иҷтиҳодҳои волиҳо ва қозиҳо Халифа ҳукми шаръии муайянро табаннӣ (интихоб ва таъин) мекард ва мардумро барои амалкунӣ ба ин ҳукм мефармуд. Онҳо дар навбати худ ба ин ҳукм амал карданро лозим донista, раъй ва иҷтиҳоди худро тарк мекарданд. Чунки ҳукми шаръӣ чунин мефармояд: "Фармони имом (халифа) дар зоҳир ва ботин нуфузнок аст". Аз ҷумла, Абӯбакр чунин ҳукмҳоро табаннӣ кардааст: Ҳангоми (як маротиба) сеталоқ гуфтан якталоқ ҳисоб кардан ва баробар

тақсим кардани боигарӣ дар байни муслимон хоҳ ба Ислом пештар даромада бошад, хоҳ монанди ин дигар сифат дошта бошад. Муслимон дар ин ҳукмҳо ба ӯ пайравӣ кардаанд. Қозиён ва волиён низ дар асоси ин ҳукмҳо ҳукм рондаанд. Чун Умар ба сари хилофат омад, дар ин ду ҳодиса раъйи дигарро табаннӣ кард, ки бар хилофи раъйи Абӯбакр буд. Ӯ амр кард, ки ҳангоми як маротиба сеталоқ гуфтан сеталоқ ҳисоб карда шавад. Дар хусуси боигарӣ табаннӣ кард, ки боигарӣ аз рӯи пешдастӣ дар Ислом овардан ва эҳтиёҷ тақсим карда шавад, яъне на дар асоси баробарӣ, балки дар асоси афзалият тақсим кард. Муслимон дар ин корҳо ба ӯ пайравӣ намуданд. Қозиён ва волиён низ бо ин ҳукмҳо ҳукм карданд. Пасон, Умар ба маънои ҳукми шаръӣ табаннӣ кард, ки замини дар ҷанг ба ғанимат гирифташуда ҳамчун ғанимати ҷанг дар байтулмол нигоҳ дошта шавад. Мувофиқи ин ҳукм, замин ба ҷанговарон ва муслимон тақсим карда нашуда, дар дасти соҳибони худ мемонд. Волиён ва қозиён дар ин кор низ ба ӯ пайравӣ карданд ва мувофиқи ҳукми табанникардаи ӯ кор бурданд. Иҷмоъ, яъне иттифоқи саҳобагон ба хулосае омада буд, ки имом (халифа) ҳақ дорад ҳукмҳои муайянро табаннӣ карда, ба он амал карданро бифармояд. Муслимон маҷбуранд, ки ба ин ҳукмҳо итоат кунанд, гарчи ҳукмҳои табаннишуда ба иҷтиҳоди онҳо зид бошанд ҳам. Қоидаҳои шаръии машҳур мавҷуданд, алалхусус: "Султон ҳақ дорад, ки аз рӯи муаммоҳои рӯйдиҳанда ҳукмҳои тааллуқдори онҳоро истинбот кунад", "Фармони Имом ихтилофро аз байн мебардорад", "Фармони Имом дар зоҳиру ботин нуфузнок аст". Барои ҳамин халифаҳои баъдина низ дар табаннӣ кардани аҳкоми муайян давом карданд. Масалан, Ҳорун Аррашид дар соҳаи иқтисод китоби "Алхароҷ"-ро табаннӣ карда, аз мардум қатъӣ талаб карда буд, ки ба ҳукмҳои дар ин китоб овардашуда амал кунанд.

# *ДУСТУР ВА ҚОНУН*

Калимаи қонун истилоҳ (термин)-и аҷнабӣ мебошад. Маънои он дар назди онҳо фармонест, ки султон барои идора кардани мардум мебарорад. Қонун чунин таъриф дода шудааст: "Қонун маҷмӯи қоидаҳост, ки султон барои маҷбур кардани инсонҳо ба итоат дар алоқаҳои байниҳамӣ қабул кардааст". Қабул карда шудааст, ки қонуни асосии ҳар як ҳукумат бо калимаи "дустур" ифода мегардад. Аммо қонуне, ки аз низоми дар дустур қайдшуда ба вуҷуд меояд, бо калимаи "қонун" ифода мешавад. Дустур чунин таъриф дода шудааст: "Дустур қонунест, ки шакли давлатро ва низоми ҳокимиятро дар он муайян мекунад, инчунин ҳудуд (сарҳади ҳуқуқӣ) ва ихтисоси ҳар яки идораҳои ҳукуматиро баён мекунад". Ё ки: "Қонунест, ки ҳокимияти умумиро, яъне ҳукуматро тартиб медиҳад ва алоқаи байни он ва шахсҳоро муайян мекунад, инчунин ҳуқуқу вазифаҳои ҳукуматро дар назди шахсҳо ва ҳуқуқу вазифаҳои шахсҳоро дар назди ҳукумат баён мекунад". Пайдо шудани дустурҳо, аз ҷумла пайдоиши дустурҳое, ки дар намуди қонун содир шудаанд, гуногун аст. Баъзан онҳо бо ёрии урфу одат ва анъанаҳо пайдо шудаанд, монанди дустури англисҳо. Баъзан ҳайати ташкилдодаи ҷамъиятҳои ватанпарварӣ, ки дар вақти муайян дар байни халқ ҳукм рондаанд, барои тартибдиҳии дустур роҳбарӣ кардааст. Ин ҳайат дустурро ҳамчун қонун тартиб дода, роҳи ба он тағйирот ворид намуданро баён намудааст. Пасон, он пароканда шуда, ҳукумати дар дустур нишондодашуда ҷои онро гирифтааст, монанди дустури

Фаронса ва Амрико. Манбаъҳое мавҷуданд, ки дустур ва қонунҳо гирифта мешаванд. Онҳо ду навъанд: 1. Манбаъе, ки дустур ва қонун бевосита сарчашма гирифтаанд, монанди урфу одат, дин, фикрҳои қонуншиносон, қонунҳои дар маҳкамаҳо истифодашуда ва қоидаҳои инсофу адолат. Ин гуна манбаъ манбаи ташреӣ (қонунгузорӣ) номида мешавад. Ба ин дустурҳои баъзе давлатҳои Ғарб, монанди Англия ва Амрико, мисол шуда метавонанд. 2. Манбаъе, ки дустур ва қонун бо интихобкунӣ (саракунӣ) гирифта шудаанд. Ба ин дустури Фаронса ва дустурҳои баъзе давлатҳои хурди олами исломӣ: Туркия, Миср, Ироқ ва Сурия, мисол шуда метавонанд. Ин гуна манбаъ манбаи таърихӣ номида мешавад.

Хулосаи истилоҳ, ки аз калимаҳои дустур ва қонун идрок карда мешавад, аз ҳамин иборат аст. Аз ин истилоҳ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки давлат аз манбаъҳои гуногун хоҳ манбаи ташреӣ бошад, хоҳ манбаи таърихӣ қонунҳои муайянро гирифта, онҳоро табаннӣ мекунад ва ба амал кардани онҳо мефармояд. Баъд аз табаннӣ шудани ин қонунҳо аз тарафи давлат, агар ба қонунҳои умумӣ тааллуқдор бошанд, ба дустур ва агар ба қонунҳои хусусӣ тааллуқдор бошанд, ба қонун табдил меёбанд.

Саволе, ки имрӯз дар пеши муслимон қарор дорад, ин аст: Оё истеъмоли ин истилоҳ ҷоиз аст ё на? Ҷавоб ин аст, ки агар истилоҳи калимаҳои аҷнабии дорои маънои истилоҳӣ ба истилоҳи муслимон зид бошад, истеъмоли ин гуна калимаҳо ҷоиз нест. Масалан, монанди сухани "адолати иҷтимоӣ". Чунки ин сухан низоми муайянеро ифода мекунад. Хулосаи ин низом аз кафолати камбизоатон дар соҳаҳои таълиму тарбия ва нигоҳдории тандурустӣ, инчунин аз кафолати ҳуқуқҳои коргар ва хизматчиён иборат аст. Ин истилоҳ ба истилоҳи муслимон зид аст. Чунки адолат дар муслимон зидди зулм аст. Кафолати таълим ва нигоҳдории тандурустӣ ҳуқуқи тамоми инсонҳо мебошад, хоҳ бой бошад, хоҳ камбағал. Инчунин кафолати ҳуқуқи мӯҳтоҷон ва заифон ҳуқуқи тамоми инсонҳост, ки шаҳрванди Давлати Исломӣ мебошанд, хоҳ коркун бошанд, хоҳ на, хоҳ коргар бошанд, хоҳ деҳқон ва хоҳ дигар. Агар маънои сухане истилоҳи дар муслимон мавҷудбударо ифода кунад, истеъмоли ин сухан ҷоиз аст, монанди калимаи андоз. Ин

калима мол (мулк)-еро ифода мекунад, ки барои идораи давлат аз мардум ҷамъ карда мешавад. Дар муслимон низ мол (мулк)-е мавҷуд аст, ки давлат барои идораи муслимон ҷамъ мекунад. Барои ҳамин истеъмоли калимаи андоз дуруст аст. Калимаҳои дустур ва қонун низ монанди ҳаминанд. Ин калимаҳо маънои онро доранд, ки давлат аҳкоми муайянро қабул карда, онҳоро ба одамон эълон мекунад, ба онҳо амал карданро талаб карда, дар асоси онҳо аз болои инсонҳо ҳукм меронад. Ин маъно дар муслимон низ мавҷуд аст. Бинобар ин ба истеъмоли калимаҳои дустур ва қонун ягон монеа нест. Аз ин ду калима ҳукмҳое дар назар дошта мешаванд, ки халифа аз аҳкоми шаръӣ интихоб карда табаннӣ кардааст. Вале дар байни дустуру қонунҳои Ислом ва дигар дустурҳою қонунҳо фарқе вуҷуд дорад. Чунки манбаи дигар дустурҳою қонунҳо урфу одатҳо, қонунҳои дар маҳкамаҳо истифодашуда ва ҳоказо мебошанд. Ҷои пайдоиши онҳо ҷамъияти таъсисӣ мебошад, ки дустурро қонунӣ мекунад ё маҷлисҳои қонунбарор мебошанд, ки аз тарафи халқ интихоб шудаанд. Чунки дар онҳо халқ манбаи ҳокимият буда, сиёдат (сарварӣ) аз они халқ аст. Аммо манбаи дустури исломӣ ва қонунҳои исломӣ Китоб ва Суннат аст. Ба ғайр аз ин ду ягон чиз манбаъ шуда наметавонад. Ҷои пайдоиши қонунҳо иҷтиҳоди муҷтаҳидон аст. Халифа аз иҷтиҳоди муҷтаҳидон аҳкоми муайянро табаннӣ карда, бо воситаи онҳо мефармояд ва инсонҳоро ба амал кардани онҳо маҷбур мекунад. Чунки сиёдат аз они шариат аст. Барои истинботи аҳкоми шариат иҷтиҳод кардан ҳуқуқи тамоми муслимон буда, дар зиммаи онҳо фарзи кифоя аст. Аммо табаннӣ кардани аҳкоми шаръӣ маҳз ҳуқуқи Халифа мебошад.

Ин мулоҳизаҳо дар хусуси ҷоизии истеъмоли калимаҳои дустур ва қонун мебошанд. Аммо дар хусуси мавҷудияти зарурат ба табаннӣ кардани аҳком бояд ҳаминро гуфт, ки муслимон аз давраи хилофати Абўбакр сар карда то даври охирин халифаи муслим зарурати табаннӣ кардани аҳкоми муайянро идрок мекарданд. Ин аҳком аз тарафи халифа ба амалкунӣ амр карда мешуданд. Лекин ин табаннӣ барои тамоми аҳкоми ҳукмронандаи давлат умумӣ набуд, балки дар ҳоли хусусӣ танҳо барои баъзе аҳком кор фармуда мешуд. Дар баъзе асрҳо ҳолатҳое рўй додаанд, ки давлат тамоми аҳкомро

умумӣ табаннӣ кардааст. Масалан, Айюбиҳо мазҳаби Шофеиро, Давлати Усмониён мазҳаби Ҳанафиро табаннӣ карда буданд.

Дар ин ҷо саволи табиӣ ба миён меояд: Оё дар тартиб додани дустур ва қонунҳои умумӣ барои муслимон манфиат ҳаст ё на? Дар ҷавоби ин бояд гуфт, ки барои тамоми ҳукмҳо мавҷуд будани дустур ва қонунҳои умумӣ нисбат ба эҷод ва иҷтиҳод рағбатро хомӯш мекунад. Барои ҳамин дар асрҳои аввал, яъне дар асрҳои саҳобагон, тобеинҳо ва пайравони тобеинҳо муслимон аз табаннӣ кардани ҳамаи ҳукмҳо аз тарафи халифа худдорӣ кардаанд. Онҳо бо табаннӣ кардани аҳкоми муайян, ки барои нигоҳдории ягонагии ҳокимият, ташреъ (қонунгузорӣ) ва корҳои идора табаннӣ кардан зарур аст, кифоят мекарданд. Бинобар ин барои бавуҷудории эҷод ва иҷтиҳод афзал аст, ки дустури давлат тамоми аҳкомро дар бар нагирад, балки он аҳкоми умумиро дар бар гирад, ки шакли давлатро муайян мекунад ва нигоҳдории ягонагии онро кафолатнок мегардонад. Аммо корҳои иҷтиҳод ва истинбот ба волиҳо ва қозиҳо ҳавола карда мешавад. Лекин рӯй додани ин ҳолат танҳо он вақт мумкин аст, ки иҷтиҳод васеъ паҳн шуда, аксари одамон аз муҷтаҳидон иборат бошанд, чунон ки дар асри саҳобагон, тобеинҳо ва пайравони тобеинҳо рӯй дода буд. Аммо агар тамоми инсонҳо аз муқаллидҳо иборат буда, дар байни онҳо муҷтаҳидон камёб бошанд, дар ин ҳол табаннӣ кардани аҳкоме, ки давлат аз болои инсонҳо ҳукм меронад, ба зарурат табдил меёбад, хоҳ халифа бошад, хоҳ волӣ ва хоҳ қозӣ. Азбаски волиҳо ва қозиҳо бе иҷтиҳод, балки фақат бо тақлиди пурихтилофу зиддиятнок кор мебаранд, бо аҳкоми шариати нозилкардаи Аллоҳ ҳукм рондан барои онҳо ба кори пурмашаққат табдил меёбад. Табаннӣ танҳо баъд аз омӯзиши дақиқонаи ҳодиса, донистани моҳият ва далели тааллуқдори он амалӣ карда мешавад. Илова бар ин, агар ба волиҳо ва қозиҳо рухсат дода шавад, ки бо донистаи худ ҳукм ронанд, мумкин аст ин дар давлати ягона, ҳатто дар худи як шаҳр боиси гуногун ва зиддиятнок шудани ҳукмҳо гардад. Балки чизи аз ин ҳам даҳшатноктар, мумкин аст ин боиси ҳукмронӣ бо қонунҳои ғайри қонунҳои нозилкардаи Аллоҳ гардад. Барои ҳамин дар ҳолате, ки надонистани Ислом мисли имрӯза ба дараҷаи паст мерасад, Давлати Исломӣ бояд аҳкоми муайянро

табаннӣ кунад. Ин табаннӣ бояд на ба эътиқод ва ибодатҳо, балки фақат ба аҳкоми муомалот ва ҷазо тааллуқдор бошад. Аз ин табаннӣ бояд нигоҳдории тартибу интизоми корҳои давлат ва мувофиқи аҳкоми Аллоҳ идора кардани тамоми корҳои муслимон дар назар дошта шавад. Инчунин он бояд барои тамоми аҳком умумӣ бошад. Ғайр аз ин, вақте ки давлат аҳкомро табаннӣ мекунад ва дустуру қонунҳоро қабул мекунад, бояд фақат бо аҳкоми шаръӣ маҳдуд шуда, дигар қонунҳоро нагирад, балки воҷиб аст, ки онҳоро мутлақо наомӯзад. Хоҳ ба Ислом мувофиқ бошад, хоҳ ба он зид, новобаста аз ин, ҷуз аҳкоми шариат чизи дигарро нагирад. Масалан, давлат қонуни таъмим (яъне ба мулки давлат табдил додани тамоми чизҳо)-ро нагирифта, ба ҷои он ҳукми мулки умумии шариатро қабул мекунад. Ҳамин тавр, дар ҳама корҳои тааллуқдори фикрат ва тариқат бо аҳкоми шариат маҳдуд шудани давлат воҷиб аст. Аммо қонунҳои идора, ки ба фикрат ва тариқат тааллуқдор нестанд ва нуқтаи назарро ифода намекунанд, инчунин қонунҳое, ки барои танзими муассисаҳо ва корҳои монанди ҳамин заруранд, аз ҷумлаи восита ва услубҳо ба ҳисоб мераванд. Давлат инҳоро монанди илм, саноат ва фанҳо аз дигарон гирифта, бо воситаи онҳо корҳои худро ба тартиб медарорад. Вақте ки Умар ибни Хаттоб девонҳоро таъсис доданд, ин услубро аз форсҳо гирифта буданд. Ин гуна корҳои идорӣ ва фаннӣ ба дустуру қонунҳои шариат дохил намешаванд, инчунин дар дустур низ қайд намешаванд. Хулоса, воҷиб аст, ки дустури Давлати Исломӣ аз аҳкоми шариат иборат бошад, яъне Дустури Исломӣ бошад ва қонуни он низ исломӣ бошад. Вақте ки давлат ягон ҳукмро табаннӣ мекунад, воҷиб аст, ки онро дар баробари дуруст фаҳмидани муаммои мавҷуда дар асоси пурзӯрии далели шаръӣ табаннӣ кунад. Барои ҳамин масъулияти давлат ин аст: Пеш аз ҳама барои ҳаматарафа фаҳмидани муаммо онро биёмӯзад, зеро дуруст фаҳмидани муаммо хеле зарур аст. Пасон ҳукми шаръиро идрок кунад, ки ба муаммои мазкур мувофиқ меояд. Баъд аз ин далели ҳукми шаръиро биёмӯзад ва ниҳоят дар асоси далели пурқувват ҳукмро табаннӣ кунад. Ба шарте ки ин аҳкоми шаръӣ баъд аз омӯхтани далел ва ҳосил кардани боварӣ ба пурзӯрии он аз раъйи яке аз муҷтаҳидон гирифта

шавад ё ки аз Китоб, суннат, иҷмо ё қиёс танҳо бо иҷтиҳоди шаръӣ гирифта шавад, гарчи иҷтиҳоди ҷузъӣ (иҷтиҳоди як масъала) бошад ҳам. Масалан, агар давлат табаннӣ кардани қонунеро хоҳад, ки суғуртакунии асбобҳоро манъ мекунад, дар ин ҳол давлат пеш аз ҳама "суғуртакунии ашё"-ро ҳаматарафа меомӯзад, то маънои онро донад. Пасон воситаҳои ба мулк соҳибшавиро меомӯзад. Баъд аз ин ҳукми Аллоҳро доир ба мулкдорӣ ба "суғурта" татбиқ карда, дар ин масъала ҳукми шаръиро табаннӣ мекунад. Барои ҳамин дустур ва ҳар як қонун бояд муқаддима дошта бошад. Ин муқаддима бояд мазҳаби гирифташудаи ҳар як моддаро ва далели такякардаи онро равшан баён кунад. Яъне, агар модда бо роҳи дурусти иҷтиҳод истинбот шуда бошад ва ба шартҳои дар шариат муайяншуда ҷавоб дода тавонад, далеле, ки дар тартиб додани модда такя карда шудааст, бояд дар ин муқаддима баён карда шавад. То ки муслимон донанд, ки қонунҳои дар дустуру қонунҳо табанникардаи давлат аҳкоми шариат мебошанд ва ин аҳком бо роҳи дурусти иҷтиҳод тартиб дода шудаанд. Зеро, агар қонуни табанникардаи давлат аз ҳукми шаръӣ иборат бошад, танҳо ҳамин вақт муслимон дар қонунҳои ҳукмронанда ба итоати давлат маҷбур карда мешаванд. Дар ин асос давлат аҳкоми шаръиро ҳамчун дустур ва қонунҳо табаннӣ мекунад, то аз болои шаҳрвандони худ ҳукм ронад.

Мо ба тариқи мисол дар пеши муслимон лоиҳаи дустури Давлати Исломиро мегузорем. То ки муслимон онро мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Зеро онҳо бо мақсади паҳн кардани даъвати исломӣ ба олам барои барпои Давлати Исломӣ фаъолият мебаранд. Бояд ҳаминро мулоҳиза кард, ки ин дустур ба мамлакати муайян хос карда нашуд, то Давлати Исломӣ дар олами исломӣ умумӣ бошад ва ҳаргиз аз он ягон мамлакат ё кишвар қасд карда нашавад.

# *ЛОИҲАИ ДУСТУРИ ДАВЛАТИ ХИЛОФАТ*

Ин дустури Давлати Хилофат аст. Онро ба мусулмононе, ки барои бунёд кардани Давлати Хилофат ва баргардондани ҳукмронӣ бо шариати Аллоҳ фаъолият мекунанд, пешкаш менамоем, то онҳо воқеъ, шакл ва низомҳои (қонунҳои) Давлати Исломиро, инчунин низомҳо (қонунҳо) ва аҳкоми Исломро тасаввур карда тавонанд.

Ин дустур дустури исломӣ аст, ки аз ақидаи исломӣ сарчашма гирифтааст ва аз аҳкоми шаръӣ бинобар қувваи далел таҳия шудааст. Дар таҳияи ин дустур ба Китоби Аллоҳ ва суннати Расул, инчунин ба иҷмои саҳобагон ва қиёс, ки Китобу суннат ба ин ду иршод мекунад, такя шуд.

Ин дустури исломии маҳз аст ва дар он ягон чизи ғайриисломӣ нест. Ин дустуре нест, ки ба табақаи муайян ё кишвари муайян хос бошад. Ин дустур барои Давлати Хилофат дар олами исломӣ, балки дар тамоми ҷаҳон таҳия шудааст. Зеро Давлати Хилофат Исломро ҳамчун рисолати нуру ҳидоят ба тамоми ҷаҳон мерасонад, инчунин барои идора кардани корҳои ҷаҳон, ба оғӯши худ гирифтани ҷаҳон ва татбиқ кардани аҳкоми
Ислом дар ҷаҳон кор мебарад.

Ҳизби Таҳрир ин лоиҳаро ба мусулмонон тақдим мекунад ва аз Аллоҳ мепурсад, ки мусулмононро мукаррам гардонад ва амалишавии ғояи мӯъминонеро, ки дар роҳи бунёд кардани Хилофати рошида ва баргардондани ҳукмронӣ бо шариати Аллоҳ саъю талош меварзанд, суръат бахшад, то ин лоиҳа ба

дустури Давлати Хилофат табдил ёбад. Ин кор ба Аллоҳ душвор нест.

## АҲКОМИ УМУМӢ

**Модда 1.** Ақидаи исломӣ асоси давлат аст. Бинобар ин, барои пайдо шудани ягон чиз дар таркибу ҷиҳози давлат, ё дар муҳосаба карда шудани он ва ё дар тамоми корҳои тааллуқдори давлат фақат ақидаи исломӣ асос карда мешавад. Дар айни вақт ақидаи исломӣ асоси дустур ва қонунҳост, яъне ба мавҷуд будани ягон чизи алоқадори ҳар дуи онҳо танҳо он гоҳ рухсат дода мешавад, ки агар он аз ақидаи исломӣ сарчашма гирад.

**Модда 2.** Дорулислом кишварест, ки дар он аҳкоми Ислом татбиқ мешавад ва амнияти он бо Ислом аст. Дорулкуфр кишварест, ки дар он низомҳои куфр татбиқ мешавад ё ки амнияти он бо Ислом нест.

**Модда 3.** Халифа аҳкоми шаръии муайянеро табаннӣ карда, онҳоро ҳамчун дустур ва қонунҳо ба роҳ мемонад. Агар халифа ягон ҳукми шаръиро табаннӣ карда, танҳо ин ҳукм ба ҳукми шаръӣ табдил меёбад, ки ба он амал кардан воҷиб аст. Он гоҳ ин ҳукм ба қонуни амалӣ табдил меёбад, ки дар зоҳиру ботин ба он итоат кардан барои ҳар як шаҳрванд воҷиб аст.

**Модда 4.** Халифа ғайр аз закот ва ҷиҳод дар дигар ибодатҳо ягон ҳукми шаръии муайянеро табаннӣ намекунад. Ӯ дар фикрҳои тааллуқдори ақидаи исломӣ ягон чизро табаннӣ намекунад.

**Модда 5.** Ҳамаи онон, ки дар таҳти тобеияти Ислом қарор доранд (яъне шаҳрванди Давлати Исломӣ мебошанд), аз ҳуқуқ ва маҷбуриятҳои шаръӣ баҳраманд мешаванд.

**Модда 6.** Ба давлат ҷоиз нест, ки дар ҳокимият, қазо, идораи корҳо ё соҳаҳои монанди ин байни шаҳрвандонро ҷудо кунад. Балки воҷиб аст, ки қатъи назар аз нажод, ранги пӯст, дин ва миллат ба ҳама бо як назар нигоҳ кунад.

**Модда 7.** Давлат хоҳ мусулмон бошанд, хоҳ ғайримусулмон ба тамоми инсонҳое, ки дорои тобеияти Ислом (яъне шаҳрванди Давлати Исломӣ) мебошанд, шариати исломиро ба тарзи зерин татбиқ мекунад:

а) Ба мусулмонон тамоми аҳкоми Ислом беягон истисно иҷро карда мешавад.

б) Ғайримусулмонон мувофиқи низоми умумӣ дар эътиқод ва ибодатҳои худ вогузошта мешаванд.

в) Ба муртадҳое, ки аз Ислом баргаштаанд, агар худи онҳо муртад бошанд, ҳукми муртад татбиқ карда мешавад. Агар онҳо фарзандони муртадҳо бошанд ва ғайримусулмон таваллуд шуда бошанд, аз рӯи мушрик, аҳли китоб будани онҳо муомилаи ғайримусулмон карда мешавад.

г) Ба ғайримусулмонон дар корҳои тааллуқдори хӯрокворӣ ва либосҳо дар доираи иҷозатдодаи аҳкоми шариат мувофиқи динҳояшон муомила карда мешавад.

д) Дар байни ғайримусулмонон корҳои издивоҷ (никоҳ) ва талоқ мувофиқи динҳояшон ҳал карда мешавад. Аммо муносибатҳои байни онҳову мусулмонон аз рӯи аҳкоми Ислом ҳукм карда мешавад.

е) Давлат боқимондаи аҳкоми шаръиро ва тамоми корҳои шариати исломиро оид ба муомилот, уқубот (чораҳои ҷазо), баййинот (ҳуҷҷатҳои исботкунандаи ҷиноят), низомҳои ҳокимияту иқтисод ва ғайра ба ҳама: мусулмонон ва ғайримусулмонон яксон иҷро мекунад. Ҳамчунин ба ҳар яки муоҳидон (кофире, ки дар асоси аҳд дар Давлати Исломӣ зиндагӣ мекунад ва ҷизя медиҳад), мустаъминон (кофире, ки амонӣ мепурсад ё амонӣ дода шудааст) ва сархамшавандагони ҳокимияти Ислом ин аҳкомро татбиқ мекунад, чунон ки ба ҳар як фарди раият иҷро мекунад. Фақат сафирон, консулҳо, ходимони ваколатхона ва монанди инҳо, ки дорои дахлнопазирии дипломатӣ мебошанд, аз ин мустасноянд.

**Модда 8.** Забони арабӣ забони ягонаи Ислом аст. Давлат танҳо ин забонро истифода мебарад.

**Модда 9.** Иҷтиҳод фарзи кифоя аст. Ҳар як мусулмоне, ки тамоми шартҳои иҷтиҳодро ба ҷо оварда метавонад, ҳуқуқи иҷтиҳод карданро дорад.

**Модда 10.** Ҳамаи мусулмонон масъулиятҳои исломиро бар зиммаи худ мегиранд. Пас, дар Ислом "арбобони дин" вуҷуд надоранд. Манъ кардани ҳар як ҳолате, ки мавҷудияти "арбобони дин"-ро ифода мекунад, вазифаи давлат мебошад.

**Модда 11.** Бурдани даъвати исломӣ вазифаи асосии давлат аст.

**Модда 12.** Барои аҳкоми шаръӣ фақат Китоб, суннат, иҷмои саҳобагон ва қиёс далелҳои эътиборнок мебошанд.

**Модда 13.** Дар асл ҳар як шахс бегуноҳ аст. Ҳеҷ кас бе ҳукми маҳкама ҷазо дода намешавад. Шиканҷа кардани касе мутлақо ҷоиз нест. Ҳар як инсоне, ки инро мекунад, ҷазо дода мешавад.

**Модда 14.** Асос дар корҳо бо ҳукми шаръӣ маҳдуд шудан аст. Бинобар ин, бе донистани ҳукм коре анҷом дода намешавад. Асос дар чизҳо мубоҳист, агар ба ҳаром карда шудани он далел наомада бошад. Модда 15. Воситае, ки ба ҳаром мебарад, агар эҳтимоли ба ҳаром бурдани он аниқ бошад, ҳаром аст. Агар гумон бурда шавад, ки он ба ҳаром мебарад, ҳаром нест.

## НИЗОМИ ҲОКИМИЯТ

**Модда 16.** Низоми ҳокимият низоми ваҳдат аст. Он низоми иттиҳод (иттифоқ) нест.

**Модда 17.** Ҳокимият мутамарказ аст, аммо корҳои идорӣ (админстративӣ) мутамарказ нестанд.

**Модда 18.** Ҳокимон чоранд: Халифа, муовини тафвиз, волӣ ва омил. ғайр аз инҳо ҳоким нестанд, балки онҳо шахсони масъул эътибор карда мешаванд.

**Модда 19.** Ба ҳокимият ё ба ҳар як амали тааллуқдори ҳокимият фақат марди озод, болиғ, оқил, одил ва тавоно мутасаддӣ мешавад. ғайр аз ин, мусулмон будани ӯ низ шарт аст.

**Модда 20.** Муҳосаба кардани ҳокимон ҳуқуқи мусулмонон ва барояшон фарзи кифоя аст. Ғайримусулмонони раият (яъне шаҳрвандони ғайримусулмон) ҳақ доранд, ки аз зулми ҳокимон ва ба онҳо бад татбиқ шудани аҳкоми Ислом шикоят кунанд.

**Модда 21.** Мусулмонон ҳақ доранд, ки барои муҳосабаи ҳокимон ва ё барои ба воситаи уммат бадастории ҳокимият ҳизбҳои сиёсӣ ташкил кунанд. Ба шарте ки асоси ин ҳизбҳо бояд ақидаи исломӣ ва ҳукмҳои табанникардаи онҳо аҳкоми шаръӣ бошанд. Ташкил кардани ҳизб ба ягон рухсате мӯҳтоҷ нест. Ҳар як гурӯҳбандие, ки ба асоси ғайриисломӣ барпо мешавад, манъ карда мешавад.

**Модда 22.** Низоми ҳокимият ба асоси чор қоидаи зерин бунёд мегардад:

1. Сиёдат аз они шариат аст, на аз они халқ.
2. Ҳокимият аз они уммат (яъне ҳаққи уммат) аст.
3. Интихоб кардани халифаи ягона ба мусулмонон фарз аст.
4. Танҳо халифа ҳақдор аст, ки аҳкоми шаръиро табаннӣ кунад. Маҳз ӯ дустур ва қонунҳои дигарро ба роҳ мемонад.

**Модда 23.** Давлат бар сездаҳ асос барпо мегардад:

1. Халифа
2. Муовинон (вазирони тафвиз)
3. Вазирони танфиз
4. Волиён
5. Амири ҷиҳод
6. Амнияти дохилӣ
7. Корҳои хориҷӣ
8. Саноат
9. Қазо
10. Манфиатҳои мардум
11. Байтулмол
12. Иттилоот
13. Маҷлиси уммат (шӯро ва муҳосаба).

## ХАЛИФА

**Модда 24.** Халифа дар ҳокимият ва дар иҷро кардани шариат вакили уммат аст.

**Модда 25.** Хилофат ақди ризоият ва ихтиёр аст. Пас, ҳеҷ кас ба қабули он ва барои интихоб кардани каси ба Хилофат роҳбарикунанда маҷбур карда намешавад.

**Модда 26.** Новобаста аз мард ё зан будан ҳар як мусулмони солимақл ва болиғ ҳақ дорад, ки халифаро интихоб кунад ва ба ӯ байъат диҳад. ғайримусулмонон аз ин ҳуқуқ маҳруманд.

**Модда 27.** Агар ба касе тавассути байъати шахсоне, ки байъати инъиқод (ақдбандӣ)-ро ба амал меоранд, ақд (аҳд)-и хилофат дода шавад, дар ин ҳол байъати дигарон на байъати инъиқод, балки байъати итоат мешавад. Бинобар ин, тамоми шахсҳое, ки аломатҳои беитоатӣ мушоҳида мешавад, ба байъат додан маҷбур карда мешаванд.

**Модда 28.** Танҳо шахсе, ки аз ҷониби мусулмонон интихоб мегардад, халифа мешавад. Агар аҳди хилофат монанди дигар ақдҳои Ислом бо роҳи шаръӣ анҷом наёбад, ҳеҷ кас ба ҳуқуқҳои хилофат соҳиб намешавад.

**Модда 29.** Дар минтақа ё давлате, ки ба халифа байъати инъиқод
(ақдбандӣ) дода мешавад, шарт аст, ки ҳокимият (салтанат) мустақил бошад ва фақат ба мусулмонон такя кунад, на ба ягон давлати кофир. Ҳамчунин амнияти дохилӣ ва хориҷии ин давлат бояд дар дасти мусулмонон бошад, на дар дасти кофирон. Аммо дар байъати итоат, ки аз кишварҳои дигар талаб карда мешавад, ин чиз шарт нест.

**Модда 30.** Шахсе, ки байъати хилофат дода мешавад, бояд шартҳои инъиқод (ақдбандӣ)-ро пурра дар худ муҷассам кунад, гарчи шартҳои афзалиятро надошта бошад ҳам. Чунки дар байъат шартҳои инъиқод ба эътибор гирифта мешавад.

**Модда 31.** Барои баста шудани аҳди раиси давлат ба халифа ӯ бояд ҳафт сифат дошта бошад (яъне ба ӯ ҳафт шарт гузошта мешавад). Ӯ бояд мард, мусулмон, озод, балиғ, солимақл (оқил), одил ва қодир (яъне ба ҳукмронӣ тавоно) бошад.

**Модда 32.** Агар мансаби хилофат бо сабаби вафоти халифа ё истеъфои ӯ (аз мансаб даст кашидани ӯ) ва ё аз кор гирифта шудани ӯ холӣ шавад, аз рӯзи холӣ шудани мансаби Хилофат дар давоми се рӯз ба ҷои ӯ интихоб кардани халифае воҷиб аст.

**Модда 33.** Баъд аз холӣ шудани мансаби хилофат амири муваққата таъин мешавад, то корҳои мусулмононро сарварӣ намояд ва корҳои интихоби халифаи навро пеш барад. Таъин кардани амири муваққата ба тарзи зерин рух медиҳад:

а) Халифа, вақте ки наздикшавии вафоташро ҳис мекунад ё ихтиёран ба тарки хилофат қарор намояд, салоҳият дорад, ки амири муваққатаро таъин намояд;

б) Агар халифа вафот кунад ё пеш аз таъин кардани амири муваққата сабукдӯш гардад ё мансаби хилофат бо сабаби дигар ҷуз вафоткунӣ ё сабукдӯшкунӣ холӣ шавад, калонсолтарини муовинон амири муваққата таъин мегардад. Агар ин муовин хоҳад, ки ба хилофат номзади худро гузорад, муовине, ки

синнаш ба ӯ наздик аст, амири муваққата таъин мегардад ва ҳоказо;

в) Агар ҳамаи муовинон номзади худро гузоштан хоҳанд, калонсолтарини муовинони танфиз таъин мегардад. Агар ӯ низ номзади худро гузоштан хоҳад, муовине, ки синнаш ба ӯ наздик аст, таъин мегардад ва ҳоказо;

г) Агар ҳамаи муовинони танфиз номзади худро гузоштан хоҳанд, хурдсолтарини онҳо амири муваққата таъин мегардад;

д) Амири муваққата дар табаннӣ кардани аҳком салоҳият надорад;

е) Амири муваққата тамоми тавони худро сарф менамояд, то дар тӯли се рӯз корҳои интихоби халифаи навро ба сомон расонад. Кашол додани корҳои интихоби халифаи нав беш аз се рӯз ҷоиз нест, ҷуз дар ҳолати мавҷуд будани сабаби қавӣ, ки Маҳкамаи мазолим онро маъқул донад. Модда 34. Тариқати интихоб кардани халифа байъат аст. Корҳои интихоби халифа ва байъатдиҳӣ ба ӯ ба тарзи зерин рух медиҳад:

а) Маҳкамаи мазолим эълон мекунад, ки мансаби хилофат холӣ шудааст;

б) Амири муваққата корҳои муҳими интихоботро сарварӣ менамояд ва дарҳол эълон мекунад, ки дари номзадгузорӣ кушода аст;

в) Бо қарори Маҳкамаи мазолим талаби номзадҳое, ки шартҳои инъиқодро пурра доранд, пазируфта ва боқимонда рад карда мешавад;

г) Узвҳои мусулмони Маҷлиси уммат шумораи номзадҳоеро, ки Маҳкамаи мазолим талабҳояшонро пазируфтааст, ду бор маҳдуд месозад. Бори аввал бо овози аксарият шаш нафарро аз байни номзадҳо интихоб мекунанд ва бори дигар бо овози аксарият ду нафарро аз байни шаш нафар интихоб мекунанд;

д) Бо эълон кардани номи ду нафар интихоб кардани яке аз онҳо талаб карда мешавад;

е) Натиҷаи интихобот эълон карда мешавад ва мусулмонон шахсеро, ки бештари овози интихобкунандагонро ба даст даровардааст, медонанд:

ё) Мусулмононро ба байъатдиҳӣ ба шахсе, ки бештари овозҳоро соҳиб шудааст, бо шарти амалкунӣ ба Китоби Аллоҳ ва суннати Расул (с) тарғиб мекунанд;

ҷ) Баробари итмоми байъат ба мардум эълон мекунанд, ки кӣ халифа интихоб шудааст, то хабар дар бораи интихоб шудани ӯ ба тамоми уммат бирасад. Ҳангоми эълонкунӣ ном ва соҳиби сифатҳои шоистаи хилофат будани ӯ низ зикр мегардад;

з) Баробари итмоми корҳои интихоби халифаи нав сарварии амири муваққата ба охир мерасад.

**Моддаи 35.** Халифаро уммат интихоб мекунад, вале уммат халифаеро, ки ба ӯ бо роҳи шаръӣ байъати инъиқод дода шудааст, сабукдӯш карда наметавонад.

**Моддаи 36.** Халифа ба салоҳиятҳои зерин соҳиб аст:

а) Халифа аҳкоми шаръиро, ки барои сарварии корҳои уммат лозим аст, табаннӣ мекунад. Ӯ аҳкоми шаръиро, ки бо иҷтиҳоди саҳеҳ аз Китоби Аллоҳ ва суннати Расулаш истинбот шудааст, табаннӣ мекунад, то онро ба қувваи қонунӣ дарорад. Ин аҳкоми шаръӣ он гоҳ ба қонунҳое табдил меёбад, ки итоат кардан ба он воҷиб аст ва мухолифат бо он ҷоиз нест;

б) Халифа ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат масъул аст. Ӯ сарфармондеҳии артишро ба даст мегирад. Эълони ҷанг, сулҳ, сулҳи муваққата ва бастани созишномаҳои дигар дар ихтиёри ӯст;

в) Халифа ҳақ дорад, ки сафирони аҷнабиро қабул ва рад кунад, инчунин сафирони мусулмонро таъйин ва сабукдӯш кунад;

г) Халифа муовинон ва волиёнро таъйин ва сабукдӯш мекунад. Ҳамаи муовинон ва волиён дар назди Маҷлиси уммат масъуланд, чунон ки дар назди халифа масъуланд;

д) Халифа қозиюлқузот ва қозиёнро таъйин ва сабукдӯш мекунад. Қозии мазолим, ки масъалаеро бар зидди халифа, муовинон ва қозиюлқузот баррасӣ мекунад, аз ин мустасност, зеро дар ин ҳолат халифа қозии мазолимро сабукдӯш карда наметавонад. Инчунин халифа мудирони идораҳо, фармондеҳони артиш ва амирони парчамдорро таъйин ва сабукдӯш мекунад. Ҳамаи онҳо дар назди халифа масъуланд, аммо дар назди Маҷлиси уммат масъул нестанд;

е) Халифа аҳкоми шаръиеро, ки буҷети давлатро муқаррар месозад, табаннӣ мекунад. Инчунин ӯ қисмҳои буҷет ва маблағҳоеро, ки барои ҳар як ҷиҳат лозим аст, чи ба даромадҳо вобаста бошад, чи ба сарфу харҷ муқаррар мекунад.

**Моддаи 37.** Халифа дар табаннӣ ба аҳкоми шаръӣ маҳдуд аст. Табаннӣ кардани ҳукмҳое, ки бо роҳи истинботи ҳақиқӣ аз далелҳои шаръӣ тартиб дода нашудаанд, барои халифа ҳаром аст. Ӯ бо аҳкоми табанникардаи худ ва бо роҳи истинботе, ки барои худ муайян кардааст, маҳдуд аст. Пас, барои ӯ табаннӣ кардани ҳукми хилофи роҳи пешгирифтаи худ ва додани фармони зидди ҳукмҳои табанникардаи худ ҷоиз нест.

**Моддаи 38.** Халифа дар идораи корҳои раият мувофиқи раъй ва иҷтиҳоди худ салоҳияти мутлақ дорад. Ӯ ҳақ дорад тамоми корҳои мубоҳро, ки барои бурдани корҳои давлат ва идораи корҳои раият лозиманд, табаннӣ кунад. Бо ҳуҷҷати манфиат бар хилофи ягон ҳукми шаръӣ кор бурдани ӯ ҷоиз нест. Бинобар ин, ӯ бо ҳуҷҷати кам будани маҳсулоти хӯрокворӣ як оиларо аз таваллуди бештар аз як фарзанд манъ намекунад. Ҳамчунин бо ҳуҷҷати пешгирии истисмор (эксплуататсия) ба мардум нархро муайян намекунад, бо ҳуҷҷати идораи корҳо ё манфиат кофирро ё занро волӣ таъин намекунад. Анҷом додани монанди ин корҳое, ки ба аҳкоми шаръӣ зид мебошанд, ҷоиз нест. Бинобар ин, ҳалолро ҳаром ва ҳаромро ҳалол кардани ӯ ҷоиз намешавад.

**Моддаи 39.** Барои халифа муддати маҳдуде нест. Модом ки халифа шариатро муҳофиза ва ҳукмҳои онро иҷро мекунад ва ба иҷрои корҳои давлат қодир аст, агар аҳволи ӯ то андозаи аз Хилофат берункунанда тағйир наёбад, дар мақоми худ боқӣ мемонад. Агар аҳволи ӯ то андозаи мазкур тағйир ёбад, дарҳол аз кор озод кардани ӯ воҷиб мешавад.

**Моддаи 40.** Корҳое, ки сабаби тағйирёбии аҳволи халифа мегарданд ва бо ин ӯ аз Хилофат берун мешавад, сето мебошанд:

а) Агар яке аз шартҳои инъиқоди Хилофат вайрон шавад, яъне агар ӯ муртад шавад, ё ошкоро фосиқӣ кунад, ё девона шавад ва ё монанди инҳо содир шаванд. Чунки инҳо аз шартҳои инъиқод (ақдбандӣ) ва доимият мебошанд.

б) Агар бо ягон сабаб аз иҷрои вазифаи Хилофат оҷиз шуда монад.

в) Агар зӯрӣ (фишор)-е ба вуҷуд ояд, ки ӯро аз корбарӣ бо раъйи худ дар асоси шариат дар роҳи манфиатҳои мусулмонон оҷиз карда мемонад. Агар касе ба ӯ то андозаи фишор орад, ки ӯро аз идораи манфиатҳои раият бо раъйи худ мувофиқи аҳкоми шариат оҷиз мегардонад, ӯ ҳукман аз иҷрои корҳои давлат оҷиз эътибор карда мешавад ва бо ин сабаб аз Хилофат берун карда мешавад. Ин кор дар ду ҳолат рӯй дода метавонад:

Ҳолати якум: Яке ё якчанд нафари одамони атрофи ӯ аз болои ӯ ҳукмрон шуда, иҷрои корҳоро ба дасти худ мегиранд. Агар аз ҳукмронии онҳо халос шудани ӯ умед карда шавад, ба муддати муайян мӯҳлат дода мешавад. Агар баъд аз ин ҳам аз ҳукмронии онҳо халос шуда натавонад, аз Хилофат сабукдӯш карда мешавад. Агар ба халос шудани ӯ умед набошад, дарҳол сабукдӯш карда мешавад.

Ҳолати дуюм: Агар ба дасти душмани пурзӯр (ғолиб) феълан ба асирӣ афтад ё ба зери ҳукмронии душман афтад. Дар ин ҳол нигоҳ карда мешавад: а) Агар халос шудани халифа умед карда шавад, то канда шудани умед мӯҳлат дода мешавад, агар ба халос шудани ӯ умед канда шавад, аз мансаб сабукдӯш карда мешавад. б) Агар ба халос шудани ӯ умед набошад, дарҳол сабукдӯш карда мешавад.

**Моддаи 41.** Танҳо Маҳкамаи мазолим муайян мекунад, ки ҳолати халифа то андозаи аз хилофат берункунанда тағйир ёфтааст ё на. Танҳо Маҳкамаи мазолим ҳақ (салоҳият) дорад, ки халифаро сабукдӯш кунад ё ба ӯ огоҳӣ диҳад.

## МУОВИНИ ТАФВИЗ

**Моддаи 42.** Халифа барои худ муовини тафвизро таъин мекунад, ки ӯ масъулияти ҳукм ронданро ба зимма мегирад. Бо раъйи худ тадбир кардани корҳоро ва бо иҷтиҳоди худ бурдани онҳоро ба ӯ месупорад.     Моддаи 43. Шартҳое, ки ба халифа гузошта мешаванд, ба муовини тафвиз низ шарт карда мешаванд. Яъне ӯ бояд мард, мусулмон, озод, болиғ, солимақл (оқил), одил ва тавоно (яъне дар корҳои супоридашуда лаёқатманд) бошад.

**Моддаи 44.** Таъини муовини тафвиз ду шартро дар бар мегирад:

**Якум:** Назорати умумӣ (дида баромадани ҳар як кор).

**Дуюм:** Ноибӣ.

Барои ҳамин халифа бояд ба муовини тафвиз гӯяд: "Туро ба корҳое, ки ба ман супорида шудааст, аз ҷониби худ ҳамчун ноиб таъин кардам" ё ки суханҳоеро гӯяд, ки маънои назорати умумиро ва ноибиро дар бар мегирад. Агар таъини ӯ ба ин тарз амалӣ нашавад, ӯ муовин ҳисоб намеёбад. Агар таъинкунӣ танҳо бо ин роҳ амалӣ гардад, ӯ ба ҳуқуқҳои муовини тафвиз соҳиб мешавад.

**Моддаи 45.** Муовини тафвиз вазифадор аст, то аз тадбирҳо ва корҳои ҳокимияту таъинкунӣ, ки ӯ иҷро мекунад, халифаро огоҳ кунад. То ки ӯ дар салоҳияти худ ба халифа баробар шуда намонад, яъне кори ӯ аз хабардор кардани халифа ва иҷро кардани кори фармудашуда иборат аст.

**Моддаи 46.** Ба халифа воҷиб аст, ки кору тадбирҳои муовини тафвизро тафтиш кунад, то ба дурусти онҳо рухсат дода, хаторо пешгирӣ намояд. Зеро тадбири корҳои уммат ба халифа супорида шудааст ва айнан ба иҷтиҳоди ӯ ҳавола карда шудааст.

**Моддаи 47.** Агар муовини тафвиз ягон кореро тадбир кунад ва халифа онро тасдиқ кунад, муовин бояд онро, чунонки халифа тасдиқ кардааст, бе зиёдатӣ ва камбудӣ иҷро кунад. Агар халифа аз тасдиққунӣ саркашӣ кунад ва кори муовинро рад карда норозӣ шавад, дар ин сурат нигоҳ карда мешавад, агар муовин ҳукмро дуруст иҷро карда бошад ва молро ба ҷои худ сарф карда бошад, раъйи муовин нуфузнок аст. Зеро ин аслан раъйи халифа буда, халифа ин ҳукми иҷрошударо ва ин моли инфоқшударо рад карда наметавонад. Агар кори иҷрокардаи муовин ба таври дигар бошад, масалан, корҳои монанди таъини волӣ ё ба ҷанг омода кардани қӯшун бошад, ба муовин зиддият нишон додани халифа ҷоиз аст. Дар ин ҳол раъйи халифа иҷро карда шуда, кори муовин бекор карда мешавад. Зеро халифа ҳақ дорад, ки ин гуна корҳоро хоҳ худаш анҷом дода бошад, хоҳ муовин ислоҳ кунад.

**Моддаи 48.** Муовини тафвиз ба ягон идора хос таъин намешавад, зеро назорати ӯ умумист. Касоне, ки бо иҷрои

корҳои идора машғуланд, ҳоким нестанд, вале муовини тафвиз ҳоким аст. Илова бар ин, ӯ ба ягон кор хос таъин намешавад. Зеро сарварии ӯ умумӣ аст.

## МУОВИНИ ТАНФИЗ

**Моддаи 49.** Халифа барои худ муовини иҷрокунандаро таъин мекунад. Вазифаи ӯ аз корҳои идорӣ буда, ба ҳукмронӣ (ҳокимият) алоқадор нест. Идораи ӯ қарорҳои халифаро, ки ба ҷиҳатҳои дохилӣ ва хориҷӣ тааллуқдор аст, иҷро мекунад ва маълумотҳои аз ин ҷиҳатҳо дастрасшударо ба халифа мерасонад. Аз ин мебарояд, ки ин идора дар байни халифа ва дигарон миёнарав аст. Ин идора корҳои зеринро ба халифа ва дигарон мерасонад:

а) алоқаҳо бо мардум;

б) алоқаҳо бо давлатҳо;

в) артиш;

г) ҷиҳозҳои дигари давлат ҷуз артиш.

**Моддаи 50.** Мусулмон будани муовини танфиз шарт. Чунки ӯ аз аъёни Халифа аст.

**Моддаи 51.** Муовини танфиз монанди муовини тафвиз бевосита ба халифа вобаста мешавад. Ӯ на дар корҳои ҳукмронӣ, балки дар иҷро муовин эътибор карда мешавад.

## ВОЛИЁН

**Моддаи 52.** Кишварҳое, ки Давлати Исломӣ ҳукм меронад, ба ваҳдатҳо тақсим мешаванд ва ҳар як ваҳдат вилоят номида мешавад. Дар навбати худ ҳар як вилоят ба ваҳдатҳо тақсим мешавад ва онҳо имола номида мешавад. Шахсе, ки ба вилоят роҳбарӣ мекунад, волӣ ё амир номида мешавад ва шахсе, ки ба имола роҳбарӣ мекунад, омил ё ҳоким номида мешавад.

**Моддаи 53.** Волиён аз тарафи халифа таъин мешаванд. Омилон аз тарафи халифа ва аз тарафи волиён, ки халифа ҳуқуқи таъин карданро додааст, таъин мешаванд. Шартҳое, ки ба муовинон гузошта шудаанд, ба волиён ва омилон низ шарт карда мешавад. Бинобар ин, онҳо бояд мард, озод, мусулмон, болиғ, оқил, одил ва тавоно (барои корҳои супордашуда

лаёқатманд) бошанд. Ҳамчунин онҳо аз шахсони тақводор ва бақувват интихоб карда мешаванд.

**Моддаи 54.** Волӣ ҳамчун ноиби халифа дар вилояти худ ба ҳукм рондан ва назорат кардани корҳои идораҳо салоҳият дорад. Ӯ аз болои аҳолии вилояти худ ҳукм меронад. Ӯ ғайр аз молия, қазо ва артиш дигар ҳамаи корҳои алоқадори вилояти худро баррасӣ мекунад. Вале шурта на аз ҷиҳати идорӣ, балки танҳо аз ҷиҳати иҷрокунӣ дар зери дасти ӯ мешавад.

**Моддаи 55.** Барои волӣ аз корҳое, ки дар асоси салоҳиятҳои амирии худ тақозокунанда анҷом додааст, хабардор кардани халифа воҷиб нест. Лекин ихтиёран хабар додани ӯ мумкин аст. Агар ҳодисаи пеш вонахӯрда рӯй диҳад, онро то хабардор кардани халифа ба таъхир меандозад. Пасон бо фармони ӯ кор мекунад. Агар бо сабаби интизорӣ аз вайрон шудани кор хавф барад, он корро ба ҷо меорад. Пасон ба халифа баён кардани воқеъ шудани ин кор ва сабаби хабардор накардани ӯ воҷиб аст.

**Моддаи 56.** Дар ҳар як вилоят маҷлиси аз аҳолии ҳамин вилоят интихобшуда мавҷуд буда, ба он волӣ раисӣ мекунад. Ин маҷлис салоҳият дорад, ки на дар ҳукмронӣ, балки дар корҳои идорӣ раъйи худро диҳад. Маҷлис барои ду мақсад хизмат мекунад:

Якум: Маълумоти лозимро дар бораи воқеи вилоят ва эҳтиёҷҳои он ба волӣ мерасонад ва дар ин бора раъйи худро изҳор мекунад;

Дуюм: Розигӣ ё шикояти мардумро аз ҳукмронии волӣ ифода мекунад.

**Моддаи 57.** Набояд муддати волигии як шахс дар вилоят тӯл кашад. Балки ҳар гоҳ ки ба кишваре ҷойгир шуда гирифтани волӣ ё ба ӯ меҳр бастани мардум дида мешавад, волӣ аз волигӣ озод карда мешавад.

**Моддаи 58.** Волӣ аз як вилоят ба вилояти дигар кӯчонда намешавад. Чунки таъин шудани ӯ дар назари умумӣ ва дар макони муайян аст. Балки волӣ аз вазифа озод карда мешавад ва (ба вилояти дигар) аз нав таъин мегардад.

**Моддаи 59.** Агар халифа сабукдӯш кардани волиро зарур донад, ё Маҷлиси уммат бо сабабе ё бе ягон сабаб аз ӯ норозӣ

будани худро изҳор кунад, ё аксарияти аҳолии вилоят аз ӯ норозигии худро изҳор намоянд, волӣ аз кор гирифта мешавад. Сабукдӯш кардани ӯ танҳо аз ҷониби халифа содир мешавад.

**Моддаи 60.** Халифа бояд корҳои волиёнро тафтиш кунад, онҳоро ба назорати сахт гирад, аз ҷониби худ ноибҳо таъин кунад, ки аҳволи онҳоро аниқ мекунанд ва фаъолияти онҳоро тафтиш мекунанд, волиёнро ё як қисми онҳоро гоҳ-гоҳ ҷамъ кунад ва ба шикоятҳои раият, ки аз болои онҳо мекунад, гӯш диҳад.

## АМИРИ ҶИҲОД: ИДОРАИ ҲАРБӢ – АРТИШ

**Моддаи 61.** Идораи ҳарбӣ корҳоеро, ки ба қувваҳои мусаллаҳ тааллуқ дорад, монанди артиш, шурта, яроқу аслиҳа, воситаҳои зарур, техника ва ғайра, сарварӣ менамояд. Илова бар ин, корҳоеро, ки ба сақофати исломӣ ва умумӣ тааллуқ дорад ва барои таълими ҳарбӣ, сафарҳои ҳарбӣ ва артиш лозим аст, инчунин корҳоеро, ки ба омодагии ҷанг дахл дорад, сарварӣ менамояд. Раиси ин идора "амири ҷиҳод" номида мешавад.

**Моддаи 62.** Ҷиҳод ба мусулмонон фарз аст. Таълими ҳарбӣ маҷбурӣ буда, барои ба ҷиҳод омодагӣ дидан таълими ҳарбӣ гирифтани ҳар як марди мусулмон, ки ба синни 15 расидааст, фарз аст. Аммо хизмати ҳарбӣ фарзи кифоя аст.

**Моддаи 63.** Артиш аз ду қисм иборат аст: 1) Қисми эҳтиётӣ (захира). Ин қисм аз тамоми мусулмононе, ки ба бардоштани силоҳ қодир мебошанд, иборат аст. 2) Қисми доимӣ, ки дар хизмати ҳарбӣ аст. Барои онҳо монанди коркунон аз буҷети давлат маош таъин карда мешавад.

**Моддаи 64.** Барои артиш ливоъҳо (парчамҳои амирон) ва рояҳо (парчамҳои қӯшун) таъин карда мешаванд. Халифа ба шахсе, ки қӯмондони қӯшун (артиш) таъин кардааст, шахсан ливоъ (парчами амир)-ро месупорад. Аммо рояҳо (парчамҳои қӯшун)-ро амирони парчамдор тақдим мекунанд.

**Моддаи 65.** Халифа сарфармондеҳи артиш аст. Ӯ сардори штабро, барои ҳар як парчам (ливоъ) амирро ва барои ҳар як гурӯҳ сардорро таъин мекунад. Аммо рутбаҳои дигари артишро

сардорони артиш ва амирони парчамдор таъин мекунанд. Таъини шахсе ба штабҳо мувофиқи сатҳи дониши ҳарбии ӯ мешавад ва ӯро сардори штаб таъин мекунад.

**Моддаи 66.** Тамоми артиш яклухт буда, ба қароргоҳҳои махсус ҷойгир карда мешавад. Баъзеи ин ғароргоҳҳо ба вилоятҳои гуногун ва баъзе ба нуқтаҳои стратегӣ ҷойгир карда мешаванд. Баъзе аз қароргоҳҳо аз гурӯҳҳои доимӣ кӯчанда иборат мебошанд ва қувваҳои зарбадиҳанда ба ҳисоб мераванд. Ин қароргоҳҳо дар таркиби якчанд маҷмӯаҳо тартиб дода мешаванд. Ҳар як маҷмӯа бо номи қӯшун номида шуда, рақам гузошта мешавад, масалан, қӯшуни якум, қӯшуни сеюм ё бо номи вилоят ё имола (ҳудуде, ки омил идора мекунад) номида мешавад.

**Моддаи 67.** Бояд ба артиш таълими ҳарбии олӣ пурра дода шавад, савияи фикрии он ба қадри имкон баланд бардошта шавад ва ҳар як шахс дар артиш бо сақофати исломӣ ғанӣ гардонда шавад, ки дар ӯ ваъйи исломиро пайдо мекунад, гарчи ба шакли умумӣ бошад ҳам.

**Моддаи 68.** Бояд дар ҳар як қароргоҳ адади кофии штабҳо мавҷуд бошад, ки дорои дониши ҳарбии олӣ, тактикаи ҳарбӣ ва таҷрибаи бурдани ҷанг мебошанд. Бояд ин штабҳо дар қӯшун ба тарзи умумӣ ба қадри имкон пурра ташкил дода шаванд.

**Моддаи 69.** Бояд артиш то андозае яроқу аслиҳа, тиру дору, техника, воситаҳои зарурӣ дошта бошад, ки он ҳамчун артиши исломӣ вазифаи худро адо карда тавонад.

## АМНИЯТИ ДОХИЛӢ

**Моддаи 70.** Идораи амнияти дохилӣ тамоми корҳоеро, ки ба амнияти дохилӣ тааллуқ дорад, сарварӣ, ҳар гуна чизеро, ки ба амнияти дохилӣ таҳдид пайдо мекунад, манъ ва бо ёрии шурта амнияти давлатро таъмин менамояд. Ин идора танҳо бо фармони халифа аз артиш кӯмак мепурсад. Раиси ин идора "мудири амнияти дохилӣ" номида мешавад. Шӯъбаҳои ин идора дар вилоятҳо идораҳои амнияти дохилӣ номида мешавад ва раиси ин шӯъбаҳо "соҳиби шурта" номида мешавад.

**Моддаи 71.** Шурта ду навъ аст: шуртаи артиш, ки ба амири ҷиҳод, яъне ба идораи ҳарбӣ тобеъ мебошад ва шуртаи наздимаҳкамаҳо, ки барои таъмини амният ва ба идораи амнияти дохилӣ тобеъ аст. Ҳар ду шурта бо машқҳои махсус, ки ба адои зебои вазифаҳо имкон медиҳад, обутоб меёбад.

**Моддаи 72.** Назаррастарин чизҳое, ки ба амнияти дохилӣ таҳдид пайдо мекунад ва идораи амнияти дохилӣ бар зидди он мубориза мебарад, чунин аст: муртадӣ, боғигӣ, тороҷ, таҷовуз ба мол, ҷон ва номуси мардум, муомила бо ашхосе, ки дар ҷосусӣ ба фоидаи кофирони ҳукману амалан муҳориб гумонбар мешаванд ва ғайра.

## КОРҲОИ ХОРИҶӢ

**Моддаи 73.** Идораи корҳои хориҷӣ ҳар гуна корҳои хориҷиро, ки ба алоқаҳои Давлати Хилофат бо давлатҳои аҷнабӣ тааллуқ дорад, сарварӣ менамояд, чи сиёсӣ, чи иқтисодӣ, чи саноатӣ, чи кишоварзӣ, чи тиҷоратӣ, чи алоқаҳои почта, чи алоқаҳои симдору бесим ва ғайра.

## ИДОРАИ САНОАТ

**Моддаи 74.** Идораи саноат тамоми корҳоеро, ки ба саноат тааллуқ дорад, сарварӣ менамояд: чи саноат вазнин, монанди моторсозӣ, дастҳгоҳсозӣ, мошинсозӣ, саноати ашёи хом ва электроника, чи саноати сабук. Илова бар ин, воҷиб аст, ки тамоми корхонаҳое, ки ба саноати ҳарбӣ алоқадор аст, новобаста ба моликияти хусусӣ ва моликияти умумӣ бар асоси сиёсати ҳарбӣ бунёд гардад.

## ҚАЗО

**Моддаи 75.** Қазо ба тарзи маҷбурӣ баён кардани ҳукми шаръист. Қазо хусуматҳои байни мардумро ҳал мекунад, чизҳои ба ҳаққи ҷамоат зараррасонро манъ мекунад ва низоъҳои байни одамон ва ҳар як шахси ҷиҳози ҳукуматро хоҳ ҳоким бошаду хоҳ коркун, хоҳ халифа бошаду хоҳ дигар бартараф мекунад.

**Моддаи 76.** Халифа аз байни мардони болиғ, озод, мусулмон, солимақл (оқил), одил як марди аҳли фиққро сарқозӣ таъин мекунад. Ба ӯ салоҳияти дар доираи низомҳои идорӣ таъин

кардани қозиён, ҷазо додани онҳо ва сабукдӯш кардани онҳо дода мешавад. Коркунони дигари маҳкама ба мудирҳои шӯъба, ки корҳои маҳкамаро идора мекунанд, вобастаанд.

**Моддаи 77.** Қозиён се навъанд:

Якум: қозӣ, ӯ дар хусуси муомилот ва уқубот (чораҳои ҷазо) хусуматҳоеро, ки байни мардум рӯй медиҳанд, ҳал мекунад;

Дуюм: мӯҳтасиб, ӯ қонунвайронкуниҳоеро, ки ба ҳаққи ҷамоат зарар мерасонанд, ҳал мекунад;

Сеюм: қозии мазолим, ӯ низоъҳоеро, ки дар байни мардум ва давлат рӯй медиҳанд, бартараф мекунад.

**Моддаи 78.** Шахсе, ки ба қозигӣ таъин мешавад, бояд мусулмон, озод, болиғ, оқил, одил, фақеҳ бошад ва ҳукмҳоро ба воқеият пайваста тавонад. Шахсе, ки ба қозигии мазолим таъин кардаа мешавад, илова бар ин шартҳо бояд мард ва муҷтаҳид бошад.

**Моддаи 79.** Ҷоиз аст, ки қозӣ ва мӯҳтасиб ба тамоми ҷойҳои мамлакат ва ба тамоми навъҳои қазо умумӣ таъин шаванд. Инчунин ҷоиз аст ба ҷои маълум ва ба навъи муайяни қазо хос таъин шаванд. Аммо қозии мазолим дар корҳои қазо ҳамеша умумӣ таъин мешавад. Ҷои таъини ӯ мумкин аст тамоми ҷойҳои мамлакат бошад ё ҷои муайян бошад.

**Моддаи 80.** Маҳкама бояд фақат аз як қозие ташкил ёбад, ки дар корҳои қазо салоҳияти ҳал карданро дорад. Мумкин аст, ки бо ӯ як ё якчанд қозии дигар бошанд. Лекин онҳо салоҳияти ҳукм бароварданро надоранд. Балки онҳо салоҳияти маслиҳат ва раъй доданро доранд. Раъйи онҳо барои қозӣ маҷбурӣ нест.

**Моддаи 81.** Қозӣ фақат дар маҷлиси қазо ҳукм бароварда метавонад. Ҳуҷҷат (далел) ва қасамҳо танҳо дар маҷлиси қазо ба эътибор гирифта мешаванд.

**Моддаи 82.** Аз рӯи навъҳои корҳои баррасишаванда гуногун будани дараҷаҳои маҳкамаҳо ҷоиз аст. Мумкин аст, ки баъзе қозиҳо ба баррасии корҳои муайян дар ҳадди муайян хос таъин шаванд ва дигар корҳо ба маҳкамаҳои дигар супорида шавад.

**Моддаи 83.** Маҳкамаҳои истеъноф (аппелятсионӣ) ва маҳкамаҳои тамйиз (кассатсионӣ) вуҷуд надоранд. Зеро ҳукме, ки аз болои коре бароварда шудааст, аз ҷиҳати қатъият дар як дараҷа мебошад. Агар қозӣ ҳукмеро хонад, ҳукми ӯ нуфузнок

аст. Ин ҳукми ӯ иҷро карда мешавад. Ин ҳукмро ҳукми қозии дигар мутлақо бекор карда наметавонад. Фақат агар аниқ шавад, ки қозӣ бо чизи ғайри Ислом ҳукм кардааст, ё ба Китоб, суннат, иҷмои саҳобагон зид бошад, ё бар зидди ҳақиқат ҳукм баровардааст, бекор карда мешавад.

**Моддаи 84.** Мӯҳтасиб тамоми корҳоеро баррасӣ мекунад, ки аз ҳуқуқҳои омма буда, даъвогар надоранд ва ба чораҳои ҷазо ва ҷиноятҳо дохил нестанд.

**Моддаи 85.** Мӯҳтасиб дар ҳама ҷо ҳақ дорад баробари донистани қонунвайронкуниҳо аз болои онҳо бе маҷлиси қазо ҳукм барорад. Ба зери дасти ӯ барои иҷрои фармонҳои ӯ якчанд миршаб (ходими шурта) дода мешавад. Ҳукми ӯ дарҳол иҷро карда мешавад.

**Моддаи 86.** Мӯҳтасиб ҳақ дорад аз шахсҳое, ки дар онҳо шартҳои мӯҳтасибӣ пурра мавҷуд аст, ба худ ноибонро интихоб кунад. Ӯ онҳоро ба ҷойҳои гуногун тақсим мекунад. Ба ин ноибон ҳуқуқ дода мешавад, ки дар минтақа ё маҳаллаҳои таъиншудаи худ дар корҳои ба онҳо супоридашуда вазифаи мӯҳтасибиро иҷро кунанд.

**Моддаи 87.** Қозии мазолим барои бартараф кардани ҳар як зулм (бедодгарӣ) нисбат ба ягон шахсе, ки хоҳ шаҳрванди Давлати Исломӣ бошад, хоҳ шаҳрванди давлати дигар дар зери салтанати давлат зиндагӣ мекунад, таъин мешавад. Хоҳ зулм аз тарафи халифа содир шавад, хоҳ аз тарафи ҳоким ва коркунони дигар.

**Моддаи 88.** Қозии мазолим аз тарафи халифа ва ё аз тарафи қозиюлқузот (сарқозӣ) таъин мешавад. Аммо ҷазодиҳӣ, муҳосаба ва сабукдӯш кардани ӯ аз тарафи халифа ё агар халифа ҳуқуқ дода бошад, аз тарафи маҳкамаи мазолим ё сарқозӣ амалӣ мешавад. Вале, вақте ки қозии мазолим аз болои халифа, муовини тафвиз ё сарқозӣ шикоятеро баррасӣ мекунад, аз кор сабукдӯш кардани ӯ дуруст нест.

**Моддаи 89.** Қозии мазолим бо як ё якчанд шахс маҳдуд карда намешавад. Балки раиси давлат барои бартараф кардани зулм ҳақ дорад мувофиқи эҳтиёҷ қозиёни мазолимро, қатъи назар аз шумораи онҳо, таъин кунад. Лекин ҳангоми бевосита ҳукм баровардан танҳо як қозӣ салоҳияти ҳукмбарориро дорад. Мумкин аст дар маҷлиси қазо бо ӯ якчанд нафар қозии

мазолим иштирок кунанд. Онҳо фақат салоҳияти маслиҳат доданро дошта, раъйи онҳо барои қозӣ маҷбурӣ нест.

**Моддаи 90.** Маҳкамаи мазолим ҳақ дорад ҳар як ҳоким ё коркуни давлатро сабукдӯш кунад, чунон ки ҳақ дорад халифаро сабукдӯш кунад.

**Моддаи 91.** Маҳкамаи мазолим ба дида баромадани ҳар як зулм салоҳият дорад. Хоҳ зулм ба шахсони ҷиҳози давлат тааллуқ дошта бошад, хоҳ ба корҳои халифа, ки хилофи аҳкоми шариатанд, хоҳ ба маънои яке аз ҳуҷҷатҳои қонуншиносӣ дар дустур, қонун ва дигар аҳкоми шаръӣ, ки раиси давлат табаннӣ кардааст, хоҳ ба ҷамъ овардани андозе, хоҳ ба дигар корҳо тааллуқ дошта бошад.

**Моддаи 92.** Дар қозигии мазолим маҷлиси қазо, даъват кардани ҷавобгар ва ҳузури даъвогар шарт нест. Балки маҳкамаи мазолим ба баррасии зулм ҳақ дорад, гарчи ҳеҷ кас даъво накарда ҳам.

**Моддаи 93.** Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар хусумат ва дар ҳимоя каси дилхоҳро хоҳ мусулмон бошаду хоҳ ғайримусулмон, хоҳ мард бошаду хоҳ зан барои худ вакил интихоб кунад. Дар ин бора байни вакил ва муваккил фарқе вуҷуд надорад. Барои вакилии худ музд гирифтани вакил ҷоиз аст. Музд мувофиқи ризоияти тарафайн муайян карда мешавад.

**Моддаи 94.** Ҳар як шахсе, ки дар амалҳои хос (монанди васӣ ва валӣ) ва дар амалҳои умумӣ (монанди қозии мазолим ва мӯҳтасиб) дорои ҳуқуқ мебошад, танҳо дар бораи хусумат ва ҳимоя (ҳамчун васӣ ё валӣ, халифа, ҳоким, коркун, қозии мазолим ё мӯҳтасиб) метавонад дар тамоми ҳуқуқҳо ба ҷои худ вакил таъин кунад. Хоҳ даъвогар бошад, хоҳ ҷавобгар.

**Моддаи 95.** Суди Хилофат аҳдҳо, муомилаҳо ва муносибатҳоеро, ки пеш аз барпо шудани Хилофат ба охир расидааст ва дар ҳаёт татбиқ шудааст, бекор намекунад ва аз нав парванда боз намекунад. Вале ду ҳолат мустасност:

а) Агар масъала таъсири доимӣ дошта бошад, ки ба Ислом зид аст, аз нав боз кардани парванда воҷиб мегардад;

б) Агар масъала ба озори ҳокимони собиқ ва тобеони онҳо бар зидди Исому мусулмонон тааллуқдор бошад, аз нав

парванда боз кардани халифа дар хусуси ин масъалаҳо ҷоиз аст.

## ҶИҲОЗИ ИДОРӢ

**Моддаи 96.** Муассиса, идора ва шӯъбаҳое, ки ба асоси иҷрои корҳои давлат ва ба рӯёб баровардани манфиатҳои мардум бунёд шудаанд, бо идораи корҳои давлат ва манфиатҳои мардум машғул мешаванд.

**Моддаи 97.** Сиёсати идора кардани муассиса, идора ва шӯъбаҳо дар низом ба соддагӣ, дар анҷоми корҳо ба тезкорӣ ва ба лаёқатманд будани шахсони мутасаддӣ асос меёбад.

**Моддаи 98.** Ҳар як шахси лаёқатманд, ки шаҳрванди Давлати Исломӣ мебошад, хоҳ мард бошаду хоҳ зан, хоҳ мусулмон бошаду хоҳ ғайримусулмон ҷоиз аст ба ягон шӯъба ё идора мудир таъин шавад ва дар он коркун шуда кор кунад.

**Моддаи 99.** Барои ҳар як муассиса мудири умумӣ ва барои ҳар як шӯъба ва идора мудире таъин карда мешавад, ки онро идора мекунад ва аз муассиса, идора ё шӯъба бевосита масъул мешавад. Дар навбати худ ин мудирҳо дар пеши сармудири ҳамон шӯъба, идора ё муассиса масъул мешаванд. Инчунин дар пеши волӣ ё омил аз ҷиҳати ба аҳкоми шаръӣ ва низомҳои умумӣ қатъӣ амал кардан масъул мешаванд.

**Моддаи 100.** Мудирони ҳама муассисаҳо, шӯъбаҳо ва идораҳо фақат бо сабабҳое, ки дар низоми идорӣ қабул карда шудаанд, аз кор озод карда мешаванд. Лекин ҷоиз аст, ки онҳо аз як кор ба кори дигар гузаронида шаванд ва аз кор муваққатан озод карда шаванд. Таъин, аз як кор ба кори дигар гузарондан, муваққатан аз кор озод кардан, ҷазо додан ва аз кор озод кардани онҳо фақат аз тарафи сармудири ҳамон шӯъба, идора ё муассиса содир мешавад.

**Моддаи 101.** Коркунон мудир ба шумор намераванд. Инчунин таъин, аз як кор ба кори дигар гузарондан, муваққатан аз кор озод кардан, ҷазо додан ва аз кор озод кардани онҳо аз тарафи сармудири шӯъба, идора ё муассиса содир мешавад.

## БАЙТУЛМОЛ

**Моддаи 102.** Байтулмол идораест, ки ба даромадҳо ва сарфу харҷ аз ҷиҳати ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва сарфу харҷ мувофиқи

аҳкоми шаръӣ сарварӣ мекунад. Раиси идораи байтулмол "хазинадори байтулмол" номида мешавад. Ин идора идораҳои вилоятиро ба худ тобеъ мекунад ва раиси ҳар як идора "соҳиби байтулмол" номида мешавад.

## ИТТИЛООТ

**Моддаи 103.** Ҷиҳози иттилоот идораест, ки иҷро ва интишори сиёсати давлатро оид ба иттилоот сарварӣ мекунад, то ба манфиати Ислому мусулмонон хизмат кунад. Ин ҷиҳоз дар дохил бадбӯиро рад намуда, хушбӯиро паҳн мекунад, то ҷомеаи исломии пурзӯру тавоноро бунёд кунад ва дар хориҷ чи дар ҳолати сулҳ ва чи дар ҳолати ҷанг Исломро чунон мерасонад, ки бузургиву адолати Ислом нишон медиҳад, инчунин қудрати сарбозони Исломро баён мекунад. Илова бар ин, нодурустӣ ва зулми низомеро, ки аз тарафи инсон тартиб дода мешавад, инчунин заифии сарбозони ин низомро баён мекунад.

**Моддаи 104.** Васоити иттилоот, ки соҳибонаш дорои шаҳрвандии давлат ҳастанд, ба рухсат мӯҳтоҷ нест, балки танҳо ба "маълум кардан ва хабар додан", ки ба идораи иттилоот ирсол мешавад, мӯҳтоҷ аст. Дар хусуси воситаи иттилоот, ки ба кор шурӯъ мекунад, ба идораи иттилоот хабар дода мешавад. Соҳиб ва муҳаррирони воситаи иттилоот ба ҳар чӣ, ки онро паҳн мекунанд, масъул ҳастанд ва дар хусуси он чӣ, ки ба шариат хилоф аст, онҳо низ мисли ҳар гуна фарди раият ба муҳосаба кашида мешаванд.

## МАҶЛИСИ УММАТ

**Моддаи 101.** Шахсоне, ки раъйи мусулмононро ифода мекунанд ва халифа ба онҳо муроҷиат мекунад, Маҷлиси умматро ташкил медиҳанд. Шахсоне, ки раъйи сокинони вилоятҳоро ифода мекунанд, маҷлисҳои вилоятҳоро ташкил медиҳанд. Дар таркиби Маҷлиси уммат мавҷуд будани ғайримусулмонон низ мумкин аст, то ки онҳо аз зулми ҳокимон ё нодуруст татбиқ шудани аҳкоми Ислом шикоят карда тавонанд.

**Моддаи 106.** Аъзоёни маҷлиси вилоят аз тарафи сокинони вилояти муайян бевосита интихоб мешаванд. Шумораи аъзоёни маҷлисҳои вилоятҳо аз рӯи аҳолии ҳар як вилояти давлат муқаррар карда мешавад. Аъзоёни Маҷлиси уммат бевосита аз тарафи маҷлисҳои вилоятҳо интихоб мешаванд. Муддати ибтидо ва интиҳои Маҷлиси уммат бо муддати ибтидо ва интиҳои маҷлисҳои вилоятҳо як хел аст.

**Моддаи 107.** Ҳар як шахсе, ки шаҳрванди Давлати Исломӣ мебошад, хоҳ мард, хоҳ зан, хоҳ мусулмон, хоҳ ғайримусулмон, агар болиғ ва солимақл бошад, ҳақ дорад ба Маҷлиси уммат аъзо шавад. Лекин ҳуқуқи аъзогии ғайримусулмон бо шикоят аз зулми ҳокимон ё аз нодуруст татбиқ шудани аҳкоми Ислом маҳдуд мегардад.

**Моддаи 108.** Шӯро ва машварат умуман раъй гирифтан аст. Ин дар ташреъ, таъриф, корҳои фикрии монанди кашфиётҳои гуногун ва корҳои илму фан маҷбурӣ нест. Вақте ки халифа дар корҳои амалӣ ва ғайримашваратӣ машварат мепурсад, татбиқи он маҷбурӣ мегардад.

**Моддаи 109.** Шӯро танҳо ҳаққи мусулмонон аст, ғайримусулмонон аз ин маҳруманд. Аммо изҳор кардани раъйи худ барои тамоми шахсҳои раият хоҳ мусулмон бошад, хоҳ ғайримусулмон ҷоиз аст.

**Моддаи 110.** Вақте ки халифа дар хусуси масъалаҳое, ки аз тарафи шӯро баррасӣ шудани онҳо маҷбурист, машварат мепурсад, хоҳ дуруст бошад, хоҳ нодуруст раъйи аксарият гирифта мешавад. Дар дигар масъалаҳое, ки ба мавзӯи шӯро дохил мешаванд, хоҳ аксарият бошад, хоҳ ақаллият раъйи дуруст гирифта мешавад.

**Моддаи 111**. Маҷлиси уммат панҷ салоҳият дорад:

**Якум:**

а) Дар ҳамаи корҳое, ки ба маънои калимаи машварат дахл надоранд (масалан, монанди ҳокимият, таълим, нигоҳдории тандурустӣ, иқтисод, тиҷорат, саноат, зироат ва соҳаҳои дигар), агар халифа машварат пурсад ва ба ӯ машварат дода шавад, гирифтани раъйи Маҷлиси уммат маҷбурист.

б) Дар дигар корҳое, ки ба маънои калимаи машварат дахл дорад ва дар сиёсати хориҷӣ, молия, соҳаи ҳарбӣ ва техника мумкин аст халифа аз маҷлис дар ин соҳаҳо машварат пурсида

муроҷиат кунад, то аз раъйи он воқиф шавад. Аммо гирифтани раъйи маҷлис маҷбурӣ нест.

**Дуюм:**

Халифа аҳком ва қонунҳоеро, ки табаннӣ кардани онҳоро мехоҳад, ба Маҷлиси уммат ҳавола мекунад. Аъзоёни мусулмони маҷлис ҳақ доранд, ки онҳоро мавриди муҳокима қарор дода, фикри худро дар хусуси дурустӣ ва нодурустии онҳо изҳор кунанд. Агар онҳо дар тариқати табаннии усулҳои табаннӣ дар давлат бо халифа ихтилоф кунанд, ба Маҳкамаи мазолим муроҷиат карда мешавад ва раъйи оон маҷбурӣ аст.

**Сеюм:**

Маҷлиси уммат ҳақ дорад тамоми корҳоро: корҳои дохилию хориҷӣ, молиявию ҳарбӣ ва дигарро, ки дар давлат амалан содир мешаванд, муҳосаба кунад. Раъйи он дар корҳое, ки гирифтани раъйи аксарият лозим аст, маҷбурист, аммо дар корҳое, ки гирифтани раъйи аксарият лозим нест, маҷбурӣ нест.

Агар Маҷлиси уммат дар болои ягон масъалаи амалишуда аз ҷиҳати шаръӣ бо халифа созиш карда натавонад (яъне ихтилоф кунад), дар хусуси шаръӣ ё ношаръӣ будани ин кор ба раъйи Маҳкамаи мазолим муроҷиат карда мешавад ва раъйи маҳкамаи мазкур маҷбурӣ мегардад.

**Чорум:**

Маҷлиси уммат ҳақ дорад аз муовинон, волиҳо ва омилҳо норозигии худро изҳор кунад. Дар ин кор гирифтани раъйи он маҷбурист. Халифа бояд ононеро, ки аз болояшон норозигӣ изҳор карда шудааст, дарҳол аз кор гирад (сабукдӯш кунад). Агар раъйи Маҷлиси уммат бо раъйи маҷлиси вилояти муайян дар бораи норозигӣ ва шикоят аз волӣ ва омилон ба якдигар зид ояд, раъйи маҷлиси вилоят гирифта мешавад.     Панҷум:

Аъзоёни мусулмони Маҷлиси уммат ба маҳдуд кардани шумораи номзадҳое, ки аз рӯи қарори Маҳкамаи мазолим дорои шартҳои инъиқод барои хилофат дониста мешаванд, ҳақ доранд.  Дар ин бора гирифтани раъйи аксарияти онҳо маҷбурист. Танҳо номзадҳое, ки маҷлис онҳоро тавсия мекунад, метавонанд интихоб шаванд.

## НИЗОМИ ИҶТИМОӢ

**Моддаи 112.** Зан модар ва кадбону (бонуи хона) мебошад. Зан номусест, ки бояд муҳофизат карда шавад.

**Моддаи 113.** Мардон ва занон (дар ҷомеа) бояд дар ҳоли аз ҳам ҷудо кардашуда зиндагӣ кунанд. Онҳо фақат аз рӯи эҳтиёҷҳое монанди ҳаҷ ва савдо, ки шариат рухсат медиҳад ва сабаби ба як ҷо ҷамъшавӣ мегарданд, мумкин аст ҷамъ шаванд.

**Моддаи 114.** Ҳуқуқҳое, ки ба мард дода мешавад, ба зан низ дода мешавад. Он воҷиботе, ки ба мард фарз карда мешаванд, ба зан низ фарз мебошад. Вале Ислом бо воситаи далелҳои шаръӣ баъзе ҳукмҳоро ба мард ва баъзе ҳукмҳоро ба зан хос кардааст. Зан низ ҳақ дорад, ки бо тиҷорат, кишоварзӣ, ҳунармандӣ машғул шавад, созишнома ва муомилаҳоро бандад, ба тамоми навъҳои моликият соҳибӣ кунад, молро шахсан ё бо воситаи дигар кас зиёд кунад ва тамоми корҳои ҳаётро бевосита ба сомон расонад.

**Моддаи 115.** Барои зан ҷоиз аст, ки ба вазифаҳои давлатӣ ба кор таъин шавад, аъзоёни Маҷлиси умматро интихоб кунад ё дар он аъзо бошад, дар интихоб ва байъати халифа иштирок кунад.

**Моддаи 116.** Ба корҳои ҳукмронӣ мутасаддӣ будани (роҳбарӣ кардани) зан ҷоиз нест. Бинобар ин ӯ халифа ё муовин ё волӣ ё омил шуда наметавонад ва иҷро кардани ягон коре, ки аз корҳои ҳукмронӣ эътибор карда мешавад, ҷоиз нест.

**Моддаи 117.** Зан дар ҳаёти умумӣ ва дар ҳаёти хусусӣ (шахсӣ) зиндагӣ ба сар мебарад. Пас, дар ҳаёти умумӣ бо шарти ба ҷуз рӯй ва кафҳо дигар узвҳои худро зоҳир накардан ва ба ғайри зинатнамоӣ ва беҳаёӣ метавонад дар байни занон, мардони маҳрам ва мардони бегона зиндагӣ кунад. Аммо дар ҳаёти хусусӣ (шахсӣ) фақат бо занон ва ё бо маҳрамҳои худ зиндагӣ карданаш ҷоиз аст ва бо мардони бегона зиндагӣ карданаш ҷоиз нест. Ӯ дар ҳар ду ҳаёт ба ҳамаи аҳкоми шариат қатъӣ амал мекунад.

**Моддаи 118.** Бо номаҳрам дар хилват мондани зан, дар назди мардони бегона оро додани худ ва кушодани аврати худ манъ карда мешавад.

**Моддаи 119.** Ҳар як мард ва зан аз даст задан ба амале, ки барои ахлоқ хатарнок аст ё дар ҷомеа фасодро паҳн мекунад, манъ карда мешавад.

**Моддаи 120.** Ҳаёти занушӯӣ ҳаёти хотирҷамъӣ (оромбахш) аст. Зиндагонии онҳо зиндагонии дӯстона (самимона) мебошад. Шавҳар аз болои зан на ҳамчун ҳукмрон, балки ҳамчун ғамхор сардорӣ мекунад. Ба зан фарз аст, ки ба шавҳар итоат карда ва ба мард фарз аст, ки нафақаи занро, ба чунин зан чӣ қадар нафақа додан лозим бошад, ҳамон қадар диҳад.

**Моддаи 121.** Дар анҷоми корҳои хона марду зан ба ҳамдигар пурра ёрмандӣ мекунанд. Иҷрои тамоми корҳои берун аз хона дар зиммаи шавҳар аст. Бино ба тавоноии худ иҷро кардани тамоми корҳои даруни хона дар зиммаи зан аст. Барои иҷрои корҳое, ки ба он зан қодир нест, ҳозир кардани хизматкорон вазифаи мард аст.

**Моддаи 122.** Кафолати кӯдакон вазифа ва ҳаққи зан аст, модом ки кӯдак бар ин кафолат мӯҳтоҷ аст, дар ин бора дар байни зани мусулмон ё зани ғайримусулмон фарқ вуҷуд надорад. Агар кӯдак аз кафолат беҳоҷат шавад, нигоҳ карда мешавад, агар доя ва валӣ мусулмонон бошанд, дар ин сурат ба кӯдак ихтиёр дода мешавад, ки бо кадоме аз онҳо зиндагӣ мекунад. Кӯдак касеро интихоб кунад, хоҳ мард бошаду хоҳ зан, ба ҳамон кас супурда мешавад. Дар ин маврид писар ё духтар будани кӯдак аҳамияте надорад. Аммо, агар яке аз онҳо ғайримусулмон бошад, ба кӯдак ихтиёри интихоб дода намешавад, балки ӯ ба мусулмон супурда мешавад.

## НИЗОМИ ИҚТИСОДӢ

**Моддаи 123.** Вақте ки ба қонеъгардонии эҳтиёҷҳо эътибор дода мешавад, боз ба он эътибор нигаронида мешавад, ки ҷомеа бояд чӣ гуна бошад. Сиёсати иқтисод аз ин эътиборнигаронӣ иборат аст. Барои қонеъгардонии эҳтиёҷҳо ҳолате, ки ҷомеа бояд дар он бошад, асос карда мешавад.

**Моддаи 124.** Муаммои иқтисодӣ тақсим кардани боигарӣ (мол) ва манфиатҳо ба ҳар як шахси раият ва барои аз онҳо истифода бурдан имконияти ба даст даровардан ва дар ин роҳ кӯшиш карданро фароҳам овардан мебошад.

**Моддаи 125.** Бояд барои ҳар як шахс пурра қонеъ кардани эҳтиёҷҳои асосӣ кафолатнок гардад. Ҳамчунин бояд барои ҳар як фард имконияти ба дараҷаи аъло қонеъ кардани эҳтиёҷҳои камолӣ ба қадри имкон таъмин карда шавад.

**Моддаи 126.** Мол танҳо аз они Аллоҳ аст. Аллоҳ инсонро дар тасарруфи мулк халифа (ҷонишин)-и худ эълон кард. Бо ин ваколати умумӣ инсон ҳуқуқи соҳиби мулк шуданро пайдо кард. Аллоҳ ба инсон изн дод, ки мулкро ба даст дорорад. Бо ин изни махсус инсон дар амал ба соҳиби мулк табдил ёфт.

**Моддаи 127.** Се навъи моликият мавҷуд аст: моликияти хусусӣ, моликияти умумӣ ва моликияти давлат.

**Моддаи 128.** Моликияти хусусӣ ҳукми шаръист, ки бо айн (чизи мавҷуда) ё бо манфиат муайян карда шудааст. Ин ҳукм тақозо мекунад, то ба соҳиби моликияти хусусӣ имконияти аз он чиз истифода бурдан ва ба ҷои он иваз гирифтан фароҳам оварда шавад.

**Моддаи 129.** Моликияти умумӣ изнест, ки барои истифодаи муштараки айн (чиз) аз ҷониби Шореъ ба ҷамоат дода шудааст.

**Моддаи 130.** Ҳар як моле, монанди андоз, хироҷ ва ҷизя, ки сарфи он ба раъй ва иҷтиҳоди халифа вогузошта шудааст, моликияти давлат ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 131.** Моликияти хусусӣ дар молҳои манқула ва ғайриманқула ба панҷ сабаби шаръӣ маҳдуд аст: а) Меҳнат;

б) Мерос;

в) Эҳтиёҷ ба моле, ки барои зиндагӣ ногузир аст;

г) Аз молҳои худ ба раият додани давлат;

д) Молҳое, ки шахсҳо бе сарф кардани мол ё меҳнат мегиранд.

**Моддаи 132.** Тасарруфи мол хоҳ бо сарф кардани он бошад, хоҳ бо зиёд кардани он бо изни Шореъ маҳдуд аст. Исрофкорӣ, маишатпарастӣ ва хасисӣ манъ карда мешаванд. Ташкили ширкатҳои капиталистӣ, ҷамъиятҳои кооперативӣ ва дигар муомилаҳои мухолифи шариат манъ карда мешаванд. Рибо, аз ҳад зиёд баланд нарх гузоштан, иҳтикор, қимор ва корҳои монанди ин манъ карда мешаванд.

**Моддаи 133.** Замини нимҷазираи Арабистон ва заминҳое, ки аҳолии онҳо бо ихтиёри худ ба Ислом даромадаанд, замини ушрӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ҷуз нимҷазираи Арабистон заминҳое, ки бо ҷанг ё сулҳ фатҳ шудаанд, замини хироҷӣ мебошанд. Ба заминҳои ушрӣ ва манфиати онҳо шахсҳо соҳибӣ мекунанд. Аммо заминҳои хироҷӣ мулки давлат ба шумор рафта, шахсҳо фақат ба манфиати онҳо соҳибӣ мекунанд. Ҳар як шахс ҳақ дорад, ки заминҳои ушрӣ ва манфиати заминҳои хироҷиро бо созишномаҳои шаръӣ мубодила кунад. Монанди молҳои дигар заминҳо низ мерос бурда мешаванд.

**Моддаи 134.** Замини мурда (нообод) ба воситаи ободкунӣ ва печонида гирифтан мулк карда мешавад. Аммо заминҳои дигар фақат бо сабаби шаръӣ: мерос, харида гирифтан ва иқтоъ (ҷудо карда додани давлат) ба мулк табдил меёбанд.

**Моддаи 135.** Барои киштукор ба иҷора додани замин хоҳ ушрӣ бошаду хоҳ хироҷӣ тамоман манъ карда мешавад. Ҳамчунин музораба (шарикӣ, яъне заминро ба каси дигар дода, ба кишт (ҳосил) шарик шудан) манъ карда мешавад. Аммо мусоқот ҷоиз аст.

**Моддаи 136.** Ҳар як шахси заминдор барои обод кардани замин маҷбур карда мешавад. Барои мӯҳтоҷ воситаҳое, ки ба ободкунии замин имкон медиҳанд, аз байтулмол дода мешавад. Аз ҳар як одаме, ки заминро се сол обод накарда вомегузорад, замин кашида гирифта мешавад ва ба каси дигар дода мешавад.

**Моддаи 137.** Моликияти умумӣ дар се чиз намоён мешавад:

а) Тамоми чизҳое, ки аз заруратҳои ҷамоа ба ҳисоб мераванд, монанди кӯча ва хиёбонҳои шаҳр.

б) Конҳои тамомнашаванда, монанди конҳои нафт.

в) Чизҳое, ки табиати онҳо соҳибӣ кардани шахсро манъ мекунад, монанди дарёҳо.

**Моддаи 138.** Корхона бино ба моҳияти худ мулки хусусӣ ба ҳисоб меравад. Лекин корхона ҳукми маҳсулоти истеҳсолкунандаи худро мегирад. Пас, агар маҳсулот мулки хусусӣ бошад, корхона низ мулки хусусӣ мебошад, монанди корхонаҳои бофандагӣ. Агар маҳсулот аз мулки умумӣ бошад,

корхона низ мулки умумӣ мешавад, монанди корхонаҳои коркарди оҳан.

**Моддаи 139.** Моликияти хусусиро ба моликияти умумӣ табдил додани давлат ҷоиз нест. Чунки моликияти умумӣ на аз рӯи раъйи давлат, балки дар моҳият ва сифати мулк ифодаи худро меёбад.

**Моддаи 140.** Ҳар як вакили уммат ҳақ дорад аз тамоми боигариҳое, ки ба доираи моликияти умумӣ дохил мешаванд, истифода барад. Мутлақо ҷоиз нест, ки давлат ба шахсе барои соҳибии моликияти умумӣ ё истифодаи он рухсат дода, раиятро аз он маҳрум созад.

**Моддаи 141.** Ҷоиз аст, ки давлат аз паи манфиатҳои раият шуда аз заминҳои нообод ва аз чизҳое, ки моликияти умумӣ ба ҳисоб мераванд, ба ҳимояи худ гирад.

**Моддаи 142.** Канз кардани боигарӣ (мол), гарчи закоти он дода шавад ҳам, манъ карда мешавад.

**Моддаи 143.** Закот аз мусулмонон ҷамъ карда мешавад. Закот аз молҳои муайянкардаи шариат: пул, воситаҳои тиҷорат, чорпоҳо ва ғаллаву меваҳо гирифта мешавад. Аз чизҳое, ки дар шариат нишон дода нашудаанд, гирифта намешавад. Закот аз ҳар як соҳиби мулк ситонда мешавад, хоҳ ӯ мукаллаф (оқил ва болиғ) бошад, хоҳ ғайримукаллаф (сабӣ ва маҷнун). Закот ба як шӯъбаи хоси байтулмол гузошта мешавад. Закот фақат ба як ё якчанди ҳашт тоифае, ки дар Қуръони карим зикр шудаанд, тақсим карда мешавад.

**Моддаи 144.** Ҷизя фақат аз зиммиҳо ҷамъ оварда мешавад. Он аз мардони болиғ, агар ба пардохтан қодир бошанд, гирифта мешавад. Аз занон ва кӯдакон гирифта намешавад.

**Моддаи 145.** Хироҷ аз заминҳои хироҷӣ аз рӯи имконияти он ҷамъ оварда мешавад. Аммо аз заминҳои ушрӣ аз ҳосили дар амал рӯида закот (ушр) гирифта мешавад.

**Моддаи 146.** Аз мусулмонон андозҳое, ки шариат барои пӯшондани хароҷоти байтулмол иҷозат додааст, ҷамъ карда мешавад. Ба шарте ки андозҳо фақат аз молҳои аз эҳтиёҷҳои одатии соҳиби мулк зиёдатӣ гирифта шавад. Дар ҷамъкунии андоз барои пӯшондани эҳтиёҷоти давлат кифоят кардани он риоя карда мешавад.

**Моддаи 147.** Агар барои иҷрои коре, ки шариат ба уммат воҷиб кардааст, дар байтулмол маблағ мавҷуд набошад, масъулият ба зиммаи уммат мегузарад. Дар ин ҳол давлат ҳақ дорад, ки ба воситаи ҷамъ кардани андоз аз уммат ин маблағро ҷамъ кунад. Барои амалҳое, ки шариат ба уммат воҷиб накардааст, ягон андоз ҷамъ кардани Давлат ҷоиз нест. Барои таъминоти маҳкамаҳо ё идораҳои давлат ё адо кардани ягон манфиате андозҳо ситондани давлат ҷоиз нест.

**Моддаи 148.** Буҷети давлат шӯъбаҳои доимӣ дорад, ки онҳоро аҳкоми шаръӣ тасдиқ кардаанд. Аммо шӯъбаҳои муайяни буҷет, маблағҳое, ки ба ҳар як шӯъба ҷудо карда шудаанд ва дар ҳар як шӯъба ба кадом корҳо ихтисоснок кардани ин маблағҳо ба раъй ва иҷтиҳоди халифа ҳавола карда мешавад.

**Моддаи 149.** Даромадҳои доимии байтулмол инҳоянд: ҳамаи файъ (ғаниматҳое, ки аз душман бе ҷанг гирифта шудааст), ҷизя, хироҷ, панҷяки рикоз (рикоз молест, ки ба замин гӯронида шудааст) ва закот. Ин маблағҳо ҳамеша гирифта мешаванд, гарчи ба онҳо эҳтиёҷ набошад ҳам.

**Моддаи 150.** Агар даромадҳои доимии байтулмол барои пӯшондани хароҷоти давлат кифоят накунад, давлат ҳақ дорад аз мусулмонон андоз гирад. Шарт аст, ки андозҳо фақат барои корҳои зерин гирифта шаванд:

а) Барои пӯшондани хароҷоти фақирон, мискинон мусофирон ва адои фарзи ҷиҳод, ки аз байтулмол сарф кардан воҷиб аст.

б) Барои пӯшондани хароҷоте, ки аз байтулмол ба тариқи пардохт дода шуданаш воҷиб аст, монанди музди коркунон, таъминоти қӯшун, нафақаҳое, ки ба ҳокимон ҷудо карда мешаванд.

в) Барои пӯшондани хароҷоте, ки аз байтулмол ба тариқи фароҳам овардани манфиати умумӣ ва қулайиҳо бе бадал дода шуданаш воҷиб аст, монанди сохтани роҳҳо, бо об таъмин кардан, сохтани масҷидҳо, мадрасаҳо ва шифохонаҳо.

г) Барои пӯшондани хароҷоте, ки аз байтулмол аз рӯи зарурат дода шуданаш воҷиб аст, яъне вақте ки раият ба офатҳои монанди гуруснагӣ, тӯфонҳо ва зилзилаҳо дучор мегардад.

**Моддаи 151.** Маблағҳое, ки аз гумрукхонаҳои назди сарҳадии кишвар гирифта мешаванд, маблағҳое, ки аз моликияти умумӣ ё аз моликияти давлат ҳосил мешаванд ва маблағҳое, ки бе меросхӯр мерос мемонанд, инчунин молу мулки муртадҳо аз даромадҳои байтулмол ба ҳисоб мераванд.

**Моддаи 152.** Хароҷоти байтулмол ба шаш ҷои зерин тақсим карда мешаванд:

а) Барои ҳашт тоифае, ки ба гирифтани молҳои закот ҳақдоранд, аз шӯъбаи закот сарф карда мешавад (агар дар шӯъбаи закот маблағ набошад, ба онҳо ҳеҷ чиз сарф карда намешавад).

б) Агар дар шӯъбаи закот маблағ набошад, ба фақирон, мискинон, мусофирон, ҷиҳод ва қарздорон аз даромадҳои доимии байтулмол сарф карда мешавад. Агар дар он ҷо низ чунин маблағ набошад, дар ин ҳол барои пӯшондани хароҷоти фақирон, мискинон, мусофирон ва ҷиҳод андозҳо ҷамъ карда мешаванд, аммо ба қарздорон аз онҳо сарф карда намешавад. Агар хавфи фасод ба миён ояд, барои пӯшондани ин хароҷот қарз гирифта мешавад.

в) Инчунин барои шахсоне, ки чун коркунон, ҳокимон ва аскарон барои давлат хизмат мекунанд, аз байтулмол сарф карда мешавад. Агар маблағҳои байтулмол кифоят накунанд, барои пӯшондани ин хароҷот дарҳол андозҳо ҷамъ карда мешаванд. Агар хавфи фасод пайдо шавад, барои пӯшондани ин хароҷот қарз гирифта мешавад.

г) Барои манфиатҳои умумӣ ва қулайиҳои асосӣ, монанди сохтани роҳҳо, масҷидҳо, мадрасаҳо ва шифохонаҳо низ аз байтулмол харҷ карда мешавад. Агар дар байтулмол маблағ кифоят накунад, дарҳол барои пӯшондани ин хароҷот андозҳо ҷамъ карда мешаванд.

д) Барои манфиатҳои умумӣ ва қулайиҳои камолӣ аз байтулмол сарф карда мешавад. Агар дар байтулмол маблағ кофӣ набошад, ба ин соҳаҳо ҳеҷ чиз сарф карда намешавад, балки ба таъхир андохта мешавад.

е) Барои офатҳои монанди зилзилаҳо ва тӯфонҳо низ аз байтулмол сарф карда мешавад. Агар маблағ набошад, барои

пӯшондани ин хароҷот дарҳол қарз гирифта мешавад. Минбаъд ин қарз аз ҳисоби андозҳои ҷамъшаванда пардохта мешавад.

**Моддаи 153.** Давлат бо кор таъмин кардани ҳар як шаҳрвандро ба зиммаи худ мегирад.

**Моддаи 154.** Коркунони зердасти шахсҳо ва ширкатҳо дорои тамоми ҳуқуқ ва вазифаҳое мебошанд, ки коркунони давлат доранд. Қатъи назар аз навъи кор ё коргар ҳар як шахсе, ки бар ивази музд меҳнат мекунад, коркун аст. Агар коргар ва шахси кирокунанда дар муайян кардани музд ихтилоф кунанд, байни онҳо аз рӯи аҷрулмисл ҳукм бароварда мешавад. Аммо дар корҳои дигар ихтилоф кунанд, аз рӯи акди иҷора мувофиқи аҳкоми шаръӣ ҳукм бароварда мешавад.

**Моддаи 155.** Ҷоиз аст, ки музд мувофиқи фоидае, ки аз кор ё коргар меояд, муайян шавад. Музд аз рӯи маълумот ё дараҷаи илмии коргар муайян карда намешавад. Барои коркунон мукофотҳои иловагӣ вуҷуд надорад, балки онҳо музди худро пурра мегиранд, хоҳ аз рӯи кор муайян шуда бошад, хоҳ аз рӯи коргар.

**Моддаи 156.** Шахсони бекорро, ки ягон маблағ ва наздики парасторикунанда надоранд, давлат таъмин мекунад. Инчунин давлат оҷизону маъюбонро ба парастории худ мегирад.

**Моддаи 157.** Давлат ҷиддӣ эътибор медиҳад, то боигарӣ (мол) дар байни раият баробар давр занад ва роҳ намедиҳад, ки он фақат ба дасти як гурӯҳ гузарад.

**Моддаи 158.** Давлат муаммои барои ҳар як шахси раият фароҳам овардани имкониятҳои қонеъгардонии эҳтиёҷҳои камолӣ ва нигоҳдории мувозанати ҷомеаро ба таври зерин ҳал мекунад:

а) Давлат аз молҳои манқула ва ғайриманқула, ғаниматҳо ва монанди инҳо медиҳад.

б) Ба касоне, ки заминҳои кофӣ надоранд, аз заминҳои обод ва ноoбод ҷудо карда медиҳад. Аммо ба касоне, ки замин доранду аз он истифода намебаранд, замин намедиҳад. Ба касоне, ки аз деҳқонӣ (зироат) кардан оҷизанд, маблағ ҷудо мекунад, то онҳо барои киштукор имкон пайдо кунанд.

в) Қарзҳои касонеро, ки аз пардохтани он оҷизанд, аз молҳои закот, ғанимат ва монанди инҳо мепардозад.

**Моддаи 159.** Давлат мувофиқи талаботи сиёсати кишоварзӣ, ки дар дараҷаи олитарини ҳосилнокӣ аз замин истифода бурданро ба амал меорад, корҳои кишоварзӣ ва маҳсулоти онро назорат мекунад.

**Моддаи 160.** Давлат тамоми соҳаҳои саноатро ба зери назорати худ мегирад. Ба соҳаҳои саноат, ки ба таркиби мулки умумӣ дохил мешаванд, бевосита роҳбарӣ мекунад.

**Моддаи 161.** Дар алоқаҳои тиҷорати хориҷӣ на аз рӯи ҷои истеҳсоли маҳсулот, балки аз рӯи шаҳрвандии савдогар муомила карда мешавад. Бинобар ин, ба савдогарони давлате, ки бо мо дар ҳолати ҷанг қарор дорад, дар кишвари мо ба фаъолият бурдан рухсат дода намешавад, фақат бо изни махсус барои савдогар ё мол рухсат дода мешавад. Ба савдогарони давлатҳое, ки бо мо созиш бастаанд, аз рӯи шартҳои созишнома муомила карда мешавад. Ба савдогароне, ки шаҳрванди Давлати Исломӣ мебошанд, барои ба хориҷ баровардани чизҳое, ки мамлакат мӯҳтоҷ аст ва душманро аз ҷиҳати ҳарбӣ, саноатӣ ва иқтисодӣ пуриқтидор мегардонанд, рухсат дода намешавад, аммо ба ин савдогарон даровардани ягон мол манъ карда намешавад. Давлате, ки монанди Исроил бо мо амалан дар ҳолати ҷанг қарор дорад, аз ин мустасност. Ин гуна давлатҳо дар алоқаҳои тиҷорӣ ё дигар амалан дар ҳукми дорулҳарб мешаванд.

**Моддаи 162.** Ҳамаи шахсҳои раият ҳақ доранд лабораторияҳои илмие, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёт тааллуқ доранд, кушоянд. Дар асл кушодани ин гуна лабораторияҳо вазифаи давлат мебошад.

**Моддаи 163.** Соҳибӣ кардани шахсҳо ба лабораторияҳое, ки Моддаиҳои ба уммат ё давлат зарароварро истеҳсол мекунанд, манъ карда мешавад.

**Моддаи 164.** Давлат барои ҳама хизмати тиббии бепулро таъмин мекунад, лекин киро кардани шифокорон ва савдои доруҳоро манъ намекунад.

**Моддаи 165.** Ба мамлакат даровардани маблағҳои аҷнабӣ ва сармоягузорӣ кардани онҳо, инчунин ба аҷнабӣ имтиёз додан манъ карда мешавад.

**Моддаи 166.** Давлат пули хоси худро мебарорад, ки он аз ҳар гуна таъсири хориҷӣ мустақил мешавад. Ин пул бояд ба пулҳои аҷнабӣ вобаста набошад.

**Моддаи 167.** Пулҳои давлат аз тилло ва нуқра иборат мебошанд, хоҳ зарбшуда бошанду хоҳ зарбнашуда. Ҷоиз нест, ки давлат ба ғайр аз тилло ва нуқра пули дигар дошта бошад. Ба ҷои тилло ва нуқра аз моддаи дигар пул баровардани давлат ҷоиз аст, ба шарте ки бояд дар хазинаи давлат дар баробари ҳамон пул тилло ва нуқра мавҷуд бошад. Яъне ҷоиз аст, ки давлат аз мис, биринҷӣ, коғаз ё моддаҳои дигар пул барорад, агар ин пул аз тилло ва нуқра пурра муқобили худро дошта бошад, аз номи худ онро зарб кунад.

**Моддаи 168.** Чунон ки мубодила кардани асъор (арз)-и худ ҷоиз аст, бо асъори худ асъорҳои дигар давлатҳоро мубодила кардани он низ ҷоиз аст. Агар ҷинси асъорҳо гуногун бошанд, мумкин аст дар мубодила қимати яке аз қимати дигаре зиёд бошад, мубодилаи онҳо бо шарти даст ба даст шудан ҷоиз аст, аммо насия будани онҳо дуруст нест. Агар ҷинси асъорҳо гуногун бошанд, бе ягон қайд ба тағйир додани нархи мубодила рухсат дода мешавад. Ҳар як шахси раият ҳақ дорад, ки аз дохил ва хориҷи давлат асъори дилхоҳро харида гирад ва ба ивази ин асъор бе ягон ҳоҷат ба рухсат асъоре ё чизҳои дигарро бихарад.

## СИЁСАТИ ТАЪЛИМ

**Моддаи 169.** Шарт аст, ки асоси барномаи таълим ақидаи исломӣ бошад. Маводи дарсӣ ва роҳҳои таҳсил ба тарзе тартиб дода мешавад, ки дар таълим аз ин асос заррае берун баромадан рӯй надиҳад.

**Моддаи 170.** Сиёсати таълим аз пайдо кардани ақлия ва нафсияи исломӣ иборат аст. Тамоми моддаҳои дарсӣ дар асоси ҳамин сиёсат тартиб дода мешаванд.

**Моддаи 171.** Ғояи аз таълим чашмдоштшуда ба вуҷуд овардани шахсияи исломӣ ва бо илму маърифатҳои тааллуқдори тамоми соҳаҳои ҳаёт ғанӣ гардондани одамон мебошад. Бинобар ин, роҳҳои таълим чунон муайян карда мешавад, ки ин ғояро ба рӯёб мебароранд. Ҳар як роҳе, ки ба ин ғоя намебарад, манъ карда мешавад.

**Моддаи 172.** Бояд миқдори дарсҳои ҳафтагӣ, ки ба донишҳои исломӣ ва забони арабӣ ҷудо карда мешавад, аз ҷиҳати адад ва ҳам аз ҷиҳати соат бо миқдори илмҳои дигар баробар бошад.

**Моддаи 173.** Бояд дар таълим фарқи байни донишҳои сақофӣ ва илмҳои таҷрибавию математека, ки ба ин навъ дохил мешавад, ба ҳисоб гирифта шавад. Донишҳои таҷрибавӣ ва донишҳое, ки ба навъи инҳо дохил мешаванд, аз рӯи эҳтиёҷ омӯхта мешаванд, ба ягон марҳилаи таълим маҳдуд карда намешаванд. Аммо донишҳои сақофӣ дар марҳилаҳои пеш аз марҳилаи олӣ аз рӯи сиёсати муайян, ки ба фикр ва аҳкоми Ислом зид нест, гирифта мешаванд. Онҳо дар марҳилаи олӣ ҳамчун илм гирифта мешаванд. Ба шарте ки аз сиёсат ва ғояи таълим берун набарояд.

**Моддаи 174.** Бояд дар ҳама марҳилаҳои таълим аз сақофати исломӣ таълим дода шавад. Дар марҳилаи олӣ барои донишҳои гуногуни исломӣ куллиёт (факулта)-ҳои махсус ташкил карда мешаванд, чунон ки барои донишҳои монанди тиббиёт, ҳандаса, табиатшиносӣ ва дигар куллиёт (факулта)-ҳои махсус барпо карда мешаванд.

**Моддаи 175.** Фанҳо ва саноатҳо монанди тиҷорат, баҳрнавардӣ ва кишоварзӣ аз як ҷиҳат ба навъи илм дохил шуда, бе ягон қайд ва шартҳо гирифта мешаванд. Аммо вақте ки аз нуқтаи назари хоса таъсир мегиранд, монанди мусаввирӣ (санъати тасвирӣ) ва ҳайкалтарошӣ ба навъи сақофат дохил шуда, агар ба нуқтаи назари Ислом зид бошанд, гирифта намешаванд.

**Моддаи 176.** Дастури таълим ягона мебошад. Ба ғайр аз дастуре, ки давлат муайян кардааст, ба ягон дастур иҷозат дода намешавад. Ба мадрасаҳои маҳаллӣ, ки ба дастури давлат маҳдуд шудаанд, ба дастури таълим асос ёфтаанд, сиёсату ғояи таълимро ба рӯёб мебароянд, рухсат дода мешавад. Ба шарте ки таълим барои мардону занон дар байни хонандагон ва ҳам дар байни муаллимон омехта набошад, инчунин барои намояндагони ягон тоифае ё дине ё мазҳабе ё нажоде ё ранги пӯст хос набошад.

**Моддаи 177.** Барои ҳар як шахс хоҳ мард бошад, хоҳ зан омӯхтани донишҳое, ки дар майдони ҳаёт заруранд, фарз аст. Бинобар ин, дар марҳилаи ибтидоӣ ва миёна таълим гирифтан

барои ҳама маҷбурист. Барои ҳама бепул таъмин кардани ин таълим дар зиммаи давлат аст. Инчунин таълими олӣ бояд ба қадри имкон ба ҳама бепул таъмин карда шавад.

**Моддаи 178.** Давлат ба ғайр аз мадрасаҳою донишгоҳҳо китобхонаҳо, лабораторияҳо ва воситаҳои дигари маърифатро муҳайё месозад, то ба онон, ки дар соҳаҳои илму маориф чун фиқҳ, усули фиқҳ, ҳадис, тафсир, фикр, тиб, ҳандаса, кимё, ихтироъ, кашфиёт ва ғайра ҷустуҷӯро давом додан мехоҳанд, имконият фароҳам орад. То ки дар байни уммат бисёр муҷтаҳидон, ихтироъкорон ва эҷодкорон ба вуҷуд оянд.

**Моддаи 179.** Дар ҳама марҳилаҳо барои таълим суиистеъмол кардани ҳуқуқи муаллифӣ манъ карда мешавад. Ҳеҷ кас хоҳ муаллиф бошаду хоҳ дигар ҳақ надорад китоберо, ки чоп ва нашр шудааст, чоп ва нашр кунад. Вале, агар ӯ фикрҳои ҳанӯз чоп ва нашр нашуда дошта бошад, ба ӯ ҷоиз аст, ки ин фикрҳоро ба дигарон дода, бар ивазаш ҳақ гирад, чунонки барои таълим ҳақ гирифтан ҷоиз аст.

## СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

**Моддаи 180.** Сиёсат аз сарварии корҳои дохилӣ ва хориҷии уммат иборат буда, аз тарафи давлат ва уммат амалӣ карда мешавад. Давлат бо ин кор бевосита машғул мегардад, уммат аз рӯи ин кор давлатро муҳосаба мекунад.

**Моддаи 181.** Мутлақо ҷоиз нест, ки ягон шахс ё ҳизб ё гурӯҳбандӣ ё ҷамоае бо ягон давлати аҷнабӣ алоқа дошта бошад. Ҳар гуна алоқае, ки бо дигар давлатҳо баста мешавад, танҳо ба давлат тааллуқ дорад. Чунки танҳо давлат ҳақ дорад, ки корҳои умматро амалан идора карда. Дар хусуси алоқаҳои хориҷӣ муҳосаба кардани давлат вазифаи уммат ва гурӯҳбандиҳои сиёсӣ мебошад.

**Моддаи 182.** Ғоя воситаро сафед намекунад. Чунки тариқат аз ҷинси фикрат аст. Барои муваффақ шудан ба воҷиб ё мубоҳ ҳаром восита карда намешавад. Воситаи сиёсӣ бояд ба тариқати сиёсат зид набошад.

**Моддаи 183.** Манёвр (найранг)-ҳои сиёсӣ дар сиёсати хориҷӣ зарурист. Қувваи ин дар ошкор кардани амалҳо ва пинҳон доштани мақсадҳост.

**Моддаи 184.** Бо ҷуръат фош кардани ҷиноятҳои давлатҳо, баён кардани хатари сиёсатҳои сохта, фош кардани забоняккуниҳои хабисона, пароканда сохтани гурӯҳҳои гумроҳкунанда — инҳо аз муҳимтарин услубҳои сиёсӣ мебошанд.

**Моддаи 185.** Нишон додани бузургии фикрҳои исломӣ дар идораи корҳои шахс, уммат ва давлат аз пурқувваттарин роҳҳои сиёсӣ ба шумор меравад.

**Моддаи 186.** Масъалаи сиёсии уммат танҳо Ислом аст. Он дар пурзӯрии шахсияти давлат, дар татбиқи зебои аҳкоми Ислом ва дар кӯшиши пайваста барои паҳни даъвати исломӣ дар саросари олам намоён мешавад.

**Моддаи 187.** Паҳн кардани даъвати исломӣ меҳвар буда, сиёсати хориҷӣ дар гирди он давр мезанад. Алоқаҳо бо тамоми давлатҳо ба ҳамин асос барпо мегарданд.

**Моддаи 188.** Дар алоқаҳое, ки Давлати Исломӣ бо давлатҳои дигар ҷорӣ мекунад, эътибор ба чор чиз нигаронида мешавад:

Якум: Давлатҳое, ки дар олами исломӣ мавҷуданд, як мамлакат эътибор карда мешаванд. Онҳо ба доираи алоқаҳои хориҷӣ дохил намешаванд ва алоқаҳо бо онҳо сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб намеравад. Бояд барои муттаҳид сохтани ҳамаи онҳо дар ҳудуди давлати ягона кор бурд.

Дуюм: Бо давлатҳое, ки бо мо созишномаҳои иқтисодӣ, тиҷорӣ, созишномаҳои равобити неки ҳамсоягӣ ва созишномаҳои сақофӣ бастаанд, мувофиқи нишондоди созишномаҳо муомила карда мешавад. Шаҳрвандони онҳо, агар дар созишнома қайд шуда бошад, мумкин аст ба Давлати Исломӣ бе шиносномаи хориҷӣ, яъне бо гувоҳномаи шахсӣ дохил шаванд. Ба шарте ки ин давлатҳо бояд бо шаҳрвандони мо дар амал айнан чунин муомила кунанд. Алоқаҳои иқтисодӣ ва тиҷорӣ бо он давлатҳо ба чизҳои зарурии муайян ва ба сифатҳои муайян маҳдуд буда, набояд боиси пурзӯршавии қудрати онҳо гардад.

Сеюм: Давлатҳое, ки байни мову онҳо созишномаҳои байниҳамӣ мавҷуд нест, давлатҳои амалан мустамликадор, монанди Англия, Амрико, Франсия ва давлатҳое, ки чун Русия тамаи мустамлика кардани мамлакатро доранд, давлатҳои

ҳукман муҳориб (бо мо дар ҳолати ҷанг қарордошта) эътибор карда мешаванд. Нисбати онҳо тамоми чораҳои эҳтиётӣ андешида мешавад ва бо онҳо бастани ягон алоқаи дипломатӣ мумкин нест. Шаҳрвандони ин давлатҳо фақат бо шиносномаи хориҷӣ ё раводид (виза)-и махсус барои ҳар як шахс ва ҳар як сафар мумкин аст ба кишвари мо дохил шаванд.

Чорум: Бо давлатҳои монанди Исроил, ки бо мо амалан дар ҳолати ҷанг қарор доранд, дар тамоми тасарруфот ҳолати ҷанг асос карда мешавад. Хоҳ байни мову онҳо сулҳи муваққатӣ мавҷуд бошад, хоҳ мавҷуд набошад, дар амал чун ҳолати ҷанг муомила карда мешавад. Ба ҳамаи шаҳрвандони онҳо ба мамлакат дохил шудан манъ карда мешавад.

**Моддаи 189.** Бастани шартномаҳои ҳарбӣ, шартномаҳои сиёсӣ, ки аз ҷинси онҳо мебошанд, инчунин созишномаҳои иҷорадиҳии базаҳои ҳарбӣ ва фурудгоҳҳо қатъиян манъ карда мешавад. Бастани созишномаҳои равобити неки ҳамсоягӣ, созишномаҳои иқтисодӣ, тиҷорӣ, молиявӣ, сақофӣ ва созишномаҳои сулҳи муваққатӣ ҷоиз аст.

**Моддаи 190.** Дар созмонҳое, ки ба асоси Ислом бунёд нашудааст ё аҳкоми Исломро татбиқ намекунад, иштирок кардани Давлати Исломӣ ҷоиз нест. Ба ҷумлаи ин гуна созмонҳо созмонҳои байналхалқӣ, монанди СММ, Суди байналхалқӣ, Хазинаи байналхалқии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ, инчунин созмонҳои минтақавӣ, монанди Иттиҳоди давлатҳои араб дохил мешавад.

# АХЛОҚ ДАР ИСЛОМ

Ислом чунин таъриф дода шудааст: Ислом динест, ки Аллоҳ барои танзими алоқаи инсон бо Офарандаи худ, бо нафси худ ва бо дигар фарзандони инсон ба сайидамон Муҳаммад (с) нозил кардааст. Алоқаи инсон бо Офарандаи худ ақида ва ибодатҳоро дар бар мегирад, алоқаи инсон бо нафси худ масъалаҳои ахлоқ, хӯрок ва пӯшокро дар бар мегирад ва алоқаи инсон бо дигар фарзандони инсон муомалот ва уқубот (чораҳои ҷазо)-ро дар бар мегирад.

Ислом тамоми муаммоҳои инсонро ҳал мекунад. Он ба инсон ҳамчун вуҷуди яклухти ҷудонашаванда менигарад. Барои ҳамин муаммоҳои онро бо роҳи ягона ҳал мекунад. Ислом низоми худро ба асоси рӯҳӣ бунёд кардааст. Ин асос ақида аст. Бинобар ин ҷиҳати рӯҳӣ асоси ҳазорат, давлат ва шариати он мебошад.

Шариати исломӣ барои ахлоқ низоми ҷудогонаи батафсилро баён накард, гарчи низомҳои ибодат, муомалот ва уқуботро бо дақиқсанҷӣ баён карда бошад ҳам. Балки аҳкоми ахлоқро бо эътибори фармон ва боздоштҳои Аллоҳ муоличҳа кард. Бо эътибори соҳаи аз дигарон фарққунанда ва сазовори аҳамияти алоҳида ба тафсилоти он напардохт. Баръакс, агар ба тафсилоти аҳкоми ахлоқ назар афканда шавад, аён мешавад, ки онҳо назар ба тафсилоти ҳукмҳои дигар хеле кам мебошанд. Ислом дар фиқҳ низ барои ахлоқ боби хоси алоҳида ҷудо накардааст. Бинобар ин дар китобҳои фиқҳ, ки аҳкоми шаръиро дар бар гирифтаанд, ягон боберо намеёбем, ки "Боби

ахлоқ" номида шуда бошад. Фуқаҳо ва муҷтаҳидон низ ба аҳкоми ахлоқӣ бо мақсади баҳс ва истинбот эътибор надодаанд.

Ахлоқ ба бунёди ҷомеа ҳаргиз таъсир намебахшад, чунки ҷомеа ба асоси низомҳои ҳаёт бунёд шуда, ба он асосан дарёфтҳо ва фикрҳо таъсир мерасонанд. Аммо хулқ ба бунёди ҷомеа, тараққиёт ё фурӯравии он таъсир расонда наметавонад. Балки омили таъсиррасон аз урфи умумӣ иборат аст, ки аз пиндорҳо дар бораи ҳаёт пайдо мешавад. Қувваи идоракунандаи ҷомеа хулқ нест, балки қонунҳоест, ки дар он татбиқ мешаванд ва фикрҳою дарёфтҳоест, ки мардум дар худ муҷассам мекунанд. Зотан хулқ аз фикрҳо ва дарёфтҳо пайдо шуда, натиҷаи татбиқи низом мебошад.

Бинобар ин дар ҷомеа паҳн кардани даъват ба ахлоқ ҷоиз нест, чунки ахлоқ натиҷаи фармонҳои Аллоҳ буда, аз даъват ба ақида ва татбиқи Ислом дар шакли умумӣ ҳосил мешавад. Зеро ба ахлоқ даъват карда шавад, мумкин аст пиндорҳои исломӣ дар бораи ҳаёт баръакс нишон дода шаванд, мардумро аз фаҳмиши ҳақиқат ва такяҳои ҷомеа дур кунад ва онҳоро бо баъзе фазилатҳое сархуш кунад, ки аз воситаҳои ҳақиқии пешрафти ҳаёт ба ғафлат меандозад.

Аз ҳамин сабаб, ба даъвати ахлоқ табдил додани даъвати Ислом хатарнок мебошад. Чунки ин гуна ҳолат хаёли "Даъвати Ислом аз даъвати ахлоқӣ иборат аст"-ро ба вуҷуд меорад ва дар бораи Ислом тасаввури ба фикр асоснокшударо аз байн бурда, дар роҳи Исломро фаҳмидани мардум монеа мешавад. Инчунин эътибори онҳоро аз роҳи ягонаи татбиқи Ислом, яъне аз бунёди Давлати Исломӣ ба сӯи дигар ҷалб мекунад. Шариати Ислом алоқаи инсонро нисбат ба нафси худ бо аҳкоми шаръии оид ба сифатҳои ахлоқӣ муолиҷа кард. Вале инро дар намуди низоми муайян ташаккул надод, монанди ибодат ва муомалот. Балки дар ин соҳа рӯёби қимату арзишҳои муайянро мулоҳиза кард, ки Аллоҳ фармудааст, монанди ростгӯ ва амонатдор будан, фиребгар ва ҳасадгӯ набудан. Ахлоқ танҳо аз чизи ягона ҳосил мешавад. Ин чиз фармони Аллоҳ аст, ба ҳосил кардани қиматҳои ахлоқӣ, монанди олиҷанобӣ ва фазилатҳои гуногун, такон медиҳад. Амонат хулқ буда, Аллоҳ ба он фармудааст. Ҳангоми амалӣ кардани он ба

қимати ахлоқии он риоя кардан воҷиб аст. Аз ин рӯ, бо воситаи амонат қимати ахлоқӣ ба рӯёб мебарояд ва ахлоқ номидани он мумкин мегардад. Аммо дар ҳосил шудани ин сифатҳо аз натиҷаҳои амалҳо, монанди иффати аз намоз пайдошаванда ё дар ҳосил шудани онҳо аз зарурати риоя кардани онҳо ҳангоми барпои муомалот, монанди ростгӯӣ дар байъ (савдо) қимати ахлоқӣ ҳосил намешавад. Чунки ҳангоми иҷрои ин амалҳо мақсади асосӣ амалӣ кардани қимати ахлоқӣ набуд. Ин гуна сифатҳое, ки дар натиҷаи амалҳо ва барои зарурати риоя ба вуҷуд меоянд, танҳо сифатҳои мӯъмин мебошанд, ки ба Аллоҳ ибодат мекунад ва бо муомалот машғул аст. Чунки мӯъмин дар мисоли аввал, аз намоз рӯёби қимати рӯҳиро, дар мисоли дуюм, аз тиҷорат рӯёби қимати моддиро мақсад карда буда, дар як вақт сифатҳои ахлоқиро низ дар худ муҷассам мекунад.

Шариат сифатҳое, ки хулқи некӯ ба ҳисоб мераванд ва сифатҳое, ки хулқи бад ба шумор мераванд, баён намуда, ба хулқи некӯ тарғиб кард ва аз хулқи бад боздошт. Ба ростгӯӣ, амонатдорӣ, кушодарӯӣ, ҳаё, ба падару модар некӣ кардан, бо хешовандон доимо нек рафтор кардан (силаи раҳм), дар мусибат ва ҳолатҳои андӯҳгин ҳол пурсидан (ҳамдардӣ), чизи дӯстдоштаи худро бо дӯсти худ баҳам дидан тарғиб намуда, инҳо ва хайроти мисли инҳоро тарғиб ба итоати фармонҳои Аллоҳ ҳисоб кард. Аз сифатҳои акси инҳо, монанди дурӯғгӯӣ, хиёнат, ҳасад, беҳаёгӣ ва ғайра боздошт. Инро ва аз палидиҳои мисли онҳо боздоштанро аз боздоштҳои Аллоҳ боздоштан эътибор кард.

Ахлоқ як ҷузъи ҳамин шариат буда, як қисми фармон ва боздоштҳои Аллоҳ аст. Ҳар як муслим бояд барои пурра амал кардани Ислом ва комилан иҷро кардани фармонҳои Аллоҳ дар шахсияти худ ахлоқро муҷассам кунад. Лекин танҳо бо роҳи бавуҷудории дарёфтҳои исломӣ ва афкори исломӣ ахлоқ дар тамоми ҷомеа муҷассам мегардад. Агар ахлоқ дар як ҷамоаи муайян ба рӯёб бароварда шавад, он худ аз худ дар ҳар як шахс шакл мегирад. Кушоду равшан аст, ки ба даст даровардани муҷассамии ахлоқ бевосита бо даъват ба ахлоқ амалӣ намешавад. Баръакс, чунон ки ба он дар боло ишора шуд, бо бавуҷудории дарёфтҳо ва фикрҳои хоси Ислом амалӣ мешавад.

Лекин ин пеш аз ҳама бо Ислом тарбия кардани як гурӯҳи муайянро талаб мекунад. Шахсҳои ин гурӯҳ бояд қисми ҷудонашавандаи ҷамоа бошанд, на ҳамчун шахсҳои мустақил, ки бо ташвиши худ зиндагӣ мекунанд. То ки онҳо дар ҷомеа даъвати мукаммали Исломро ба майдон бароварда, дарёфтҳо ва афкори хоси Исломро ба вуҷуд оранд. Дар натиҷаи ин, вақте ки мардум ба Ислом гурӯҳ-гурӯҳ шуда медароянд, худ аз худ ба майдони ахлоқ низ гурӯҳ-гурӯҳ шуда медароянд. Бояд дақиқан мулоҳиза кард, ки ин сухани мо маънидод мекунад, ки дар татбиқи фармонҳои Аллоҳ ва Ислом ахлоқ чӣ қадар аҳамият дорад ва зарурати ҷудонашавандаи татбиқи фармонҳои илоҳӣ ва Ислом мебошад. Инчунин ин таъкид мекунад, ки ҳар як муслим бояд дар шахсияти худ хулқҳои зеборо муҷассам кунад. Аллоҳ Таоло дар бисёр сураҳои Қуръони Карим сифатҳоеро баён кардааст, ки инсон бояд онҳоро дар худ муҷассам кунад ва доимо ба онҳо кӯшиш намояд. Ин сифатҳо аз эътиқод, ибодат, муомалот ва ахлоқ иборат буда, ин чор сифат бояд ба як маҷмӯаи яклухт табдил ёбад. Аллоҳ Таоло дар сураи "Луқмон" чунин мегӯяд:

وَإِذْ قَالَ لُقْمَانُ لِابْنِهِ وَهُوَ يَعِظُهُ يَا بُنَيَّ لَا تُشْرِكْ بِاللَّهِ إِنَّ الشِّرْكَ لَظُلْمٌ عَظِيمٌ وَوَصَّيْنَا الْإِنْسَانَ بِوَالِدَيْهِ حَمَلَتْهُ أُمُّهُ وَهْنًا عَلَىٰ وَهْنٍ وَفِصَالُهُ فِي عَامَيْنِ أَنِ اشْكُرْ لِي وَلِوَالِدَيْكَ إِلَيَّ الْمَصِيرُ وَإِنْ جَاهَدَاكَ عَلَىٰ أَنْ تُشْرِكَ بِي مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ فَلَا تُطِعْهُمَا وَصَاحِبْهُمَا فِي الدُّنْيَا مَعْرُوفًا وَاتَّبِعْ سَبِيلَ مَنْ أَنَابَ إِلَيَّ ثُمَّ إِلَيَّ مَرْجِعُكُمْ فَأُنَبِّئُكُمْ بِمَا كُنْتُمْ تَعْمَلُونَ يَا بُنَيَّ إِنَّهَا إِنْ تَكُ مِثْقَالَ حَبَّةٍ مِنْ خَرْدَلٍ فَتَكُنْ فِي صَخْرَةٍ أَوْ فِي السَّمَاوَاتِ أَوْ فِي الْأَرْضِ يَأْتِ بِهَا اللَّهُ إِنَّ اللَّهَ لَطِيفٌ خَبِيرٌ يَا بُنَيَّ أَقِمِ الصَّلَاةَ وَأْمُرْ بِالْمَعْرُوفِ وَانْهَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَاصْبِرْ عَلَىٰ مَا أَصَابَكَ إِنَّ ذَٰلِكَ مِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ وَلَا تُصَعِّرْ خَدَّكَ لِلنَّاسِ وَلَا تَمْشِ فِي الْأَرْضِ مَرَحًا إِنَّ اللَّهَ لَا يُحِبُّ كُلَّ مُخْتَالٍ فَخُورٍ وَاقْصِدْ فِي مَشْيِكَ وَاغْضُضْ مِنْ صَوْتِكَ إِنَّ أَنْكَرَ الْأَصْوَاتِ لَصَوْتُ الْحَمِيرِ

**"Ва Луқмон ба писараш гуфт ва ӯро панд медод, ки эй писараки ман, ба Аллоҳ ширк маёвар, зеро ширк зулмест бузург. Одамиро дар бораи падару модараш супориш кардем. Модараш ба ӯ ҳомила шуд ва ҳар рӯз нотавонтар**

**мешуд ва пас аз ду сол аз шираш бозгирифт. Ва супориш кардем, ки Марову падару модаратро шукр гӯй, ки бозгашти ту назди ман аст. Агар он ду ба кӯшиш аз ту бихоҳанд, то чизеро, ки намедонӣ чист, бо Ман шарик гардонӣ, итоаташон накун. Дар дунё бо онҳо ба тарифе писандида зиндагӣ кун ва худ роҳи касонеро, ки ба даргоҳи Ман бозмегарданд, дар пеш гир. Бозгашти ҳамаи шумо ба сӯи Ман аст ва Ман аз корҳое, ки мекунадед, огоҳатон мекунам. Эй писараки ман! Агар амал ба қадри як донаи хардал дар даруни харсанге ё дар осмонҳо ё дар замин, бошад, Аллоҳ ба ҳисобаш меоварад, ки Ӯ заррабину огоҳ аст! Эй писараки ман! Намоз бигузор ва амр ба маъруфу наҳй аз мункар кун ва бар ҳар чӣ бар ту расад, сабр кун, ки ин аз корҳоест, ки набояд дар онҳо бепарвоӣ кард. Ба такаббур аз мардум рӯй магардон ва ба худписандӣ бар замин роҳ марав, зеро Аллоҳ ҳеҷ такаббури фахрфурӯшеро дӯст надорад. Дар рафторат роҳи миёнаро баргузин ва овозатро фуруд ор, яъне баланди беҳад накун, зеро нохуштарини овозҳо овози харон аст"** (31:13-19).

Аллоҳ Таоло дар сураи "Фурқон" чунин мегӯяд:

وَعِبَادُ الرَّحْمَٰنِ الَّذِينَ يَمْشُونَ عَلَى الْأَرْضِ هَوْنًا وَإِذَا خَاطَبَهُمُ الْجَاهِلُونَ قَالُوا سَلَامًا وَالَّذِينَ يَبِيتُونَ لِرَبِّهِمْ سُجَّدًا وَقِيَامًا وَالَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَا اصْرِفْ عَنَّا عَذَابَ جَهَنَّمَ إِنَّ عَذَابَهَا كَانَ غَرَامًا إِنَّهَا سَاءَتْ مُسْتَقَرًّا وَمُقَامًا وَالَّذِينَ إِذَا أَنْفَقُوا لَمْ يُسْرِفُوا وَلَمْ يَقْتُرُوا وَكَانَ بَيْنَ ذَٰلِكَ قَوَامًا وَالَّذِينَ لَا يَدْعُونَ مَعَ اللَّهِ إِلَٰهًا آخَرَ وَلَا يَقْتُلُونَ النَّفْسَ الَّتِي حَرَّمَ اللَّهُ إِلَّا بِالْحَقِّ وَلَا يَزْنُونَ وَمَنْ يَفْعَلْ ذَٰلِكَ يَلْقَ أَثَامًا يُضَاعَفْ لَهُ الْعَذَابُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَيَخْلُدْ فِيهِ مُهَانًا إِلَّا مَنْ تَابَ وَآمَنَ وَعَمِلَ عَمَلًا صَالِحًا فَأُولَٰئِكَ يُبَدِّلُ اللَّهُ سَيِّئَاتِهِمْ حَسَنَاتٍ وَكَانَ اللَّهُ غَفُورًا رَحِيمًا وَمَنْ تَابَ وَعَمِلَ صَالِحًا فَإِنَّهُ يَتُوبُ إِلَى اللَّهِ مَتَابًا وَالَّذِينَ لَا يَشْهَدُونَ الزُّورَ وَإِذَا مَرُّوا بِاللَّغْوِ مَرُّوا كِرَامًا وَالَّذِينَ إِذَا ذُكِّرُوا بِآيَاتِ رَبِّهِمْ لَمْ يَخِرُّوا عَلَيْهَا صُمًّا وَعُمْيَانًا وَالَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَا هَبْ لَنَا مِنْ

أَزْوَاجِنَا وَذُرِّيَّاتِنَا قُرَّةَ أَعْيُنٍ وَاجْعَلْنَا لِلْمُتَّقِينَ إِمَامًا أُولَئِكَ يُجْزَوْنَ الْغُرْفَةَ بِمَا صَبَرُوا وَيُلَقَّوْنَ فِيهَا تَحِيَّةً وَسَلَامًا خَالِدِينَ فِيهَا حَسُنَتْ مُسْتَقَرًّا وَمُقَامًا

**"Бандагони Худои раҳмон касоне ҳастанд, ки дар рӯи замин ба фурӯтанӣ роҳ мераванд. Ва чун ҷоҳилон ононро хитоб кунанд, ба мулоимӣ сухан гӯянд. Ва онон, ки шабро дар саҷда ё дар қиём барои Парвардигорашон рӯз мекунанд. Ва онон, ки мегӯянд: "Эй Парвардигори мо, азоби ҷаҳаннамро аз мо бигардон, зеро азоби ҷаҳаннам азобест доим! "Ҷаҳаннам бад кароргоҳу бад маконест". Ва онон, ки чун нафақа мекунанд, исроф намекунанд ва хасисӣ намекунанд, балки миёни ин ду роҳи миёнаро мегиранд. Ва онон, ки бо Худои якто худои дигаре намегиранд ва касеро, ки Аллоҳ куштанашро ҳаром карда, ба ғайри ҳақ намекушанд ва зино намекунанд. Ва ҳар кӣ ин корҳо кунад, уқубати гуноҳи худро мебинад. Азобаш дар рӯзи қиёмат музоъаф (дучандон) мешавад ва то абад ба хори дар он азоб хоҳад буд, ғайри он касон, ки тавба кунанд ва имон оваранд ва корҳои шоиста кунанд. Аллоҳ гуноҳонашонро ба некиҳо мубаддал мекунад ва Аллоҳ бахшояндаву меҳрубон аст! Ва ҳар кӣ тавба кунад ва кори шоиста кунад, ба шоистагӣ назди Аллоҳ бозгардад. Ва онон, ки ба дурӯғ шоҳидӣ намедиҳанд ва чун бар нописандӣ бигзаранд, ба шитоб аз он дурӣ меҷӯянд. Ва онон, ки чун ба оёти Парвардигорашон пандашон диҳанд, дар баробари он чун карону кӯрон набошанд. Ва онон, ки мегӯянд: "Эй Парвардигори мо, аз ҳамсарону фарзандонамон дилҳои моро шод дор ва моро пешвон! парҳезгорон гардон!" Инҳо ҳамон касонанд, ки ба хотири сабре, ки таҳаммул кардаанд, ғурфаҳои биҳиштро музд ёбанд ва дар он ҷо ба дуруду саломашон бинавозанд. Ҷовидона дар он ҷо бошанд. Чӣ некӯ қароргоҳу маконест!"** (25:63-76).

Аллоҳ Таоло дар сураи "Исро" чунин мегӯяд:

وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا إِيَّاهُ وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَانًا إِمَّا يَبْلُغَنَّ عِنْدَكَ الْكِبَرَ أَحَدُهُمَا أَوْ كِلَاهُمَا فَلَا تَقُلْ لَهُمَا أُفٍّ وَلَا تَنْهَرْهُمَا وَقُلْ لَهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا وَاخْفِضْ لَهُمَا جَنَاحَ الذُّلِّ مِنَ الرَّحْمَةِ وَقُلْ رَبِّ ارْحَمْهُمَا كَمَا رَبَّيَانِي صَغِيرًا

رَبُّكُمْ أَعْلَمُ بِمَا فِي نُفُوسِكُمْ إِنْ تَكُونُوا صَالِحِينَ فَإِنَّهُ كَانَ لِلْأَوَّابِينَ غَفُورًا
وَآتِ ذَا الْقُرْبَىٰ حَقَّهُ وَالْمِسْكِينَ وَابْنَ السَّبِيلِ وَلَا تُبَذِّرْ تَبْذِيرًا إِنَّ الْمُبَذِّرِينَ
كَانُوا إِخْوَانَ الشَّيَاطِينِ وَكَانَ الشَّيْطَانُ لِرَبِّهِ كَفُورًا وَإِمَّا تُعْرِضَنَّ عَنْهُمُ ابْتِغَاءَ
رَحْمَةٍ مِنْ رَبِّكَ تَرْجُوهَا فَقُلْ لَهُمْ قَوْلًا مَيْسُورًا وَلَا تَجْعَلْ يَدَكَ مَغْلُولَةً إِلَىٰ
عُنُقِكَ وَلَا تَبْسُطْهَا كُلَّ الْبَسْطِ فَتَقْعُدَ مَلُومًا مَحْسُورًا إِنَّ رَبَّكَ يَبْسُطُ الرِّزْقَ
لِمَنْ يَشَاءُ وَيَقْدِرُ إِنَّهُ كَانَ بِعِبَادِهِ خَبِيرًا بَصِيرًا وَلَا تَقْتُلُوا أَوْلَادَكُمْ خَشْيَةَ
إِمْلَاقٍ نَحْنُ نَرْزُقُهُمْ وَإِيَّاكُمْ إِنَّ قَتْلَهُمْ كَانَ خِطْئًا كَبِيرًا وَلَا تَقْرَبُوا الزِّنَا إِنَّهُ
كَانَ فَاحِشَةً وَسَاءَ سَبِيلًا وَلَا تَقْتُلُوا النَّفْسَ الَّتِي حَرَّمَ اللَّهُ إِلَّا بِالْحَقِّ وَمَنْ
قُتِلَ مَظْلُومًا فَقَدْ جَعَلْنَا لِوَلِيِّهِ سُلْطَانًا فَلَا يُسْرِفْ فِي الْقَتْلِ إِنَّهُ كَانَ مَنْصُورًا
وَلَا تَقْرَبُوا مَالَ الْيَتِيمِ إِلَّا بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ حَتَّىٰ يَبْلُغَ أَشُدَّهُ وَأَوْفُوا بِالْعَهْدِ
إِنَّ الْعَهْدَ كَانَ مَسْئُولًا وَأَوْفُوا الْكَيْلَ إِذَا كِلْتُمْ وَزِنُوا بِالْقِسْطَاسِ الْمُسْتَقِيمِ
ذَٰلِكَ خَيْرٌ وَأَحْسَنُ تَأْوِيلًا وَلَا تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ إِنَّ السَّمْعَ وَالْبَصَرَ
وَالْفُؤَادَ كُلُّ أُولَٰئِكَ كَانَ عَنْهُ مَسْئُولًا وَلَا تَمْشِ فِي الْأَرْضِ مَرَحًا إِنَّكَ لَنْ تَخْرِقَ
الْأَرْضَ وَلَنْ تَبْلُغَ الْجِبَالَ طُولًا كُلُّ ذَٰلِكَ كَانَ سَيِّئُهُ عِنْدَ رَبِّكَ مَكْرُوهًا

**"Парвардигорат муқаррар дошт, ки ҷуз Ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед. Ҳар гоҳ то ту зинда ҳастӣ, ҳар ду ё яке аз он ду солхӯрда шаванд, ононро маёзор ва ба дуруштӣ хитоб макун ва бо онон ба икром сухан бигӯй. Дар баробарашон аз рӯи меҳрубони сари хоксорӣ хам бикун ва бигӯ: "Эй Парвардигори ман, ҳамчунон ки маро дар хурдӣ парвариш доданд, бар онҳо раҳмат овар". Парвардигоратон аз ҳар каси дигар ба он чӣ дар дилҳоятон мегузарад, донотар аст ва агар аз солеҳон бошед, Ӯ тавбакунандагонро меомурзад. Ҳаққи хешовандону мискин ва дар роҳ мондаро адо кун ва ҳеҷ исрофкорӣ макун. Исрофкорон бо шайтонҳо бародаранд ва шайтон нисбат ба Парвардигораш ношукр буд, Ва агар ба интизори кушоише, ки аз ҷониби Парвардигорат умед медорӣ, ва аз онҳо рӯйгардонӣ мекунӣ, пас бо онҳо ба нармӣ сухан бигӯй. На дасти худ аз**

**рӯи хиссат (хасисӣ) ба гардан бубанд ва на ба саховат якбора бикушой, ки дар ҳар ду ҳол маломатзадаву ҳасратхӯрда бинишинӣ. Парвардигори ту дар ризқи ҳар кас, ки бихоҳад, кушоиш медиҳад ё танг мегирад, зеро Ӯ ба бандагонаш огоҳу биност! Фарзандони худро аз бими дарвешӣ макушед. Мо ҳам шуморо рӯзӣ медиҳем ва ҳам онҳоро Куштанатон хатои бузургест. Ва ба зино наздик машавед. Зино коре зишт ва роҳе нописанд аст! Касеро, ки Аллоҳ куштанашро ҳаром кардааст, накушед, ғайри ба ҳақ. Ва ҳар кас, ки ба ситам кушта шавад, ба талабкунандаи хуни ӯ қудрате додаем, вале дар интиқом аз ҳад нагузарад, ки Ӯ пирӯзманд аст. Ҷуз ба тарзе некӯтар ба моли ятим наздик нашавед, то он гоҳ, ки ба ҳадди булуғаш бирасад. Ва ба аҳди худ вафо кунед, ки бозхост хоҳед шуд. Чун чизеро чен кунед, паймонаро комил гардонед ва бо тарозуи дуруст вазн кунед, ки ин беҳтар ва саранҷомаш некӯтар аст. Аз паи он чӣ надонӣ, ки чист, марав, зеро гӯшу чашму дил — ҳамаро ба он бозхост кунанд. Ба худписандӣ бар замин роҳ марав, ки заминро нахоҳӣ шикофт ва ба баландии кӯҳҳо нахоҳӣ расид. Ҳамаи ин корҳо нописанд аст ва Парвардигори ту онҳоро нохуш дорад"** (17:23-38).

Ҳар яки ин оятҳои се сураи мазкур як лавҳа буда, сифатҳои гуногунро баён мекунад. Аз инҳо симои муслим ҷилва карда, шахсияти исломӣ, ки дар асоси Ислом тарбия ёфтааст, дар қиёфаи шахсии аз дигарон фарққунандаи худ равшан муҷассам мегардад. Бояд аз мулоҳиза дар канор намонад, ки сифатҳои гуногуни дар ин оятҳо баёншуда фармон ва боздоштҳои Аллоҳ Таоло мебошанд. Аз ҷумла дар байни ин оятҳо аҳкоми тааллуқдори эътиқод мавҷуданд, чунон ки аҳкоми тааллуқдори ибодат, муомалот ва ахлоқ вуҷуд доранд. Боз бояд ҳаминро мулоҳиза кард, ки оятҳои мазкур бо сифатҳои ахлоқӣ барканор нашудаанд, балки эътиқод, ибодат ва муомалотро дар бар гирифтаанд, чунон ки ахлоқро дар бар гирифтаанд. Инҳо сифатҳое мебошанд, ки шахсияти исломиро ба вуҷуд меоранд. Агар маҳз ба ахлоқ маҳдуд шавем, ба вуҷуд овардани инсони комил ва шахсияти исломӣ ғайриимкон аст. Ғоя бояд ба асоси рӯҳӣ, яъне ба асоси Ақидаи Исломӣ бунёд шуда, ахлоқро дар

худ муҷассам кардани инсон низ айнан ба асоси ин ақида барпо шавад, то ғояи аз ахлоқ чашмдошташуда амалӣ гардад. Бинобар ин, вақте ки муслим сифати ростгӯиро дар худ муҷассам мекунад, зотан танҳо барои ба "ростгӯӣ" амр кардани Аллоҳ дар худ муҷассам мекунад, гарчи ҳангоми гуфтани сухани рост ба пеши худ амалӣ кардани қимати ахлоқиро мақсад мегузорад. Хулоса, ахлоқ на бо эътибори ахлоқ, балки танҳо барои амр кардани Аллоҳ аз худ карда мешавад. Зеро Аллоҳ ба инсон фармудааст, ки дар шахсияти худ ахлоқро муҷассам кунад.

Аз ҳамин сабаб муслим бояд сифатҳои ахлоқиро дар худ муҷассам карда, итоаткунон онҳоро амалӣ кунад. Зеро онҳо сифатҳое мебошанд, ки ба тақвои Аллоҳ зич вобастаанд. ғайр аз он ки ахлоқ аз фармон ва боздоштҳои муайян иборат аст, мумкин аст дар натиҷаи ибодат пайдо шавад:

إِنَّ الصَّلَاةَ تَنْهَىٰ عَنِ الْفَحْشَاءِ وَالْمُنْكَرِ

**"Намоз аз фаҳш ва мункар бозмедорад"** (29:45). Инчунин мумкин аст аз ҳолатҳое ба вуҷуд ояд, ки дар муомалот риоя шудани онҳо воҷиб аст, монанди ҳадиси:

الدِّينُ الْمُعَامَلَةُ

**"Дин муомила аст".**

Ин дар шахсияти муслим ахлоқро боз ҳам барқарор карда, ба сифати ҷудонопазири ӯ табдил медиҳад. Бинобар ин ахлоқ аз сифатҳои мустақил иборат буда, бо дигар низомҳои ҳаёт ҳамоҳанг мегардад. Ин баркамол шудани шахси муслимро кафолатнок мегардонад. Гузашта аз ин, дар худ муҷассам кардани хулқ барои фоида ё зарар овардани ин хулқ дар майдони ҳаёт барпо карда намешавад. Балки ба амри Аллоҳ Таоло ҷавобан ва барои итоат кардани боздоштҳои Ӯ барпо карда мешавад. Ин ба доимӣ ва барқарор шудани ахлоқи зебо дар шахсияти муслим хизмат мекунад, модом ки ӯ аз паи манфиат надавида, дар пурра татбиқ кардани Ислом ба ҳаёти худ бо сабот зиндагӣ мекунад. Зеро аз хулқ манфиатпарастӣ қасд карда намешавад, балки он бояд аз хулқ дур бошад. Аз ин мебарояд, ки мақсад аз хулқ фақат қимати ахлоқӣ мебошад, на қимати моддӣ, на инсонӣ ва на рӯҳӣ. Ба хулқ дахлдор будани

қиматҳои мазкур ҷоиз нест. То ки онҳо дар барпои хулқ ё азхудкунии он сабабгори пайдоиши изтироб нагарданд. Бояд огоҳ кард, ки аз хулқ дур будани қимати моддӣ ва аз барои манфиат ё фоида иҷрошавии хулқ эҳтиёт шудан воҷиб аст. Ин барои хулқ хатарнок аст.

Хулоса ин аст, ки ахлоқ аз такягоҳҳои ҷомеа нест, балки аз такягоҳҳои шахс аст. Барои ҳамин ҷомеа бо воситаи ахлоқ ислоҳ намешавад, балки танҳо бо фикрҳо ва дарёфтҳои хоси Ислом ва татбиқи низоми Ислом ислоҳ мегардад. Гарчи ахлоқ аз такягоҳҳои шахс бошад ҳам, лекин танҳо худи он вазифаи такяро иҷро карда наметавонад. Ин ҷоиз ҳам нест, балки эътиқод, ибодат ва муомалот бояд дар шахс ба он ҳамроҳ бошад. Барои ҳамин аз шахсе, ки зебоахлоқ аст, аммо эътиқоди ғайриисломӣ дорад, ибрат гирифта намешавад. Чунки ӯ дар ин ҳол кофир ба ҳисоб меравад. Ва ҳол он ки аз куфр бузургтар гуноҳе нест. Инчунин инсоне, ки ахлоқи зебо дорад, аммо ибодатҳоро адо намекунад ё дар муомилаи худ мувофиқи аҳкоми шариат рафтор намекунад, эътибор надорад. Аз ин маълум мешавад, ки дар тарбия кардани шахс бояд ба мавҷудияти эътиқод, ибодат, муомалот ва ахлоқ дар якҷоягӣ риоя карда шавад. Маҳз ба ахлоқ аҳамият дода, тарк кардани сифатҳои дигар шаръан ҷоиз нест. Аз ин ҳам муҳимтар аст, ки ба эътиқод қаноат ҳосил накарда ба чизи дигар аҳамият додан ҷоиз нест. Кори асосӣ дар ахлоқ ин аст, ки ахлоқ бояд ба асоси эътиқоди исломӣ бунёд гардад. Гузашта аз ин, мӯъмин бояд ба фармону боздоштҳои Аллоҳ Таоло будани ахлоқ такя карда, онро дар шахсияти худ муҷассам кунад.